# М А Ъ Л У М О Т
## оид ба натиҷаи мониторинги маҷмӯии ҷараёни иҷрои Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Нақшаи чорабиниҳои амалисозии он барои марҳилаи якум (солҳои 2021- 2025)

Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини иҷрои банди 4 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 августи соли 2021, №222 "Дар бораи Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Нақшаи чорабиниҳои амалисозии он барои марҳилаи якум (солҳои 2021- 2025)" мониторинги маҷмӯии ҷараёни иҷрои стратегия ва нақшаи чорабиниҳои амалисозии онро дар асоси санҷишу таҳлилҳо ва маълумоти вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот гузаронид.

Муайян карда шуд, ки "Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" Нақша чорабиниҳоеро дарбар мегирад, ки он аз 70 банд иборат буда, дар он вазифа, натиҷаҳои чашмдошт, муҳлати иҷро ва иҷрокунандагони чорабиниҳо пешбинӣ карда шуда, ҷиҳати татбиқи он аз ҷониби вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот бояд сараввал дар заминаи барномаи стратегияи мазкур барномаи идоравии (соҳавии) зиддикоррупсионӣ таҳия карда шавад, ки он тамоми давраи амалисозии стратегияро фаро мегирад. Минбаъд барои давра ба давра амалисозии барномаҳои идоравӣ (соҳавии зиддикоррупсионӣ) бояд барои ҳар сол нақшаҳои дохилиидоравӣ таҳия гардад, ки он ба нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегия мутобиқ буда, чорабиниҳоеро дарбар мегирад, ки вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар таъмини иҷрои он аз рӯи самти фаъолият ба ҳайси иҷрокунандаи асосӣ ва ё ҳамиҷрокунанда масъул мебошанд. Назорати таъмини иҷрои саривақтии нақшаҳои дохилиидоравӣ бошад, ба зиммаи роҳбарони вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар ташкилоту муассисаҳо (роҳбар, муовини якум ё яке аз муовинон) вогузор карда шудааст.

Мутобиқи талаботи банди 3 Фармони болозикр вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот вазифадор карда шудаанд, ки ҷиҳати таъмини иҷрои Сратегия ва нақшаи чорабиниҳои амалисозии он нақшаҳои кори дохилиидоравиро барои ҳар сол таҳия ва тасдиқ намуда, оид ба иҷрои онҳо ҳамасола ба Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот ирсол намоянд.

Самаранокии иҷрои "Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Нақшаи чорабиниҳои амалисозии он барои марҳилаи якум (солҳои 2021- 2025)" (минбаъд Стратегия) муайян намуд, ки мониторинг ва баҳодиҳӣ бо чунин роҳ арзёбӣ ёфтааст.

Чунончи, фасли 1 (Чорабиниҳои умумӣ оид ба амалисозии Стратегия) Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегия аз 3 банд иборат буда, талаботи бандҳои 1 ва 2-и Нақша "Таҳия ва тасдиқи барномаи дохилидоравии

зиддикоррупсионӣ ва нақшаи чорабиниҳои он барои ҳар сол ва муайян намудани шахси мутасаддӣ аз ҳисоби роҳбарони аввали вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар, новобаста аз шакли моликият оид ба таъмини иҷрои Стратегия”-ро пешбинӣ кардааст, ки мақсади ин бандҳо таъмини иҷрои пурраю воқеъбинона ва ба низом даровардани рафти таъмини иҷрои Стратегия мебошад.

Аз ин рӯ, мониторинг ва баҳодиҳии гузаронидашуда нишон дод, ки дар аксари вазоратҳо, идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо барномаҳои дохилидоравии зиддикоррупсионӣ ва нақшаи чорабиниҳои он таҳия ва тасдиқ карда шуда, фаъолияти минбаъда дар ин самт тибқи чорабиниҳои банақшагирифташуда амалӣ карда шуда истодаанд.

Банди 3-и Нақша “Гузаронидани санҷишу таҳлил ҷиҳати муайян намудани ҳолати иҷрои Стратегия ва дар ин асос пешниҳод намудани маълумоти солона ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”-ро пешбинӣ намудааст. Ҳадафи асосии ин банд назоратбарии давра ба давраи рафти таъмини иҷрои Стратегия мебошад.

Вобаста ба иҷрои ин банд аз ҷониби Агентӣ солҳои 2021 ва 2022 санҷишу таҳлили ҳолати иҷрои Стратегия дар вазоратҳо, идораҳо, дигар мақомоти идоракунии давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот гузаронида шуда, оид ба натиҷаи он маълумотномаҳои муфассал бо дарҷ намудани камбудиҳои ошкоргардида тартиб дода шуда, роҳбарони аввали ин ниҳодҳо шинос карда шуда, ба Директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудаанд. Инчунин, баҳри рафъи камбудиҳои ошкоргардида ба роҳбарони вазорату идораҳо, дигар мақомоти идоракунии давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дастуру пешниҳодҳо ирсол гардида, бо иштироки бевоситаи кормандони Агентӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Тибқи ҷавобҳои аз вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вобаста ба баррасии пешиҳодҳо воридгардида камбудиҳои ошкоргардида бартараф карда шудаанд.

Натиҷаи санҷишҳои гузаронидашуда ҳамасола дар ҷаласаҳои Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор гирифта, ҳисоботи роҳбарони вазорату идораҳо, дигар мақомоти идоракунии давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ шунида шуда, дар ин самт қарорҳои дахлдор қабул ва ҷиҳати назоратбарии рафти таъмини иҷрои стратегия нақшаи корӣ барои соли минбаъда тасдиқ мегардад.

Тақвият бахшидани муқовимат ба коррупсия дар соҳаҳои хизмати давлатӣ, маорифу тандурустӣ, андозу гумрук, хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ, инчунин соҳаҳои дигаре, ки фаъолияташон аз нигоҳи коррупсия осебпазир маҳсуб меёбанд, дар фасли 2 нақшаи мазкур пешбинӣ гардида, фарогири бандҳои 4 - 46 мебошад.

Идома додани ислоҳоти музди меҳнат дар низоми хизмати давлатӣ бо дар назар доштани вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва имкониятҳои буҷетӣ аз талаботи банди 4 нақшаи стратегия бармеояд, ки ҳадафи он баланд бардоштани вазъи иҷтимоии хизматчиёни давлатӣ буда, дар таъмини иҷрои ин чорабинӣ Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун иҷрокунандаи асосӣ, Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар вазорату идораҳо ва

мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба ҳайси ҳамиҷрокунанда ба ҳисоб мераванд.

Дар асоси маълумотҳои пешниҳоднамудаи ниҳодҳои болозикр ҷиҳати амалӣ намудани ислоҳоти музди меҳнати хизматчиёни давлатӣ тибқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 январи соли 2022, №312 "Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия" ва ҷиҳати иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 январи соли 2022, №1, "Дар бораи тадбирҳои амалисозии фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 январи соли 2022, №312" аз моҳи июли соли 2022 андозаи маоши заминавӣ ҳамчун асоси коэффитсиентҳои тарифӣ барои хизматчиёни давлатии мансабҳои маъмурии категорияҳои олӣ, категорияҳои 1-4 хизмати давлатии мақомоти идораи давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот ба андозаи 745 сомонӣ, инчунин барои мансабҳои маъмурии категорияҳои 5-7 хизмати давлатии мақомоти зикргардида ба андозаи 830 сомонӣ муқаррар карда шудааст.

Ҳамчунин қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2021, №55 "Дар бораи андозаи иловапулӣ барои якҷоякунии касбҳо (вазифаҳо), васеъ шудани доираи хизматрасонӣ (зиёд шудани ҳаҷми корҳои иҷрошаванда) ё иҷрои ухдадориҳои корманди муваққатан ба кор ҳозирнабуда барои ташкилотҳои аз буҷети давлатӣ маблағгузоришаванда" қабул карда шуд, ки механизми татбиқи моддаи 152 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 июни соли 2016, №478 вобаста ба додани иловапулӣ ба кормандоне, ки бе озодшавӣ аз кори асосӣ корҳои иловагиро аз рӯи дигар ихтисос, ё вазифаҳои кормандони муваққатан ба кор ҳозирнабуда иҷро мекунанд, муайян карда шуданд.

Новобаста аз мунтазам зиёд гардидани музди меҳнати хизматчиёни давлатӣ нисбатан кам будани музди меҳнати миёнаи моҳонаи хизматчиёни давлатӣ дар муқоиса ба музди меҳнати миёнаи моҳонаи умумиҷумҳуриявӣ ва баъзе соҳаҳои ғайри хизмати давлатӣ боиси суст гардидани ҷолибияти хизмати давлатӣ дар бозори ҷумҳуриявии меҳнат гардида, тамоили афзоиши холӣ мондани ҷойҳои корӣ мушоҳида карда мешавад. Чунин ҳолат ба самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ таъсир мерасонад.

Дар асоси фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 марти соли 2006, №1716 "Дар бораи тадбирҳои тақвият додани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани музди меҳнати ҳадди ақал, маоши амалкунандаи вазифавии кормандони муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ, нафақа ва стипендия" аз 1 апрели соли 2006 музди меҳнати хизматчиёни давлатии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва андозаи иловапулӣ барои рутбаи тахассусӣ, собиқаи корӣ муқаррар шуда, ҳаҷми иловапулӣ барои рутбаҳои тахассусӣ ба хизматчиёни давлатӣ бо фоиз аз музди меҳнати вазифавӣ ба андозаи аз 10 то 25 фоиз ва ҳаҷми иловапулӣ барои собиқаи корӣ бо фоиз аз маоши вазифавии моҳона бо назардошти иловапулӣ барои рутбаҳои тахассусӣ дар ҳолати доштани собиқаи кории хизмати давлатӣ ба андозаи аз 5 то 25 фоиз муайян гардида буд.

Мувофиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2006, №790 "Дар бораи тасдиқи Дастурамал оиди ҳавасмандгардонии хизматчиёни

давлатӣ” бошад, ба хизматчиёни давлатӣ барои дастовардҳои хизматӣ ба андозаи на камтар аз 5 ва на зиёда аз 30 фоизи маоши мансабӣ ба муҳлати на зиёда аз 3 моҳ иловапулӣ пардохт карда мешуд.

Баъд аз қабули фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02 августи соли 2011 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 августи соли 2011, №387, ки пардохти музди меҳнати хизматчиёни давлатии мақомоти идораи давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар асоси Ҷадвали ягонаи тарифӣ ҷорӣ гардид, қарори мазкур аз эътибор соқит дониста шуд.

Дар моддаи 34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ” кафолатҳо барои хизматчии давлатӣ пешбинӣ гардидааст. Тибқи зербанди дуюми банди 1 моддаи 34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ” ба хизматчии давлатӣ мукофотпулӣ, кумакпулӣ, иловапулӣ, ҷубронпулӣ ва изофапулӣ пешбинӣ карда шудааст.

Аз ҷониби Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ” таҳия карда шудааст, ки дар он ҳангоми бароmадан ба рухсатии меҳнатии ҳарсолаи пардохтшаванда ба хизматчии давлатӣ ба тариқи илова дар ҳаҷми музди меҳнати якмоҳа додани кумакпулии яквақта пешбинӣ карда шуда, лоиҳаи мазкур дар баррасӣ қарор дорад.

Бо мақсади пешгирӣ намудани коррупсия дар байни хизматчиёни давлатӣ дар банди 5 нақшаи стратегия “Интихоб ва ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо бо роҳи гузаронидани озмун, баҳодиҳии фаъолият, аттестатсия, ҷойивазкунии (ротатсия) хизматчиёни давлатӣ ҳамчун чораҳои муассири зиддикоррупсионӣ” пешбинӣ гардидааст, ки муҳлати иҷрои он солҳои 2021-2025 мебошад. Вобаста ба иҷрои ин банд аз ҷониби Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар иҷрокунандагон корҳои муайян ба анҷом расонида шудааст.

Аз ҷумла, баҳри такмили Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ, тақвияти раванди интихоби кадрҳои соҳаи хизмати давлатӣ бо роҳи арзёбии сифатҳои касбӣ ва қобилияти кории довталабон, алоқаманд намудани Низомномаи мазкур бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба идоракунии захираҳои инсонӣ ва пешгирии зуҳуроти коррупсионӣ ҳангоми интихоби хизматчиёни давлатӣ ва ҷобаҷогузории кадрҳо, лоиҳаи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2016, №647” таҳия гардида, дар доираи таклифҳои раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (вобаста ба ҷорӣ намудани санҷиши ҳатмии кори хаттӣ барои довталабон) аз 28 ноябри соли 2022, №03-2357 дар баррасии такрории вазорату идораҳои давлатӣ қарор дорад.

Дар соли 2022 масъулини Агентии хизмати давлатӣ дар 443 озмуни мақомоти давлатӣ, ки барои ишғоли 5678 мансаби холии маъмурии хизмати давлатӣ эълон гардидааст, иштирок намуданд. Дар озмунҳои мазкур аз ҳисоби 5678 мансаби холӣ танҳо барои ишғоли 3641 мансаб 8876 нафар довталаб иштирок намуданд, ки аз он 1428 нафарро занон ташкил медиҳанд ва дар 2037 мансаби холӣ довталабон ҳуҷҷат насупориданд. Аз ҳисоби 8876 нафар довталабони ба озмун

ҳуҷҷатсупорида 3531 нафар, аз он 876 нафар занҳо барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ тавсия дода шуданд, ки аз ин теъдод 3014 нафар ҷавонони то 35 - сола мебошанд.

Дар маҷмӯъ барои ишғоли як мансаб асосан 1,6 довталаб рост меояд ва довталабони бори аввал ба хизмати давлатӣ қабулгардида 583 нафар буда, аз ҳисоби ҷавонони то 35 - сола 127 нафар ба мансабҳои роҳбарикунанда таъин карда шуданд.

Бо мақсади таъмини шаффофияти баргузории озмун ва аттестатсияҳо дар толорҳои баргузории ин чорабиниҳо дар соли 2022 дар дастгоҳҳои Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, вазоратҳои адлия, корҳои хориҷӣ, меҳнат муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, нақлиёт, молия, маориф ва илм, фарҳанг, кумитаҳои рушди маҳал, андоз, агентиҳои хизмати давлатӣ, назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, меҳнат ва шуғли аҳолӣ, захираҳои моддии давлатӣ ва ғайраҳо аз таҷҳизоти техникии сабт истифода гардида, фаъолияти доимии видеокамераҳо (бақайдгирандагони наворӣ ва сабти овоз) ҷорӣ карда шудааст.

Тибқи талаботи моддаи 201 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ” ҳолати баҳодиҳии фаъолияти хизматчиёни давлатии мақомоти давлатӣ ҳамасола аз ҷониби Агентии хизмати давлатӣ мавриди таҳлил қарор дода мешавад.

Бо мақсади таҳкими арзёбии натиҷаи фаъолияти хизматчиёни давлатӣ, ки омили боз ҳам самаранок гардидани нишондиҳандаҳои корӣ мебошад, баҳодиҳии фаъолияти хизматчиёни давлатии маъмурӣ тибқи Қоидаҳои гузаронидани баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 июли соли 2019, №1287) ташкил ва баргузор карда мешавад.

Агар аттестатсия дар се сол як маротиба баргузор гардида, дар раванди он сатҳи донишҳои касбӣ ва қобилияти корӣ аз ҷониби комиссияи махсус арзёбӣ шавад, баҳодиҳии фаъолият ҳамасола дар моҳи декабр гузаронида шуда, имконияти муайян намудани сатҳи самаранокии иҷрои уҳдадориҳои мансабии ҳар як хизматчии давлатиро дар назди роҳбари бевоситаи худ (роҳбари воҳиди сохтории мақомоти давлатӣ) ва роҳбари мақоми давлатӣ фароҳам меорад.

Мақсади баҳодиҳии фаъолият ин муайян кардани натиҷаҳои кории хизматчии давлатӣ дар давраи як соли тақвимӣ мебошад ва аз ҷамъбасти баҳодиҳӣ бояд натиҷаҳои мусбӣ қадрдонӣ гардида, барои бартараф намудани паҳлуҳои манфии фаъолият тадбирҳои мушаххас андешида шаванд.

Дар соли 2022 аз рӯи пешниҳоди маълумоти мақомоти давлатӣ ва санҷиши бевоситаи кормандони мақомоти ваколатдори хизмати давлатӣ дар мақомоти давлатӣ мониторинги баргузории баҳодиҳии хизматчиёни давлатӣ (категорияҳои якум-ҳафтум) гузаронида шуда, бо натиҷааш муайян гардид, ки масъулини Агентии хизмати давлатӣ дар 155 (мақомоти марказӣ-62 ҷаласа ва мақомоти маҳаллӣ-93 ҷаласа) ҷаласаи комиссияҳои аттестатсионии мақомоти давлатӣ иштирок намуданд.

Тибқи рӯйхат ва ҷадвалҳои пешниҳоднамудаи мақомоти давлатӣ аз 2832 нафар хизматчиёни давлатӣ, ки бояд ба аттестатсияи навбатӣ фаро гирифта мешуданд, 2592 нафар, аз он зан-578 нафар хизматчиёни давлатӣ ба аттестатсия ҷалб шуда, 240 нафар бо сабабҳои узрнок (рухсатии меҳнатӣ, сафари хизматӣ,

беморӣ ва дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ) дар аттестатсияҳо иштирок накарданд.

Бо хулосаҳои комиссияи аттестатсионӣ аз 2592 нафар хизматчиёни давлатии ба аттестатсия фаро гирифташуда 2396 нафар, аз он зан-537 нафар ба мансаби ишғолнамуда мувофиқ баҳогузорӣ карда шуданд. Аз ин ҳайат 60 нафар, аз он зан-13 нафар барои ба мансаби баландтар таъин намудан, 87 нафар, аз он зан-23 нафар барои дохил кардан ба захираи кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ, 105 нафар, аз он зан-29 нафар барои пеш аз мӯҳлат додани рутбаи тахассусии навбатӣ тавсия гирифтанд.

Дар як вақт тибқи хулосаҳои комиссияҳои аттестатсионӣ 196 нафар, аз он зан-41 нафар ба мансаби ишғолнамуда номувофиқ баҳогузорӣ карда шуданд. Аз ин ҳайат ба 114 (зан-21) нафар барои такмили ихтисос, ба 44 (зан-11) нафар барои ба мансаби пасттар гузаронидан, ба 38 (зан-9) нафар барои аз мансаб озод кардан тавсия дода шудааст.

Татбиқи Қоидаҳои гузаронидани ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 2019, №1328 тасдиқ карда шудааст, тариқи гузаронидани мониторинги ҳолати ҷойивазкунӣ мавриди назорати доимии мақомоти ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ қарор дорад, ки ҳамасола ин раванд дар аввали соли минбаъда ҷамъбаст мегардад (таҳлили соли 2021 пешниҳод гардидааст).

Аз ҷумла, дар Агентии омор 5 нафар, Хадамоти назорати истифодаи амволи давлатӣ 4 нафар, Вазорати корҳои хориҷӣ 3 нафар, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 2 нафар, Палатаи ҳисоб 2 нафар, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия 1 нафар, Вазорати маориф ва илм 1 нафар, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ 1 нафар, Кумитаи ҳифзи муҳити зист 1 нафар, агентиҳои стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо 1 нафар, суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа 1 нафар, Саридораи геология 1 нафар, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Фархор 1 нафар ба ҷойивазкунӣ фаро гирифта шуданд.

Ба ҳолати 31 декабри соли 2021 дар мақомоти давлатӣ ба истиснои ишғолкунандагони мансабҳои сиёсӣ 177 нафар хизматчии давлатии ба ротатсия фарогирифташаванда фаъолият дошта, аз он 104 нафар ба мақомоти марказӣ (бо сохторҳои маҳаллӣ) ва 73 нафар ба мақомоти маҳаллӣ рост меояд.

Аз ин ҳайат 165 нафар (96 нафар дар мақомоти марказӣ, 69 нафар дар мақомоти маҳаллӣ) зиёда аз 5 сол ва 12 нафар (8 нафар дар мақомоти марказӣ, 4 нафар дар мақомоти маҳаллӣ) бештар аз 10 сол фаъолият доранд.

Дар асоси талаботи банди 20 Қоидаҳои мазкур мақомоти давлатӣ ӯҳдадоранд, рӯйхати кадрҳои роҳбарикунандаи дар соли ҷорӣ ба ҷойивазкунӣ (дохилиидоравӣ ва байниидоравӣ) фаро гирифташуда ва рӯйхати кадрҳои роҳбарикунандаи мақомоти давлатии дар соли минбаъдаи тақвимӣ ба ҷойивазкунӣ фаро гирифташавандаро тартиб дода, баъди тасдиқ ба мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ дар шаклҳои хаттӣ ва электронӣ пешниҳод намоянд.

Таҳлили муқоисавии нишондодҳо оид ба ҷойивазкунии (ротатсияи) хизматчиёни давлатӣ давоми солҳои 2014-2021 собит месозанд, ки теъдоди

кадрҳои ротатсияшаванда аз 489 нафар (соли 2014) ба 177 нафар (соли 2021) расида, раванди мазкур тамоюли пастравӣ дорад.

Аз ҳисоби ҳайати захираи кадрҳои мақомоти давлатӣ дар соли 2019 ҳамагӣ 42 (мақомоти марказӣ-23, мақомоти маҳаллӣ-19), аз он зан-11 нафар, дар соли 2020 ҳамагӣ 44 (мақомоти марказӣ-29 ва мақомоти маҳаллӣ-15) нафар, аз он зан-13 нафар ва дар соли 2021 бошад, 68 (мақомоти марказӣ-33 ва мақомоти маҳаллӣ-35) нафар, аз он зан-19 нафар ба мансабҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ таъин карда шудаанд.

Тибқи маълумотҳо дар соли 2022 аз ҳисоби ҳайати захираи кадрҳои мақомоти давлатӣ 108, аз он зан-37 нафар ба мансабҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ таъин карда шудаанд, ки 58,9 фоизи онҳоро ҷавонони то 35-сола ташкил медиҳад.

Дар банди 6 нақшаи стратегия "Вусъат додани раванди бо манзили истиқоматӣ ва қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ таъмин намудани хизматчиёни давлатӣ, ҷудо намудани қарзҳои бефоиз ва дарозмуддат барои сохтмони манзили истиқоматӣ. Бо ин мақсад таҷдиди назар намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор ҷиҳати аз байн бурдани монеаҳо" пешбинӣ гардидааст. Ҳадафи асосии он беҳтар намудани вазъи иҷтимоии хизматчиёни давлатӣ мебошад.

Иҷрои ин банди нақша ба зиммаи вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот ва ташкилоту муассисаҳои дигари давлатӣ вогузор гардидааст.

Дар ин замина бо мақсади дастгирии хизматчиёни давлатӣ қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2008, №272 "Дар бораи Қоидаҳои додани қарзи бефоиз ба хизматчиёни давлатӣ барои харидан, сохтмони манзил ва беҳтар намудани шароити манзилӣ" тасдиқ шуда, то инҷониб ба қарори мазкур як маротиба 31 майи соли 2012, №288 тағйирот ворид гардидааст. Ҳамзамон Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон 18 марти соли 2022 қабул гардида, аз 1 сентябри соли 2022 мавриди амал қарор дода шуд.

Зимни мониторинги гузаронидашуда маълум гардид, ки аз ҷониби Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 нафар кормандони соҳа бо манзилҳои истиқоматии хизматӣ таъмин гардидаанд. Ғайр аз ин, Вазорати адлия якҷо бо Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳри Хуҷанд корбарӣ намуда, тасмим гирифтааст, ки якҷо бо Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Реал сохтмон" дар заминҳои назди раёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар вилояти Суғд сохтмони биноҳои истиқоматии бисёрошёна барои кормандони раёсат ва муассисаҳои низоми иҷрои ҷазои ҷиноятии вилояти Суғд бе пардохти маблағ амалӣ карда шавад.

Бо ин мақсад моҳи августи соли 2022 унвони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати аз ҳисоби заминҳои раёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар вилояти Суғд ҷудо ва вобаста намудани қитъаи замин ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Реал сохтмон" барои бо тартиби муқарраргардида амалӣ намудани сохтмони биноҳои истиқоматии бисёрошёна ва аз ин ҳисоб дар доираи шартномаи ҳамкорӣ бе пардохти маблағ таъмин намудани кормандони мақомот бо манзилҳои истиқоматӣ муроҷиат карда шуд.

Инчунин, тибқи муроҷиати роҳбарияти Вазорати адлия аз тарафи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд барои ду оилаи собиқ кормандони

низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки ҳангоми адои хизмат ба ҳалокат расонида шуда буданд, манзилҳои истиқоматии сеҳуҷрагӣ бо таъмири капиталӣ ва аз тарафи раиси шаҳри Душанбе барои се оилаи кормандони ба ҳалокат расида, се хонаи истиқоматӣ (чорҳуҷрагӣ, сеҳуҷрагӣ ва дуҳуҷрагӣ) бо таъмири замонавӣ соли 2021 супорида шуда буданд.

Роҷеъ ба иҷрои банди мазкури Нақша, баҳри беҳтар намудани вазъи иҷтимоии хизматчиёни давлатии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 майи соли 2006, №197 “Дар бораи муқаррар намудани имтиёзҳо ба омӯзгорони ҷавон” ҳамасола дар якҷоягӣ бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки давлатии амонатгузори Тоҷикистон “Амонатбонк” қарзи имтиёзноки дарозмуддат ба омӯзгорони ҷавон ба маблағи 6000 сомонӣ барои омӯзгори ҷавони деҳот дар се соли аввали фаъолияти меҳнатиашон дода мешавад.

Қарзи имтиёзнок ба омӯзгорони ҷавоне, ки дорои таҳсилоти олии касбӣ ҳастанд ва дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ кор мекунанд, дар ҳаҷми то 6000 сомонӣ ба таври нақдӣ ва ғайринақдӣ бо меъёри 3 фоизи солона дода мешавад.

Бояд қайд намуд, ки дар соли 2022 барои 333 омӯзгорони ҷавон, ки барои гирифтани қарзи имтиёзнок муроҷиат намудаанд аз ҳисоби буҷети давлатӣ 1 млн 998 ҳазор сомоӣ маблағ ҷудо гардид.

Илова ба имтиёзҳои дар боло зикргардида тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02 июли соли 2015, №433 “Дар бораи андоза ва тартиби пардохти иловапулӣ ба маоши омӯзгорони ҷавон, ки дар деҳот фаъолият менамоянд” бо мақсади ҷалби ҷавонон ба касби омӯзгорӣ ва бартараф намудани норасоиҳои кадрҳои омузгорӣ дар муассисалои таълимӣ, баланд бардоштани мақоми омӯзгор, беҳтар намудани сатҳи зиндагии омӯзгорони ҷавон ва ҳавасмандгардонии онҳо иловапулӣ пардохт карда шудааст.

Ғайр аз ин, бо мақсади беҳтар намудани вазъи иҷтимоии хизматчиёни давлатӣ ва бо манзили истиқоматӣ таъмин намудани кормандони дастгоҳи марказӣ ва корхонаҳои зертобеи системаи Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтмони бинои истиқоматии баландошёна, воқеъ дар кучаи Ханжев В.С.-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба итмом расонида шуд.

Мутобиқи шартномаи фаъолияти якҷоя бо ҶДММ “Соҳибдуст” аз 14 марти соли 2019, №КЗ/СД-01 барои кормандони дастгоҳи марказӣ ва корхонаҳои системаи Кумита як миқдор хонаҳои истиқоматӣ тариқи саҳмгузорӣ ҷудо гардида буданд, ки тибқи аризаи пешниҳодгардида зиёда аз 70 нафар кормандони эҳтиёҷманд бо манзилҳои истиқоматӣ таъмин карда шудаанд.

Аз ҷониби Иттифоқи касабаи Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон ду нафар кормандони эҳтиёҷманд барои гирифтани қитъаи замини наздиҳавлигӣ ба қайд гирифта шуда, барои ҷудо намудани қитъаи замини наздиҳавлигӣ ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ҳисор аз номи роҳбарияти Кумита мактуб ирсол карда шудааст.

Ё ин ки, ҷиҳати бо манзили истиқоматӣ ва қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ таъмин намудани хизматчиёни давлатии Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи дархост аз мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе дар ноҳияи Сино, кӯчаи Б.Ҳамдам барои сохтмони ду бинои 12-ошёна қитъаи замин ҷудо гардидааст. Ҳоло корҳои таҳияи лоиҳаҳои

сохтмонии биноҳо дар мувофиқа бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва идораву муассисаҳои дахлдори соҳа бомаром идома дорад.

Ба ҳайати шахсии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми солҳои 2020 ва 2021 - 48 нафар бо манзили истиқоматӣ, 90 нафар бо қитъаи замин ва 6 нафар бо хобгоҳ таъмин карда шудаанд.

Банди 7 "Таҷдиди назар намудани мутобиқатии қонунгузории хизмати давлатӣ, муқовимат ба коррупсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ вобаста ба доғи судӣ ва оқибатҳои он"-ро пешбинӣ намудааст. Мақсади он аз пешгирии коррупсия дар соҳаи хизмати давлатӣ иборат мебошад.

Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати пешгирии фаъолияти шахсони тасодуфӣ дар мақомоти давлатӣ ва бознигарӣ кардани талаботи қонунгузорӣ дар самти ба кор қабул намудани шахсоне, ки қаблан таҳти таъқиби ҷиноятӣ қарор гирифтаанд, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" аз 04 апрели соли 2019, №1597 ва лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия"-ро аз 04 апрели соли 2019, №1588 бо мазмуни зайл: "Ҳамчун ҳолати истиснокунандаи ба хизмати давлатӣ қабул намудан ва фаъолият дар хизмати давлатӣ пешниҳод карда мешавад, ки сархати ҳаштуми моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

"-агар барои содир кардани ҷиноятҳои қасдона маҳкум шуда бошад ё бо асосҳои ғайрисафедкунанда аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир кардани ҷиноятҳои қасдона озод гардида бошад;" таҳия намуд.

Лоиҳаи мазкур дар шакли пешниҳодшуда дастгирӣ карда нашуда, бо эродҳои раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 майи соли 2021, №21/10-122 барои такмили иловагӣ ба Агентии хизмати давлатӣ баргардонида шуд.

Дар гузориши раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд карда шудааст, ки хизматчиёни давлатие, ки бо асосҳои ғайрисафедкунанда аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир кардани ҷиноятҳои қасдона озод гардидаанд, аз кор озод карда шуда, дигар наметавонанд дар хизмати давлатӣ фаъолият намоянд.

Дар лоиҳа масъалаҳои касбият ва хизматҳои нафароне, ки мутахассиси касбӣ буда, дар хизмати давлатӣ солҳои тӯлонӣ кору фаъолият намудаанд, қобилият, истеъдод ва дастовардҳои хизматӣ доранд, таҷрибаи зиёд дар соҳаи дахлдорро касб карда, дар рушди хизмати давлатӣ саҳмгузор мебошанд, инчунин ба синни нафақа наздик шудаанд, сарфи назар карда шудааст.

Илова бар ин, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 20 апрели соли 2021 қабул гардида, мутобиқи моддаи 28 Қонуни мазкур он шаҳрванде, ки барои ҷиноятҳои аз беэҳтиётӣ содиркарда доғи судӣ дорад, барои содир кардани ҷиноятҳои қасдона ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудааст ё бо асосҳои ғайрисафедкунанда аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод гардидааст, ба хизмат ба мақомоти адлия қабул карда намешавад ва дар хизмат буда наметавонад.

Ҳамзамон аз ҷониби Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба масъалаи мутобиқсозии санадҳои қонунгузорӣ дар иртибот ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ” таклифу пешниҳодҳои дахлдор ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021, №2-2-1471 манзур карда шудааст.

Вобаста ба лоиҳаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба коррупсия” ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ” ба Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 апрели соли 2022 хулоса пешниҳод карда шуд. Лоиҳаҳои қонунҳои мазкур ҷиҳати мутобиқсозии қонунгузорӣ ба талаботи пешбинигардида ва бартараф намудани норасоӣ вобаста ба доғи судӣ ва оқибатҳои он равона гардидаанд.

Банди 8 Нақша “Таъсис додани махзани маълумот дар бораи шахсоне, ки ҷиноят ва ҳуқуқвайронкунии маъмурии ба коррупсия алоқамандро содир намудаанд” пешбинӣ намуда, мuҳлати иҷрои он солҳои 2021-2025 мебошад.

Тибқи талаботи Методологияи мониторинги омории вазъи мубориза бар зидди коррупсия, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2018, №253 тасдиқ шудааст, таҳлил ва арзёбии маълумоти оморӣ оид ба вазъи мубориза бар зидди коррупсия аз ҷониби Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва прокуратураҳои зертобеи он амалӣ карда мешаванд.

Қаблан ташаккули маълумоти оморӣ оид ба вазъи мубориза бар зидди коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқарраргардидаи Дастурамали баҳисобгирии омории ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва феҳристи чунин ҷиноятҳо, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 сентябри соли 2006, №414 ба тасвиб расида буд, амалӣ мегардид.

Баҳри мушаххас намудани баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии вобаста ба коррупсия ва омори ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, инчунин тартиби пешбурди ҳисоботи оморӣ оид ба вазъи ошкор ва тафтиши ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади мутамарказ ба роҳ мондани раванди бақайдгирии ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ вобаста ба коррупсия Тартиби баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқамандро таҳия намуд, ки он бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2022, №506 тасдиқ гардида, аз 01 январи соли 2023 мавриди амал қарор гирифт.

Мутобиқи банди 2 Тартиби болозикр субъектҳои баҳисобгирандаи ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии хусусияти коррупсионидошта мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти давлатии дигаре, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколати ошкор намудани ҷиноятҳо

ва ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии хусусияти коррупсионидоштаро доранд, маҳсуб меёбанд.

Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ додааст, ки аз 13 декабри соли 2022, №02-2450 ба вазорату идораҳо дархост оид ба пешниҳоди маълумот вобаста ба содир намудани ҷиноят ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз ҷониби хизматчиёни давлатӣ дар солҳои 2021-2022 ирсол намуда, ҷамъбасти мониторинги содиршавии ҷиноятҳои коррупсионӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии коррупсионӣ аз ҷониби хизматчиёни давлатӣ дар семоҳаи якуми соли 2023 пешбинӣ гардида, аз натиҷааш гузориши таҳлилӣ унвонии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур менамояд.

Аз ҷониби Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрокунандаи асосии чорабинии мазкур ба ҳисоб меравад ва масъули пешбурди мониторинги омории вазъи мубориза бар зидди коррупсия мебошад, инчунин тибқи талаботи моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба коррупсия” таҳлил ва арзёбии маълумоти оморӣ оид ба вазъи муқовимат ба коррупсияро анҷом медиҳад, фаъолият дар самти таъсис додани махзан идома дорад. .

Дар банди 9 “Роҳандозӣ намудани чораҳо вобаста ба ҳавасмандгардонии хизматчиёни ҷавони давлатӣ ва таҳким бахшидани арзишҳои зиддикоррупсионии онҳо” пешбинӣ гардидааст.

Иҷрокунандаи асосии банди мазкур Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, маълумот пешниҳод намудааст, ки ҳамасола бо назардошти пешниҳодоти мақомоти давлатӣ, таҳлили санадҳои барномавӣ ва нақшаи чорабиниҳои ҷумҳуриявӣ, ки дар онҳо омӯзиши хизматчиёни давлатӣ пешбинӣ гардидааст, номгӯи курсҳо ва категорияи шунавандагон барои таҳияи лоиҳаи Нақша-ҷадвали курсҳои азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии хизматчиёни давлатӣ дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ, инчунин номгӯи мавзӯъҳо барои истифода дар таҳияи барномаҳои таълимии курсҳои мазкур тартиб дода шуда, он ба Академия ирсол карда мешавад.

Аз ҷумла, дар асоси пешниҳоди Агентии хизмати давлатӣ барои соли 2022 аз 26 ноябри соли 2021, №05-2775 ва аз 10 декабри соли 2021, №05-2877 тибқи Нақша-ҷадвали курсҳои азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии хизматчиёни давлатӣ дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022, ки аз ҷониби Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2021 тасдиқ карда шудааст, дар ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ 43 курси таълимӣ, аз ҷумла 5 курси азнавтайёркунӣ, 2 курси таҷрибаомӯзӣ ва 36 курси такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ дар Академияи мазкур, шаҳрҳои Бохтар, Хуҷанд, Хоруғ, Гулистон, Конибодом, Ҳисор, Кӯлоб, Турсунзода ва ноҳияи Данғара доир карда шуд, ки дар онҳо 2080 (зан-605) нафар хизматчиёни давлатӣ ба таълими иловагӣ фаро гирифта шуданд.

Дар курсҳои омӯзишии мазкур дар баробари дигар мавзӯъҳои умумӣ, соҳавӣ ва ҳуқуқӣ ҳамчунин омӯзиши Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия аз 21 ноябри соли 2003, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели соли 2008, №952 тасдиқ карда шудааст, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия», Стратегияи

давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ гардид.

Ба ғайр аз ин, курси махсуси такмили ихтисос аз рӯи барномаи “Сиёсати давлатӣ дар самти муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои мудирони шуъбаҳо (бахшҳо)-и сабти асноди ҳолати шаҳрвандии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо аз 20 то 25 июни соли 2022 бо иштироки 50 (зан-34) нафар, барои мутахассисони шуъбаҳо (бахшҳо)-и меъморӣ ва шаҳрсозии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо аз рӯйи барномаи “Заминаҳои ҳуқуқии хизмати давлатӣ ва сиёсати зиддикоррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 21 то 26 ноябри соли 2022 бо фарогирии 56 (зан-2) нафар ташкил карда шуд.

Дар соли 2022 аз ҷониби Агентии хизмати давлатӣ дар якҷоягӣ бо Академияи идоракунии давлатӣ курсҳои махсуси такмили ихтисос оид ба татбиқи Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, барои марҳилаи якум (солҳои 2021-2025), аз рӯйи барномаи «Сиёсати давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 17 то 22 октябри соли 2022 бо фарогирии 63 (зан-4) нафар барои масъулони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ва барои масъулони мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ аз 5 то 10 декабри соли 2022 бо фарогирии 77 (зан-12) нафар баргузор гардид.

Илова бар ин, курсҳои зерини такмили ихтисос бо фарогирии мавзӯъҳои зиддикоррупсионӣ баргузор карда шуданд:

-курси такмили ихтисос аз рӯи барномаи «Сиёсати давлатии иқтисодию молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 17 то 22 январи соли 2022 барои сардорони раёсатҳои (шуъбаҳо, бахшҳо) мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, ки фаъолияти онҳо ба масъалаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳисоботи молиявӣ, аудити беруна ва дохила мансуб аст, бо иштироки 54 (занон-10) нафар;

-курси такмили ихтисос аз рӯи барномаи «Нақши ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот дар рушди иҷтимоию иқтисодии маҳал» барои раисони ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳоти шаҳру ноҳияҳои Истаравшан, Ҳисор, Шамсиддин Шоҳин ва Нуробод бо иштироки 33 (занон-6) нафар аз 22 то 24 августи соли 2022 ва ғайраҳо.

Барои кормандони Агентии хизмати давлатӣ санаи 10 феврали соли 2022 машғулияти идоравӣ дар мавзӯи “Шарҳи Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2021, №222)” бо иштироки намояндагони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон доир гардида, дар баробари таълими мавзӯи асосӣ, ҳамзамон талаботи Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба коррупсия” фаҳмонида дода шуд.

Аз маълумоти пешниҳоднамуда бармеояд, ки вобаста ба иҷрои банди мазкур аз ҷониби мақомоти ваколатдори хизмати давлатӣ танҳо чорабиниҳои омӯзишӣ ба роҳ монда шуда, дар мавриди татбиқи ҳавасмандгардонии хизматчиёни ҷавони давлатӣ иттилои зарурӣ дарёфт нагардид.

Бо мақсади пешгирӣ намудани кирдорҳои коррупсионӣ такмил додани қонунгузории андоз, гумрук, замин, иҷозатномадиҳӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва

нафақа, стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо аз муқаррароти банди 10 нақшаи стратегия бармеояд.

Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав аз 23 декабри соли 2021, №1844 қабул ва аз 01 январи соли 2022 мавриди амал қарор гирифта, дар муқоиса бо Кодекси андози қаблӣ шумораи қисмҳо бетағйир, фаслҳо 3 адад кам, ҳамзамон шумораи бобҳо 7 адад ва моддаҳо 70 адад зиёд гардида, мафҳумҳо васеъ ва меъёрҳо мушаххас карда шудаанд.

Мақсади зиёдшавии муқаррароти меъёрӣ ба содда ва оммафаҳм намудани муҳтавои Кодекси андоз дар таҳри нав, аз ҷумла мукаммалгардонии маъмурикунонии андоз равона гардидааст. Яъне дар моддаҳои алоҳида принсипҳои андозбандӣ, мониторинги андоз, машваратдиҳӣ оид ба масъалаҳои андозӣ ва амсоли он муқаррар гардидаанд.

Дар Кодекси мазкур аввалин маротиба принсипҳои андозбандӣ дар боби алоҳида пешбинӣ карда шуда, принсипҳо дар алоҳидагӣ, аз ҷумла принсипи ягонагии системаи андоз, адолати андозӣ, муайянӣ ва мушаххасии андозбандӣ, шаффофияти қонунгузорӣ, мусоидат ба рушди иқтисодиёт, эътимоднокӣ ба мақомоти андоз муқаррар карда шудааст. Дар Кодекси андоз дар таҳрири нав андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард аз номгӯи андозҳо хориҷ гардида, шумораи андозҳо аз 10 намуд ба 7 намуд кам карда шуд.

Бо мақсади дастгирӣ намудани соҳибкорон ва сармоягузорон, сарфа намудани вақт ва кам кардани хароҷоти онҳо вобаста ба иҷрои ӯҳдадориҳои андозӣ, инчунин кам намудани ташрифи кормандони мақомоти андоз ба фаъолияти андозсупорандагон ва халалдор насохтани фаъолияти онҳо дар Кодекси андози нав заминаи ҳуқуқӣ ҷиҳати ҷорӣ намудани хизматрасониҳои муосири электронӣ, аз қабили чеки электронии фискалӣ, мубодилаи электронии иттилоот, хизматрасонии фосилавӣ тавассути майдони электронии тиҷорат, низоми рамзгузории электронии молҳо пешбинӣ гардид.

Мутобиқи Кодекси андоз дар таҳрири нав таҳияи 94 лоиҳаи санадҳои зерқонунӣ пешбинӣ гардидааст, ки тибқи супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 сентябри соли 2021, №6563 (23-3) ва банди 16 Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2021, №10 таҳияи 54 адади он ба Кумитаи андоз вогузор карда шудааст.

Айни замон 39 адади онҳо, аз ҷумла 6 адад бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 33 адад бо фармоишҳои дахлдори Вазорати молия ва Кумитаи андоз тасдиқ карда шудааст. Боқимонда лоиҳаҳои санадҳои зерқонунӣ дар баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳо ва сохторҳои Кумитаи андоз қарор дошта, ҷиҳати мувофиқа ва тасдиқ намудани онҳо чораҷӯиҳо идома доранд.

Ҷиҳати тақвият бахшидани фаъолияти мақомоти гумрук дар самти хизматрасонии муосири электронӣ, аз ҷумла оид ба ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ бо истифода аз воситаҳои пардохти электронӣ як қатор чорабиниҳо ба роҳ монда шудааст.

Чунончи, Созишномаи ҳамкорӣ байни Хадамоти гумрук ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 майи соли 2020, №1905/20 оид ба мубодилаи маълумот дар Маркази коркарди маълумотҳои ҷонибҳо таҷҳизотҳои серверӣ ва шабакаи алоқавӣ бо истифода аз низоми ҳифзшудаи VPN насб ва ҷорӣ карда шуд. Минбаъд маълумотҳои табодулшаванда бо таври автоматӣ мувофиқи дархостҳо аз

рӯи рамзи “70” барои рӯзи амалиёти дархостшуда, дар низоми вақти воқеӣ (on-line) ба роҳ монда шуд, ки барои пардохт намудани боҷу андозҳои гумрукӣ дар низоми ғайринақдӣ ва ирсол намудани тасдиқи он пешбинӣ шудааст.

Бо мақсади иҷрои талаботи банди мазкур ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид гардида, ба он боби нав (боби 81) оид ба ҷорӣ намудани консепсияи “Танзимгари ваколатдори иқтисодӣ” (Иштирокчии боэътимоди фаъолияти иқтисодии хориҷӣ) илова карда шуд.

Меъёри мазкур ба талаботҳои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ва Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳамоҳангсозӣ ва соддагардонии расмиёти гумрукӣ (Конвенсияи Киото аз 18 майи соли 1973) мутобиқ буда, ҷиҳати кам кардани монеаҳои маъмурию техникӣ ҳангоми интиқоли мол, дастгирии субъектони фаъолияти хориҷӣ, соддагардонии барасмиятдарорӣ ва афзоиш ёфтани гардиши молӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Ҷиҳати кам намудани робитаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо кормандони мақомоти гумрук Системаи иттилоотии автоматонидашудаи ягона барои анҷом додани амалиётҳои гумрукӣ дар шакли электронӣ ва низоми “Равзанаи ягона”-и барасмиятдарории амалиёти содиротӣ, воридотӣ ва транзитӣ ҷорӣ гардида, пешниҳоди дархост ва дастрас кардани иҷозатнома ва сертификатҳоро дар самти савдои хориҷӣ тариқи электронӣ пешбинӣ намудааст.

Баҳри иҷрои банди мазкур аз ҷониби Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри мукаммал гардонидани санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ Нақшаи кории Гурӯҳи корӣ оид ба мукаммал сохтани қонунгузории соҳаи замин дар Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2023 таҳия ва аз ҷониби раиси Кумитаи давлатӣ аз 1 марти соли 2022 тасдиқ карда шудааст, ки дар он 29 адад санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ ва санадҳои ҳуқуқии Кумита, ки бо назардошти талаботи замон ва рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ, ҳамчунин барои бартараф намудани мухолифатҳо, монеагӣ ва омилҳои коррупсионӣ зарурати такмил ва дар таҳрири нав таҳия намуданро тақозо менамоянд, ҷойгир карда шуда, мавриди такмил, таҷдид ва дар таҳрири нав таҳия намуда истодаанд.

Тибқи нақшаи тасдиқгардида дар таҳрири нав таҳия намудани лоиҳаи Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарҷамъ намудани дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ дар лоиҳаи Кодекси мазкур ва васеъ намудани доираи танзими муносибатҳои он ба нақша гирифта шудааст, ки айни ҳол дар робита ба ин масъала бо Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон корбарӣ ба роҳ монда шудааст.

Ба ҳолати имрӯза аз 29 адад санадҳои дар нақша ҷойгирбуда, 7 адади он, ки тибқи мухлатӣ муқаррарнамудаи нақшаи болозикр бояд то нимсолаи аввали соли 2022 аз ҷониби масъулини дахлдор таҳия ва ба баррасии Гӯруҳи кории қонунгузорӣ пешниҳод менамуданд, 2 адади он аз ҷониби КВД “Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул” таҳия карда шуда, тибқи тартиби муқарраргардида тасдиқ гардидаанд.

Дар соҳаи иҷозатномадиҳӣ бошад, аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар таҳрири нав таҳия гардидааст, ки он муносибатҳоро вобаста ба низоми иҷозатномадиҳӣ ва иҷозатдиҳӣ дар доираи як санади қонунгузорӣ ба танзим

медарорад. Бо қабули он қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият” (аз 17 майи соли 2004) ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷзатдиҳӣ” (аз 2 августи соли 2011) аз эътибор соқит дониста мешаванд. Алҳол лоиҳаи Қонуни мазкур дар Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи такмилдиҳӣ қарор дорад.

Дар соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа аз ҷониби Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи ҳатмии нафақавӣ” ва “Оид ба ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ” таҳия гардидааст. Бо мақсади мутобиқгардонӣ ба қонунгузорӣ оид ба муқовимат ба қонунигардонии маблағҳои бо роҳи ҷиноят бадастомада, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фондҳои ғайридавлатии нафақа” 19 июли соли 2022 қабул гардид.

Дар соҳаи стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 июни соли 2012, №310” ва лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи регламенти техникии “Талабот ба маҳсулоти никотиндор” таҳия карда шуда, дар баррасӣ ва омӯзиши вазорату идораҳо қарор дорад.

Ҳамзамон Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо мониторинги татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро гузаронида, 13 санади меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидошта ва 8 санади дохилиидоравии амалкунандаи мақомоти мазкурро мавриди омӯзиш қарор дод. Аз натиҷаи мониторинг дар 5 санади меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи амалкунандаи Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо 28 хавфу омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ошкор шуда, баҳри бартараф намудани ин омилҳо унвонии мақомоти мазкур санади эътиноӣ ирсол карда шуд.

Банди 11 Нақша “Таҷдиди назар кардани ҷавобгарии маъмурӣ барои бидуни усулҳои муқарраргардидаи хариди давлатӣ анҷом додани фаъолияти харидорӣ”-ро дар солҳои 2021-2022 пешбинӣ намуда, мақсади асосии он пешгирии коррупсия дар соҳаи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ мебошад.

Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасоии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон”-ро таҳия намудааст.

Мутобиқи тағйиру иловаҳо ба моддаи 519 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври назаррас баланд бардоштани андозаи ҷарима нисбати шахсони мансабдор барои бидуни протоколи низоми электронии хариди давлатӣ ва ё бидуни хулосаи мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ анҷом додани хариди давлатӣ пешбинӣ гардида, ҳамзамон нисбати шахсони мансабдор, ки

барои бидуни протоколи низоми электронии хариди давлатӣ ва ё бидуни хулосаи мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ маблағгузории хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ иҷозат додаанд, ба андозаи аз бист то панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

Банди 12 нақшаи стратегия "Давра ба давра такмил додани низоми хариди электронӣ бо дар назар доштани ҳамгироии он бо низомҳои иттилоотии мақомоти давлатӣ ва бонкҳо"-ро муқаррар намудааст.

Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасоии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 ҷиҳати мусоидат ба фаъолияти комиссияҳои тендерӣ ва осон гардонидани ҷараёни корӣ барои молрасон (пудратчӣ), ҳамгироии низомҳои иттилоотиро якҷо бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон идома дода, имконияти нав - дастрасӣ ба тавозуни муҳосибавии молрасон дар шакли электрониро муҳайё намуд.

Қаблан дар асоси Созишномаи дутарафа бақайдгирии молрасон дар Портали хариди давлатии электронӣ тавассути ворид намудани рақами мушаххаси андозсупоранда ва пайвастшавӣ ба маълумоти Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, мубодилаи электронии маълумот оид ба қарздории андозии молрасон ва ирсоли автоматикии маълумот дар бораи қарордодҳои хариди давлатӣ ҷиҳати пайгирии уҳдадориҳои андозии ғолибони озмун роҳандозӣ гардида буд.

Бо мақсади васеъ намудани доираи хизматрасониҳои электронӣ Агентӣ бо мактуб аз 30 августи соли 2022, №1/2-770 ба ҳамаи бонкҳо, ташкилотҳо ва фондҳои қарзии хурд ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкориҳо дар самти ҷорӣ намудани кафолатҳои бонкӣ муроҷиат намуда, аз натиҷа 9 бонки тиҷоратӣ, 4 ташкилоти қарзии хурд изҳори ҳавасмандиро расман баён намуданд.

Вобаста ба ин санаи 1 ноябри соли 2022 дар бинои Агентӣ курси омӯзишӣ барои кормандони бонкҳои ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон", ҶСК "Ориёнбонк", ҶСП "Спитамен Бонк" ва ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" гузаронида шуда, тартиби фаъолият оид ба расмиёт даровардани кафолатҳои бонкӣ бевосита дар Портал омӯзонида шуд. Интишори озмоишии кафолатҳои бонкӣ дар Портал гузаронида шуда, модули мазкур пурра барои истифода омода мебошад. Ба иштирокчиёни озмун тавассути модули "Паёмакҳо" дар ин хусус хабар дода шудааст.

Айни ҳол расмиёти бақайдгирии роҳбарон ва шахсони ваколатдори бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзии хурд дар Портал ва гирифтани имзои рақамии электронӣ дар ҷараён қарор дорад.

Инчунин, аз ҷониби Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон экспертизаи давлатии зиддикоррусионии қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2010, №391 "Дар бораи тасдиқи Тартиби ба фурӯш баровардани амволи давлатӣ ҳамчун объекти мустақили хусусигардонӣ" гузаронида шуда, муайян карда шудааст, ки талаботи банди 8 қарори мазкур ба мақомоти ваколатдори давлатии идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ додааст, ки дар ҳолатҳои зарурӣ аз мақомоти болоии дорандаи тавозуни амволи давлатӣ маълумоти иловагиро талаб намояд ва ё нанамояд. Татбиқи муқаррароти мазкур аз шахси мансабдор вобаста

буда, ба у имконият додааст, ки ҳуқуқҳои худро интихобан истифода намуда, ба амалҳои коррупсионӣ даст занад.

Бо мақсади аз байн бурдани омилҳои ба коррупсия алоқаманд аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2010, №391” банди 8 Тартиби ба фурӯш баровардани амволи давлатӣ ҳамчун объекти мустақили хусусигардонӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2010, №391 тасдиқ шудааст, хориҷ карда шуда, дигар тағйироти зарурӣ ба Тартиби зикршуда илова карда шуда, дар мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст.

Дар банди 13 нақшаи стратегия “Андешидани тадбирҳо ҷиҳати таъсис ва ба роҳ мондани фаъолияти комиссияи байниидоравӣ оид ба баррасии арзу шикоятҳо оид ба хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ” муайян карда гардидааст.

Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасоии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таъсиси Комиссияи байниидоравӣ оид ба баррасии шикоятҳои иштирокчиёни озмун ва таҳвилгарон”-ро таҳия ва барои мувофиқа ба вазорату идораҳо аз 13 октябри соли 2022, №1/2-917 ирсол намудааст.

Мутобиқи лоиҳа ҳайати комиссияи байниидоравӣ аз раис, муовини раис, се аъзо ва котиб иборат буда, Низомномаи комиссия муқаррароти умумӣ, асосҳои ташкили фаъолияти комиссияи байниидоравӣ, вазифаҳо ва ваколатҳои комиссияи байниидоравӣ, уҳдадориҳои комиссияи байниидоравӣ ва уҳдадориҳои раис ва котиби комиссияи байниидоравиро муқаррар намуда, шакли Протоколи ҷаласаи комиссия ва Эъломия дар бораи бархӯрди манфиатҳои аъзо ва котиби Комиссияи байниидоравӣ тибқи замимаҳои 1 ва 2 тасдиқ карда мешаванд.

Банди 14 нақшаи стратегия “Ҷорӣ намудани усулҳои нави хариди давлатӣ”-ро пешбинӣ кардааст.

Иҷрои банди мазкур аз мавриди амал қарор додани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хариди давлатӣ” дар таҳрири нав вобастагӣ дошта, қайд бояд кард, ки лоиҳаи Қонун ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 17 ноябри соли 2021, №1/2-1185 пешниҳод карда шудааст.

Тибқи банди мазкури нақша Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ҳамиҷрочӣ бо мақсади амалӣ намудани назорати риояи талаботи моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимояи рақобат” аз рӯи тартиби гузаронидани озмун барои ҷойгиркунии фармоишҳо ҷиҳати таҳвили мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ дар соҳаи маориф таҳлил ва омӯзиш гузаронида, айни замон корбарӣ намуда истодааст.

Банди 15 нақшаи стратегия “Роҳандозӣ намудани чораҳои дахлдор ва шаффоф ҷиҳати пешгирии омилҳои рақобати бевиҷдонона вобаста ба манъ намудани соҳиб шудан ва дидаю дониста истифода бурдани ҳуқуқҳои истисноӣ ба воситаҳои инфиродикунонии мол, истифодаи тамғаҳои молӣ, тамғаҳои молии маъруфшуда, кор ва хизматрасониҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла шахсони хориҷӣ, инчунин пеш аз муҳлат бекор намудани тамғаҳои молии бақайдгирифташуда”-ро пешбинӣ намудааст.

Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иҷрои банди мазкур мақоми масъул маҳсуб ёфта, тибқи муқаррароти пешбининамудаи моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи рақобат" Хадамот барои татбиқи сиёсати зиддиинҳисорӣ дар соҳаи рушди бозорҳо ва рақобати фаъолияти соҳибкорӣ масъул буда, вазифаҳои мусоидат ба рақобати солим, огоҳкунӣ, пешгирӣ, махдудкунӣ ва қатъ намудани фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати бевиҷдонона, мусоидат ба ташаккули муносибатҳои бозорӣ дар асоси рушди рақобат ва соҳибкорӣ, назорати давлатӣ оид ба риояи қонунгузории зиддиинҳисории Ҷумҳурии Тоҷикистон, андешидани чораҳо оид ба ғайриинҳисорӣ кардани истеҳсол ва муомилоти молро амалӣ менамояд.

Ҳамзамон дар асоси талаботи моддаи 128 Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбурди парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи қонунгузории зиддиинҳисорӣ, ки дар боби 30 Кодекси ҳукуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст, ба ваколати Хадамот дохил карда шудааст.

Дар асоси қисми 2 моддаи 22 Қонуни мазкур Хадамот бо мақсади пешбурди сиёсати зиддиинҳисорӣ ва таъмини ҳимояи рақобат, санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар шакли фармоиш (қарор, амрнома) барои иҷрои ҳатмӣ қабул менамояд.

Татбиқи чораҳо оид ба қатъ намудани амалҳои мувофиқашуда, қатъ намудани амалҳои суиистифодабарии субъектҳои хоҷагидор аз мавқеи худ дар бозор, иҷрои амалҳое, ки ба таъмин намудани ҳимояи рақобат ва пешгирии рақобати бевиҷдонона нигаронида шуда бошад, ба доираи ваколатҳои Хадамот дохил карда шудааст.

Бояд тазаккур дод, ки мутобиқи талаботи моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат» истифодаи худсаронаи тамғаи молӣ, тамғаи молии хизматрасонӣ, тамғаҳои молии маъруфшуда, ном ё нишонгузории фирмавӣ, инчунин нусхабардории борҷома ва намуди зоҳирии моли дигар субъекти хоҷагидор, ки метавонанд рақибонро аз фаъолияти соҳибкориашон маҳрум созанд ва ё манфиати онҳоро халалдор созанд, ҳамчун амали рақобати бевиҷдонона ҳисобида мешаванд.

Дар ин асос тибқи муқаррароти қисми 2 моддаи мазкур рақобати бевиҷдонона, ки вобаста ба соҳиб шудан ва истифодаи ҳуқуқҳои истисноӣ ба воситаҳои инфиродкунонӣ, инфиродкунонии мол, истифодаи тамғаҳои молии маъруфшуда, корҳои иҷрошаванда ё хизматрасонӣ алоқаманд аст, манъ карда шудааст.

Хадамот мавриди ошкор гардидани ҳолатҳои зикргардида ҷиҳати бартараф кардани ҳуқуқвайронкуниҳо санадҳои дахлдор қабул намуда, барои пеш аз мuҳлат қатъ кардани амали бақайдгирии объекти ҳуқуқҳои истисноӣ оид ба беэътибор эътироф шудани бақайдгирии он ба мақомоти давлатии ваколатдор ирсол менамояд.

Вобаста ба ин аз рӯи натиҷаи баррасии маводҳои пешниҳоднамудаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 феврали соли 2022, №36/122.990 оид ба амали рақобати бевиҷдононаи ҶДММ "Муждаи Умед" ва ҶДММ "Нурабис" бо роҳи суиистифодабарии тамғаҳои молӣ, борҷомаҳо ва нишонаҳои молии маҳсулоти машруботии маъмул, бо мақсади бартараф ва қатъ намудани амалҳои (беамалии) шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ, ки боиси маҳдудкунии рақобат дар бозори моли муайян мегарданд, инчунин пешгирии

амале, ки имконияти озоди харидории истеъмолкунандагонро ба ин ё он намуди маҳсулот маҳдуд ва онҳоро мавриди харидории маҳсулот ба иштибоҳ меоранд, фаъолияти озоди иштирокчиёни бозор ва манфиати онҳоро халалдор намояд, ҷиҳати иҷрои Созишномаи болозикр, Ҷамъиятҳои номбурда уҳдадор гардиданд, ки ҷиҳати қатъ намудани реклама, фурӯш, мубодила ва дигар намуди гардиши маҳсулот бо роҳи истифодаи тамғаҳои молӣ, кор ва хизматрасонӣ, ном ё нишонгузории фирмавӣ, инчунин нусхабардории борҷомаҳои маҳсулоти машруботии маъмул тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Таҳлил ва омӯзиши вазъи рақобат дар бозори моли ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳад, ки имрӯзҳо амалҳои соҳибкорони алоҳида вобаста ба поймол намудани ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон ва маҳдуд кардани фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар бозор бо роҳи инфиродкунии молу маҳсулот ва бо ин роҳ ба даст овардани ҳолати инҳисоркунонии бозори мол, зиёд гардидаанд.

Дар банди 16 нақшаи стратегия "Таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таъсиси Корхонаи воҳиди давлатии "Маркази рушди низоми хариди электронӣ"-и назди Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ" пешбинӣ гардидааст, ки мӯҳлати иҷрои банди мазкур солҳои 2021-2023 муқаррар карда шудааст.

Аз ҷониби Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасоии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаҳои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таъсиси Корхонаи воҳиди давлатии "Маркази рушди низоми хариди электронии давлатӣ"-и Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2010, №228" таҳия гардида, ба вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати мувофиқа аз 22 июли соли 2022, №2/2-639 ирсол карда шудаанд.

Бо инобати таклифу эродҳои вазорату идораҳо дар ду даври мувофиқа, лоиҳаҳо такмил дода шуда, айни замон расмиёти имзокунонӣ дар ҷараён қарор дорад.

Тақвият додани фаъолият дар самти ҷорӣ намудани таҷрибаи тақсимоти электронии парвандаҳо дар байни судяҳо" аз банди 17 нақшаи стратегия маншаъ мегирад ва ҳадафи асосии ин банд пешгирии коррупсия ҳангоми баррасии парвандаҳо дар судҳо мебошад.

Мавриди зикр аст, ки бо мақсади зина ба зина гузаштан ба коргузории электронии судӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо" аз 25 июни соли 2021, №1783 қабул гардида, бо фармоиши Раиси Суди Олӣ аз 10 феврали соли 2022, №5 "Дар бораи таъсис додани гурӯҳи кории доимоамалкунанда оид ба омӯзиш ва воридкунии барномаи рақамии "Коргузории электронии судӣ" қабул карда шуда, бо назардошти хароҷоти калони молиявиро талаб кардани гузариш ба ин низоми фаъолият корҳо дар ин самт бо ҷалби ташкилотҳои байналмилалӣ (шарикони рушд) идома доранд.

Айни ҳол бо мақсади ба таври таҷрибавӣ оғоз намудани фаъолият вобаста ба тақсимоти электронии парвандаҳо барнома ва таҷҳизоти зарурии он дар судҳои ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ва шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд васл карда шудаанд.

Банди 18 нақшаи стратегия “Нашри санадҳои судии эътибори қонунипайдокарда дар сомонаҳои расмӣ”-ро баҳри таъмини шаффофият дар фаъолияти судҳо пешбинӣ намудааст.

Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои сомонаи расмӣ (www.sud.tj) мебошад, ки дар он ба ғайр аз маълумотҳои дигар, инчунин рӯйхати парвандаҳои барои баррасӣ дар марҳилаҳои якум, кассатсионӣ ва назоратӣ таъиншуда нашр карда мешаванд. Тартиби ҷой додани санадҳои судиро дар сомона Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо”, кодексҳои граждани, мурофиавии ҷиноятӣ ва мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ин хусус ворид гардидани тағйиру иловаҳои ба қонунгузории мурофиавӣ воридшуда ба танзим дароварда, нашри санадҳои судии эътибори қонунипайдокарда дар сомонаҳои судҳо танҳо бо розигии иштирокчиёни мурофиаи судӣ иҷозат дода шудааст.

Тибқи муқаррароти қонунгузории дар боло зикршуда баъд аз эълони санади судӣ судяҳо бо розигии иштирокчиёни мурофиаи судӣ масъалаи дар сомонаи суди дахлдор ҷойгир намудани санади судиро пас аз эътибори қонунӣ пайдо намудани он ҳал менамоянд.

Дар банди 19 нақшаи стратегия пешбинӣ карда шудааст, ки “Қонунгузории мурофиавӣ оид ба баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ, гражданӣ, маъмурӣ, иқтисодӣ ва оилавӣ мукаммал карда шаванд” ва мақсади ин чорабинӣ бартараф намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ буда, иҷрои он солҳои 2021-2023 ба нақша гирифта шудааст.

Ҷиҳати мутобиқгардонии қонунгузорӣ, бартараф кардани норасоиҳои ҷойдошта, мушаххас намудани ваколатҳои мақомот ва шахсони мансабдори дахлдор қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии гражданӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон” 19 июли соли 2022 қабул карда шуданд. Лоиҳаҳои қонунҳои мазкур қаблан аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ таҳия гардида, ба онҳо хулосаҳои вазорату идораҳо манзур шуданд.

Фароҳам овардани шароит барои ба такмили ихтисос фаро гирифтани шахсони мутасаддӣ оид ба таъмини иҷрои Стратегия дар Маркази такмили ихтисоси кормандони мақомоти мубориза барандa бар зидди коррупсия ва судии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз муқаррароти банди 20 нақшаи стратегия бармеояд.

Дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон курси такмили ихтисос аз рӯи барномаи “Сиёсати давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 17 то 22 октябри соли 2022 бо иштироки 70 (зан-19) нафар масъулини мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо оид ба татбиқи Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 баргузор гардид.

Аз 5 то 10 декабри соли 2022 барои масъулони мақомоти марказӣ оид ба татбиқи Стратегияи мазкур аз рӯйи барномаи “Сиёсати давлатии муқовимат ба

коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” бо фарогирии 77 (зан-12) нафар курси такмили ихтисос ташкил карда шуд.

Курсҳои такмили ихтисос барои мудирони шуъбаҳо (бахшҳо)-и сабти асноди ҳолати шаҳрвандии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо низ аз рӯи барномаи “Сиёсати давлатӣ дар самти муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва “Асосҳои ҳуқуқии хизмати давлатӣ ва сиёсати зиддикорруписонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” доир гардид.

Дар курсҳои мазкур мавзӯъҳои “Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба коррупсия”, “Нақши ҳуҷҷатҳои давлатии стратегӣ дар таъмини муқовимат ба омилҳои коррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, “Коррупсия -падидаи иҷтимоӣ-сиёсӣ”, “Ришва ва судхӯрӣ дар фарҳанги исломӣ”, “Омӯзиши Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои онҳо”, “Дастурамал дар бораи тарзу усулҳои амалисозии Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, “Одоби касбии хизматчии давлатӣ ҳамчун фишанги пешгирии зуҳуроти коррупсионӣ”, “Асосҳои ҳуқуқии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Нақши хизматчии давлатӣ дар пешгирии гаравиши ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои экстремистӣ ва омилҳои коррупсионӣ”, “Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ)” омӯзонида шуда, дар ҷамъбасти ин курсҳо мизҳои мудаввар дар мавзӯи “Сиёсати давлатии муқовимат ба коррупсия: Ҳолат ва дурнамо” баргузор карда шуд.

Дар фаъолияти минбаъдаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо омӯзиши таҷрибаи кишварҳои пешрафта оиди муқовимат ба коррупсия вобаста ба хусусиятҳои хоси ҷумҳурӣ ташкили ҳамин гуна курсҳои такмили ихтисос барои кормандони вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти муқовиматбаранда ба коррупсия ва судӣ низ ба нақша гирифта шудааст.

Банди 21 нақшаи стратегия “Таъсиси ихтисосҳои нав дар факултетҳои ҳуқуқшиносии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҷиҳати тайёр намудани кадрҳо дар самти муқовимат ба коррупсия”-ро пешбинӣ мекунад. Ҳадаф аз ин банд бо кадрҳои соҳибтахассус таъмин намудани мақомоти муқовиматкунанда бар зидди коррупсия мебошад.

Дар заминаи талаботи нақша ва барномаҳои таҳсилотии ихтисосҳои зикргардида (хусусан дар машғулиятҳои таълимии фанҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи маъмурӣ ва мурофиаи маъмурӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, мурофиаи граждании, назорати прокурорӣ, ҳуқуқи гумрукӣ, ҳуқуқи андоз ва ғайра.) ба донишҷӯён доир ба назария ва амалияи самти муқовимат ба коррупсия роҳандозӣ карда мешаванд.

Айни замон дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Донишкадаи давлатии Данғара, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд, аз рӯйи ихтисосҳои ҳуқуқшиносӣ, ҳуқуқи

байналмилалӣ, фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ, ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ, ҳуқуқи байналмилалии тиҷоратӣ, ҳуқуқи гумрукӣ ва ҳуқуқи иктисодӣ мутахассисони соҳа ва самтҳои мухталифи ҳуқуқ ва ҳуқуқҳои соҳавӣ тайёр карда мешаванд.

Баҳри баланд бардоштани сатҳи дониши ҳуқуқӣ ва ҷаҳонбинии донишҷӯён дар дарсҳои лексионии "Ҳуқуқи гумрукӣ", "Ҳуқуқи ҷиноятӣ", "Ҳуқуқи маъмурӣ", "Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ" оид ба пешгирии ҳар гуна амалҳои номатлуб, аз ҷумлаи қонунвайронкуниҳо, эҳтиром нисбати санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва риояи қатъии онҳо мавзӯъҳои алоҳида гузаронида мешаванд.

Бо назардошти дар Таснифоти давлатии равия ва ихтисосҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукукмати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2007, №349) ихтисоси махсуси равияи ҳуқуқшиносӣ дар самти муқовимат ба коррупсия дарҷ нагардидааст, таъсиси ин ихтисос мавқуф гузошта шудааст.

Новобаста аз корҳои анҷомдода, бинобар таъсис дода нашудани ихтисосҳои нав дар факултетҳои ҳуқуқшиносии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки то давраи анҷоми муҳлати чорабинии мазкур талаботи болозикрро пурра таъмин намояд.

Бо мақсади ташаккули мафкураи зиддикорупсионии аҳолӣ, хусусан наврасону ҷавонон дар банди 22 нақшаи стратегия "Таҳия ва интишори китобҳо, асарҳои саҳнавӣ, барномаҳои телевизионӣ дар мавзӯъҳои марбут ба муқовимат ба коррупсия" муқаррар гардидааст.

Тибқи иттилои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор намудани барномаҳои радиоӣ ва телевизионӣ, таҳия ва нашри китобу дастурҳои тарбиявӣ ва баргузории асарҳои саҳнавӣ дар муассисаҳои таълимӣ дар робита ба пешгирии коррупсия ва амалҳои номатлуби ришваситонӣ аз масъалаҳоеанд, ки зери назорати доимии роҳбарияти вазорат қарор дошта, барои пешгирии амалҳои мазкур корҳои фаҳмондадиҳӣ ва тарғиботӣ миёни хонандагону донишҷӯён ва омӯзгорон мунтазам сурат мегирад.

Чунончӣ, бо мақсади дар руҳияи ватандӯстӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ва муносибати оштинопазир нисбат ба коррупсия тарбия намудани ҷавонону наврасон, баланд бардоштани ҳисси масъулиятшиносӣ ва савияи дониши ҳуқуқии онҳо дар муассисаҳои таълимӣ мунтазам баромаду вохуриҳо, машғулиятҳои тарбиявию омузишӣ ва дигар чорабиниҳои ташвиқотию тарғиботӣ ва дар байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ озмунҳои иншонависӣ доир ба мавзӯъҳои «Мо зидди коррупсия», «Коррупсия амали нангин» ва «Нимтаи нон роҳати ҷон» ташкил ва баргузор гардидааст.

Дар ин раванд аз ҷониби профессорону омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олӣ мақолаҳои илмию оммавӣ дар мавзӯъҳои "Мушкилотҳои ҳуқуқии мубориза бо коррупсия дар соҳаи маориф", "Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат ба коррупсия", "Ҷавобгарӣ барои ришвадиҳии тиҷоратӣ мутобиқи қонунгузории кишварҳои хориҷӣ", "Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ришвагирии тиҷоратӣ тибқи қонунгузории Тоҷикистон", "Гирифтани пора ҳамчун ҷинояти коррупсионӣ", "Худдорӣ аз омилҳои коррупсионӣ", "Ҳадафҳои стратегии рушди иқтисод", "Коррупсия - хатари ояндасӯз" ва "Пешгирӣ аз амалҳои коррупсионӣ" таҳия ва дар рӯзномаю маҷаллаҳои кишвар нашр карда шудааст.

Ҳамзамон масъулини Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯъҳои "Роҳҳои мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон",

"Муқовимат ба коррупсия ва хавфнокии ин падидаи номатлуб", "Муқовимат ба коррупсия ва зуҳуроти он дар ҷомеа", "Коррупсия падидаи номатлуб" ва "Муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" якчанд мусоҳибаҳои телевизионӣ анҷом додаанд.

Тибқи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти ибтидоии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар заминаи синфи 11 фанни асосҳои давлат ва ҳуқуқ дар ҳаҷми 32 соат, синфи 9 фанни ҳуқуқи инсон дар ҳаҷми 68 соат ва барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ фанни ҳуқуқ дар ҳаҷми 3 кредит (72 соат) таълим дода шуда, дар доираи ин фанҳо омӯзиши мавзӯъҳои зиддикоррупсионӣ низ роҳандозӣ мегардад.

Дар Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиалҳои он ҳам мавзӯъҳои зиддикоррупсионӣ ба барномаҳои таълимии курсҳои омӯзишии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ворид карда шудааст.

Аз ҷониби Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор аёниятҳои тарғиботӣ, аз қабили «Мо муқобили коррупсия дар соҳаи маориф», «Не»-и ту аҳамияти калон дорад», «Танҳо мо дар якҷоягӣ пеши роҳи коррупсияро мегирем», «Порагирию пора додан оқибати мудҳиш дорад», «Маблағе, ки сабук ба даст меояд, оқибати вазнин дорад», «Коррупсия бадии даҳшатноки ҷомеа ва чандрӯя аст» ва «Муқовимат ба коррупсия кори ҳар як шахс» табъу нашр гардида, ба тамоми муассисаҳои таълимӣ новобаста аз шакли моликият, аз ҷумла таҳсилоти томактабӣ, ибтидоӣ, асосӣ, миёнаи умумӣ, миёнаи махсус ва олии касбӣ барои омӯзиш ва корбарӣ дастрас гардидааст.

Дар банди 23 нақшаи стратегия "Амалӣ намудани чораҳо оид ба ҷорӣ намудани низоми ягонаи иттилоотӣ баҳри кам намудани робитаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо хизматчиёни давлатӣ, инчунин муайян намудани рақами телефони боварии доимоамалкунанда ва фаъол нигоҳ доштани сомонаҳои расмӣ" пешбинӣ карда шудааст, ки мухлати иҷрои он солҳои 2021-2025-ро дарбар мегирад.

Аз маълумотномаи Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки дар заминаи ин чорабинӣ рақамикунонии ҳуҷҷатҳо дар низоми сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, нотариат ва коргузорӣ ба роҳ монда шуда, баҳри таъмини интизоми иҷро ва назорати дохилиидоравӣ бо мақсади иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, №643 "Дар бораи Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" барномаи ягонаи коргузории электронӣ дар Вазорат ва сохторҳои тобеи он марҳила ба марҳила роҳандозӣ мешавад.

Тибқи супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 декабри соли 2015, таҳти № 21/10 Вазорат "Дастгирии ислоҳоти низоми сабти асноди ҳолати шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон"-ро бо Барномаи рушди Созмони Миллали Муттаҳид (БРСММ) ва Агентии Швейсариягӣ оид ба ҳамкорӣ ва тараққиёт (SDC) ба имзо расонид.

Дар доираи лоиҳаи "Дастгирии ислоҳоти низоми сабти асноди ҳолати шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон" баҳри татбиқи Барномаи рушди мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2019, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 январи соли 2014, №24 тасдиқ шудааст ташкили махзани ягонаи марказонидашудаи ҳуҷҷатҳои САҲШ ва

дар ин замина гузаронидани тамоми ҳуҷҷатҳои сабт (бақайдгирии таваллуд, вафот, ивазнамоии ному насаб ва ғайра) ба шакли электронӣ, бахусус тамоми бойгониҳои САҲШ (оцифровка архивов), ки тибқи қонун бояд муҳлати 75 сол нигоҳ дошта шаванд пешбинӣ гардидааст. Лоиҳаи мазкур аз ду марҳила (марҳилаи якум аз 01 январи соли 2016 оғоз ёфта, 31 декабри соли 2019 ба анҷом расид) иборат буда, анҷоми он то соли 2023 ба нақша гирифта шудааст.

Бояд зикр намуд, ки раёсати асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар озмуни шаҳрии «Беҳтарин сомонаҳои инноватсионии шаҳри Душанбе» иштирок намуда, дар номинатсияи «Беҳтарин сомонаи инноватсионии ҳамкориҳои давлатӣ-хусусӣ» сазовори ҷойи сеюм гашт. Дар маросими ҷоизасупорӣ, ки 22 ноябри соли 2021 дар «Кохи Суруш»-и пойтахт доир гашт, сомонаи раёсат - www.rahsh-adliya.tj бо дипломи дараҷаи III, ҷом ва маблағи ҳавасмандгардонӣ мукофотонида шуд.

Почтаҳои электронии раёсати асноди ҳолати шаҳрвандӣ, шуъбаҳои раёсат дар ВМКБ, вилоятҳои Суғд ва Хатлон, инчунин бахшу шуъбаҳои САҲШ-и шаҳру ноҳияҳо фаъол буда, байни мақомоти САҲШ мукотибаи электронӣ ба роҳ монда шудааст. Бо дастгирии лоиҳаи «Ислоҳоти низоми бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (Марҳилаи 2)» ба ҳамаи 74 мақомоти САҲШ-и Вазорати адлия расман почтаҳои электронии идоравӣ кушода, барои истифода дода шуд. Илова ба ин, раёсат ва аксарияти бахшҳои САҲШ-и шаҳру ноҳияҳо дар шабакаи иҷтимоии Facebook (Фейсбук) саҳифаи худро кушода, дар он чорабиниҳои гузаронидашуда ва маълумотҳои дахлдорро ҷойгир менамоянд.

Ҳамзамон дар доираи ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи Гаага дар бораи бекор кардани талаботи таъйиди ҳуҷҷатҳои расмӣ, руйхати ягонаи электронии апостилгузорӣ «e-Apostile» амалӣ гашт.

Бо шарофати низоми мазкур, ки пурра ба талаботи муосири шаҳрвандон ҷавобгӯ аст, шахсони манфиатдор имконияти санҷиши аслӣ ва баромади ҳуҷҷатро бо усули бехатар ва фаврӣ пайдо мекунанд.

Инчунин низоми руйхати ягонаи электронии апостилгузорӣ ба мақоми ваколатдор имконияти автоматикунонии чараёни тасдиқи аслии ҳуҷҷатҳоро медиҳад, ки он ҷараёни барои шаҳрвандоне, ки ин ҳуҷҷатҳоро дар хориҷа истифода мекунанд, метезонад.

Кор дар самти махзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии «Адлия» низ ба таври мукаммал ба роҳ монда шуда, дар даҳ моҳи соли 2022 ба он 2551 санади меъёрии ҳуқуқӣ ворид гардида, 2173 истифодабаранда дастрасӣ доранд.

Дар Вазорати адлия хатти телефони ройгони 3040 (телефон горячей линии) амал менамояд, ки шаҳрвандон вобаста ба масъалаҳои гуногуни ҳуқуқӣ тавассути он муроҷиат намуда, маслиҳати ҳуқуқӣ мегиранд.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ додааст, ки ҷиҳати таҳияи барномаи мукаммал оид ба коргузории электронӣ ба роҳбарияти донишгоҳҳои техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ ва технологии Тоҷикистон аз 10 майи соли 2022, №230/l0-101 дастури Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардидааст, ки бо ҷалби мутахассисони соҳа барномаи мукаммал оид ба коргузории электронӣ ва дастурамали истифодабарии онҳо таҳия намуда, барои мувофиқа ба роҳбарияти Вазорат пешниҳод намоянд. Аз тарафи роҳбарияти муассисаҳои таълимӣ лоиҳаи барнома ва дастурамали истифодабарии он омода гардида, пешниҳод карда шуд.

Масъалаи мазкур санаи 5 майи соли 2022 дар ҷаласаи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки намояндаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳои маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо, Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, донишгоҳҳои технологӣ ва техникии Тоҷикистон ва дигар шахсони масъул баррасӣ гардида, лоиҳаи барномаҳои омодакардашуда аз ҷониби намояндагони Хадамоти алоқа, донишгоҳҳои техникию технологӣ тариқи слайд муаррифӣ карда шуда, айни ҳол барномаҳои мазкур дар ҳолати озмоиш қарор доранд.

Банди 24 нақшаи стратегия “Содагардонии расмиёти маъмурӣ дар самти фаъолияти соҳибкорӣ бо роҳи татбиқ намудани барномаҳои зиддикоррупсионии мақсаднок, аз ҷумла бекор намудани қоидаҳои барзиёд вобаста ба сертификатсия ва иҷозатномадиҳӣ”-ро пешбинӣ кардааст.

Тибқи маълумоти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади содагардонии расмиёти маъмурӣ дар самти фаъолияти соҳибкорӣ ҷиҳати аз байн бурдани гуногунфаҳмӣ ва ихтилофот байни меъёрҳои алоҳида, аз ҷумла дар принсипҳои “масъулияти изҳоршуда” ва “маъқулдонии худ аз худ”, ки бевосита ба додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ вобастагӣ дорад, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ” аз 18 марти соли 2022, №1863 қабул ва мавриди амал қарор гирифт.

Баҳри идомаи ислоҳот дар соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳии ҷумҳурӣ, аз байн бурдани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта барои амал ва фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ дода мешаванд, ҳамзамон мутобиқ намудани баъзе санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумидошта ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ” лоиҳаи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ” ва “Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон” таҳия ва 25 январи соли 2022, №1-4б/59 ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст.

Тибқи лоиҳаҳои мазкур, реҷаи кори ташкилоту объектҳои савдо, хизматрасонии маишӣ ва дигар намуди хизматрасонии аз ҷиҳати танзим муҳиме, ки номгӯи онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст, бо қарори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ҳудуди марзиву маъмурии дахлдор бе ҷалби субъектҳои хоҷагидор муқаррар карда мешаванд.

Чунин муқаррарот сарбории субъектҳои хоҷагидорӣ ва сармоягузориро дар бобати гирифтани ҳуҷҷати хусусияти иҷозатдиҳидоштаро, ки дар қонунгузории соҳаи иҷозатдиҳӣ пешбинӣ нашудааст, аз байн бурда, шароити мусоидро барои соҳибкориву сармоягузорӣ фароҳам меорад ва ҷиҳати аз байн бурдани амалҳои коррупсионӣ мусоидат менамояд.

Дар доираи идомаи ислоҳот дар самти танзими соҳаи низоми иҷзатдиҳӣ ва иҷозатномадиҳӣ (литсензиядиҳӣ), ҳамзамон барои ба роҳ мондани расмиёти ягонаи коргузорӣ дар тамоми мақомоти иҷозатдиҳанда ва иҷозатномадиҳанда

(литсензиядиҳанда) бо ҷалби мушовирони Корпоратсияи Байналмиллалии Молиявӣ, Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ (IFC) омӯзишу таҳлили таҷрибаи татбиқи қонунгузории иҷозатномадиҳӣ (литсензиядиҳӣ) ба баъзе намудҳои фаъолият ва низоми иҷозатдиҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин бо як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар танзим гардидани масъалаҳои алоқаманд бо додани ҳуҷҷатҳои хусусиятҳои иҷозатдиҳӣ ба фаъолият, амал, мол (маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ) тибқи амалияи байналмилалӣ аз рӯи принсип - расмиёт, муҳлат ва пардохти ягонаи ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта, аз ҷумла давлатҳои Қирғизистон, Қазоқистон, Озарбойҷон, Гурҷистон, Россия ва Олмон гузаронида шудааст.

Бо натиҷаи таҳлилҳои гузаронидашуда ҷиҳати дар доираи як санади мукаммал танзим намудани муносибатҳои қайдгардида, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон” бо назардошти таҷрибаи байналмилалӣ ва миллӣ таҳия ва тибқи супориши муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 июни соли 2022, №21082(22.4) барои пешниҳоди хулоса ба мақомоту идораҳои дахлдор ирсол гардида, тибқи хулосаҳои вазорату идораҳо гурӯҳи кории байниидоравӣ таъсис дода шуда, лоиҳаи Қонун ва Феҳристи ягонаи давлатии иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, огоҳиномаҳои гирифташаванда дар баррасии гурӯҳ қарор дорад.

Баҳри татбиқи босамари санадҳои меъёрии ҳуқуқии самти санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ҳамасола номгӯи меъёрҳои арзёбии дараҷаи таваккали субъектҳои хоҷагидор, номгӯи масъалаҳои назоратӣ ва нақшаҳои солонаи гузаронидани санҷишҳои нақшавии мақомоти санҷишӣ дар мувофиқа бо Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ тасдиқ гардида, дар сомонаҳои расмии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, мақомоти санҷишӣ ва воситаҳои ахбори омма барои шиносоии субъектҳои хоҷагидор ҷойгир карда мешаванд.

Бо мақсади дастгирии давлатии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, фароҳам овардани фазои мусоид барои ҷалби сармоя, ташкили ҷойҳои корӣ ва кам намудани санҷишҳо бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 марти соли 2022, №362 ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ то 1 январи соли 2023 мораторий эълон гардида, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ» аз 8 июни соли 2022, №1874 қабул карда шуд.

Дар доираи амалӣ намудани Созишномаи ҳамкории баимзорасонидашуда байни Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ ҷорӣ намудани системаи Низоми электронии хизматрасониҳо барои соҳибкорону сармоягузорон (маҳзани ягона оид ба санҷишҳо ва иҷозату иҷозатномаҳо) ба тариқи пилотӣ дар Кумитаи ҳифзи муҳити зист, Агентии стандартизатсия, сертификатсия, метрология ва назорати савдо, Кумитаи рушдӣ сайёҳӣ, Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ, Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт ва Хадамоти давлатӣ оид ба назорат дар соҳаи энергетика муайян карда шудааст.

Дар заминаи татбиқи созишномаи мазкур, дар самти ҷорӣ намудани Низоми мазкур созишномаи махфият миёни ширкати интихобгардида вобаста ба тарҳрезии системаи хизматрасонии иттилоотӣ ба имзо расонида шуд, ҷиҳати

шиносоии роҳбарияти мақомоти пилотӣ ва омӯзонидани шахсони масъули мақомоти мазкур аз раванди ҷорӣ гардидани системаи иттилоотии хизматрасониҳои электронӣ барои соҳибкорон мутахассисони барномасоз ҷалб гардида, марҳила ба марҳила корҳои омӯзишӣ ташкил ва ба роҳ монда шуд.

Ҷиҳати идомаи қадамҳои минбаъда оид ба пайваст намудани системаи мазкур ба низоми электронии мақомоти андоз ва низоми пардохтҳои хизматрасонӣ бо истифода аз кортҳои Корти Миллӣ ва интиқоли маблағҳои аз ҳисоби пардохткунанда ба суратҳисобҳои ҳисоббаробаркунии ташкилотҳои пилотӣ бо роҳбарияти Вазорати молия, Кумитаи андоз ва Бонки давлатии “Амонатбонк” вохӯриҳо доир гардида, лоиҳаи созишномаҳо омода ва дар марҳилаи ба имзорасонӣ бо мақомоти болозикр қарор дорад.

Бо мақсади рушди соҳибкорӣ, инчунин таъмини кафолатҳои давлатии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, ҷалби сармояи бахши хусусӣ ба иқтисод ва фароҳам овардани заминаи меъёрии ҳуқуқии шарикии давлат ва бахши хусусӣ як катор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз қабили лоиҳаи Барномаи давлатии дастгирии бахши хусусӣ барои солҳои 2022-2026, лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Барномаи рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар Ҷумҳури Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” ва Нақшаи чорабиниҳои марҳилаи якуми Барномаи мазкур барои солҳои 2022 – 2026, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ” ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи консессияҳо” дар доираи як қонун таҳия карда шуда, ҳоло дар баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд.

Бори нахуст дар Тоҷикистон бо ташабуси Кумита ҷиҳати дастрасӣ ба маълумотҳо оид ба фаъолияти соҳибкорию сармоягузорон, Барномаи мобилии “Соҳибкор” таҳия ва бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) дар шабакаи интернетӣ роҳандозӣ гардида, дар барномаҳои Play Market ва AppStore ҷойгир карда шуд. Тавассути барномаи мобилии “Соҳибкор” истифодабарандагон маълумоти муфассалро оид ба санадҳои меъёриву ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дастрасӣ пайдо намуда, он метавонад ҳамчун маҳзани ягонаи иттилотии дастгирии давлатии соҳибкорӣ барои истифодабарадагон хизмат кунад.

Баҳри баланд бардоштани маърифати иқтисодию ҳуқуқии соҳибкорон дар назди Кумита муассисаи давлатии «Ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон» ва шуъбаҳои он дар шаҳрҳои Бохтар, Кулоб, Хуҷанд ва Хоруғ, инчунин маркази омӯзишӣ дар назди КВД “Тоҷинвест” таъсис дода шудааст, ки дар давоми фаъолият зиёда аз 200 чорабиниҳои омӯзишӣ барои соҳибкорон гузаронида, минбаъд ин равандро боз ҳам тақвият мебахшанд.

Дар раванди татбиқи Барномаи давлатии дастгирии соҳибкорӣ барои солҳои 2012-2020 аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳибкорону сармоягузорон имтиёзҳои андозиву гумрукӣ пешниҳод карда шуданд. Аз ҷумла, барои ҳавасманд гардонидани соҳибкорону сармоягузорон айни замон тибқи қонунгузории амалкунанда беш аз 100 имтиёзу сабукиҳо муқаррар карда шудааст, ки 80 фоизи онҳо ба имтиёзҳои фискалӣ, яъне андозӣ ва гумрукӣ рост меояд.

Маблағгузории қарзӣ яке аз воситаҳои асосии таъмини рушди устувори иқтисодиёт, вусъат додани истеҳсолоти ватанӣ, устувор намудани иқтидори содиротӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ дар кишвар ба ҳисоб рафта, тибқи маълумоти Бонки миллии Тоҷикистон дар моҳҳои январ –сентябри соли 2022 аз

ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба иқтисодиёт ба маблағи 10303,8 млн. сомонӣ қарз пешниҳод карда шудааст, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли 2021-ум 3,27 млн. сомонӣ ё 0,6 фоиз зиёд мебошад. Ба соҳибкорони хурду миёна аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ дар моҳҳои январ сентябри соли 2022, 3253,9 млн. сомонӣ қарз ҷудо карда шудааст.

Тибқи маълумотҳои пешниҳоднамудаи Вазорати рушди иқтисод ва савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълум гардид, ки ҷиҳати дастгирии соҳибкорони ватанӣ тавассути соддагардонии расмиёти савдо Портали савдои Тоҷикистон дар назди вазорати номбурда аз 26 апрели соли 2019 мунтазам фаъолият намуда истодааст.

Портали мазкур аввалин шуда, дар байни давлатҳои Осиёи Марказӣ таъсис дода шудааст, ки дар он маълумоти муфассал оид ба расмиёти содиротию воридотӣ ва транзитӣ бо 3 забон пешниҳод гардидааст.

Дар маҷмӯъ портал доир ба расмиёти содиротию воридотӣ ва транзитии 53 гурӯҳи молӣ, аз ҷумла 20 расмиёти содиротӣ, 30 расмиёти воридотӣ ва 3 расмиёти транзитӣ маълумот пешниҳод мекунад, ки он зиёда аз 1500 номгӯи молу маҳсулотро дарбар мегирад.

Дар портали мазкур дар бораи расмиёти коркард дар ҳудуди гумрукӣ ва берун аз он, реэкспорт ва реимпорт, воридот ва содироти муваққатӣ ва расмиёти махсуси гумрукӣ маълумот дода шуда, санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимгари фаъолияти савдои хориҷӣ, шаклҳои зарурӣ, дастури видеоӣ оид ба тарзи истифодабарӣ ва суроғаи муассисаҳои давлатӣ ҷойгир карда шудаанд.

Роҳандозии чораҳои муосир оид ба ҷорӣ намудани тарзу воситаҳои ҳимояи шахсоне, ки ба ошкор намудани ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд ҳамкорӣ менамоянд, банди 25 нақшаи стратегия пешбинӣ намудааст. Мақсади асосии ин банд ҳавасмандгардонии шаҳрвандон барои ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошад.

Вобаста ба иҷрои ин банд аз ҷониби масъулини Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар субъектон маълумотҳои дахлдор пешниҳод нагардид.

Банди 26 нақшаи стратегия “Такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба танзими хизматрасониҳои пулакӣ дар соҳаи тандурустӣ”-ро пешбинӣ намудааст. Ҳадафи он ба низом даровардани тартиби хизматрасонии пулакӣ, аз ҷумла маълумотномаҳои тиббӣ ба аҳолӣ буда, муҳлати амали банди мазкур дар солҳои 2021-2022 ба анҷом расид.

Қайд намудан лозим аст, ки дар соҳаи тандурустӣ дар самти хизматрасониҳои пулакӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерин мавриди амал қарор доранд, аз ҷумла қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2008, №600 “Дар бораи Тартиби хизматрасониҳои тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ”, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 майи соли 2020, №252 “Дар бораи Барномаи кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо кӯмаки тиббию санитарӣ дар шаҳру ноҳияҳои таҷрибавии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2022” ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 июли соли 2016, №336 “Оид ба гузаронидани муоинаҳои ҳатмии пешакӣ ва давравии тиббӣ”.

Татбиқи Барномаи кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо кӯмаки тиббию санитарӣ дар шаҳру ноҳияҳои таҷрибавии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳар се сол қабул гардида, муҳлати татбиқи навбатии он соли 2022 ба итмом расид. Айни ҳол лоиҳаи нави Барномаи кафолатҳои давлатӣ барои солҳои 2023-2027 аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо вазорату идораҳои алоқаманд таҳия гардида, барои баррасӣ ва тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст.

Бо назардошти солҳои тӯлонӣ истифода гардидани нархномаҳои амалкунанда дар соҳаи тандурустӣ вазорат ҷиҳати такмили нархномаҳои хизматрасонӣ ҷиҳати гирифтани дастури Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мурочиат намуд, ки вобаста ба вазъи некуаҳволии мардум масъалаи мазкур дастгирӣ нагардид.

Тибқи Нақшаи чорабиниҳо оид ба пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2022, №116 тасдиқ гардидааст, бо мақсади пешгирии болоравии нархҳо, баландшавии тарифҳои хизматрасонии коммуналӣ (неруи барқ, об ва гармидиҳӣ), нақлиёти мусофиркашонӣ ва тиббию маориф мавқуф гузошта шудааст.

Бинобар ин, баъд аз ба эътидол омадани вазъи иқтисоди миллӣ ҳангоми зарурат ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба хизматрасониҳои пулакӣ тағйирот ворид карда мешавад.

Банди 27 нақшаи стратегия “Такмил ва шаффоф намудани тартиби хариди таҷҳизоти тиббӣ, маводи доруворӣ ва назорати сифати онҳо”-ро пешбинӣ намудааст. Мақсади он пешгирии омилҳои коррупсионӣ ҳангоми хариди таҷҳизоти тиббӣ ва маводи доруворӣ буда, иҷрокунандагон Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравindependence.

Дар соли 2022 тибқи қонунгузории амалкунанда барои таҳвили таҷҳизотҳои тиббӣ, маводи доруворӣ, инчунин таъмири муассисаҳои тандурустӣ Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи умумии 37 168248,00 сомонӣ ва ба маблағи умумии 3 700002,00 сомонӣ тавассути Портали ягонаи хариди электронӣ хариди давлатии мол, кор ва хизматрасониро анҷом додааст, ки маблағи сарфаи он 2 060649,00 сомонӣ ё 4,8%-ро ташкил медиҳад. Дар маҷмӯъ дар ин давра - 14 хариди электронии таҷҳизотҳои тиббӣ ва маводҳои доруворӣ ва 11 хариди таъмири муаассисаҳои тандурустӣ, инчунин 2 харид бо усули “Харид аз як манбаъ” гузаронида шудааст.

Бо мақсади назорати сифати маводҳои доруворӣ дар даҳ моҳи соли 2022 Сарраёсати назорати давлатии фаъолияти фарматсевтии Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва раёсату шуъбаҳои дар вилоятҳобуда фаъолияти 158 муассисаи фармасевтиро зери санҷиш қарор додааст.

Ҳангоми санҷишҳо аз муассисаҳои фармасевтии ҷумҳурӣ 537 номгӯй маводҳои доруворӣ ва молҳои тиббӣ ба миқдори 21826 адад аз муомилот гирифта шуданд ва дар соли 2022 - 84117 кг маводҳои доруворӣ, молҳои тиббӣ, маводҳои ороишию гигиенӣ ва ғизои кӯдаконаи муҳлати истифодабариашон гузашта, бе сертификати мутобиқат ва ба талаботҳо ҷавобгӯйнабуда, бо роҳи сӯзонидан несту нобуд карда шудаанд.

Дар Корхонаи воҳиди давлатии “Экспертиза ва озмоиши маҳсулоти фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ” ва корхонаҳои воҳиди давлатии дар вилоятҳобудаи Хадамоти назорати давлатии фаъолияти фарматсевтӣ аз ҳисоби номгӯи маводҳои дорувории зери ташхис қарордодашуда ба 33016 адад сертификатҳои мутобиқат ва протоколи санҷиш дода шуда, 269 намунаи онҳо бошад, бинобар ба талаботҳои стандартӣ ҷавобгӯй набудан аз муомилот гирифта шудаанд.

Дар ин давра мутобиқи моддаҳои 121 ва 122 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон 200 нафар шахсони воқеию ҳуқуқӣ барои вайрон намудани қоидаҳои фаъолияти фармасевтӣ ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуда, нисбати онҳо ба маблағи умумии 624280 сомонӣ ҷарима татбиқ ва ба буҷети давлат супорида шудааст.

Дар банди 28 нақшаи стратегия “Назорати истифодаи мақсадноки маблағҳо ва воситаҳои грантӣ, ки ба соҳаи тандурустӣ равона гардидаанд” пешбинӣ гардида, ҳадафи он пешгирии омилҳои коррупсионӣ ҳангоми истифодаи маблағҳо ва воситаҳои грантӣ мебошад.

Мониторинги гузаронида нишон дод, ки ҷиҳати пешгирии ҳолатҳои коррупсионӣ ва истифодабарии мақсадноки маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ, дар Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №148 шуъбаи аудити дохилӣ фаъолият карда истодааст.

Такмил додани маводҳои таҳлилӣ ва истифодабарии мақсадноки маблағҳо ва воситаҳои грантӣ, инчунин ғайриқонунӣ ситонидани маблағ мунтазам дар ҷаласаҳои мушовараи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода, дар он нисбати беҳтар намудани вазъи молиявӣ тибқи моддаҳои пешбинишуда, иҷро намудани харҷномаҳои маблағҳои буҷетӣ, барҳам додани қарзҳои дебиторию кредиторӣ ва мақсаднок истифодабарии маблағҳои буҷетӣ ба роҳбарони муассисаҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ супоришҳои қатъӣ дода мешавад. Аз натиҷаи санҷишҳо ҳар семоҳа ба Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти муфассал пешниҳод карда мешавад.

Аз ҷониби Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, дар робита ба назорати истифодаи мақсадноки маблағҳо ва воситаҳои грантӣ, ки ба соҳаи тандурустӣ равона гардидаанд, 2 чорабинии аудиторӣ гузаронида шуда, дар ин замина як қатор қоидавайронкуниҳои молиявӣ муайян ва маблағҳои он пурра ба буҷети давлатӣ барқарор карда шуданд.

Банди 29 “Пешгирӣ намудани омилҳои коррупсионӣ зимни тақсимоти ихтисосҳои тиббӣ ва ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо дар соҳаи тандурустӣ”-ро пешбинӣ намудааст. Барои иҷрои талаботи ин банд тақозо карда мешавад, ки ҳамасола раванди бо ҷойи кор таъмин намудани хатмкардагони Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино” баъди хатми донишгоҳ дар асоси дархости пешниҳоднамудаи роҳбарони муассисаҳои тиббии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ баргузор мегардад. Санаи 2 июни соли 2022 вохӯрии вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, сардори раёсатҳои таҳсилоти тиббию фарматсевтӣ, сиёсати кадрҳо ва илм бо иштироки ректори Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни

Сино ва хатмкунандагон гузаронида шуда, онҳо ба талаботҳои муайяншудаи соҳаи тандурустӣ шинос карда шуданд.

Бахри пешгирӣ намудани омилҳои коррупсионӣ ҳамасола аз ҷониби вазорат комиссия таъсис дода мешавад. Аз ҷумла, рӯзҳои 20-23 июни соли 2022 тақсимоти фардии хатмкунандагони солҳои таҳсили 2021-2022 Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино” бо иштироки намояндгони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бахусус субъектони муқовимат ба коррупсия гузаронида шуд.

Баланд бардоштани дониши касбии санҷишгарони соҳаи андоз ва пешгирӣ намудани содиршавии кирдорҳои коррупсионӣ дар байни онҳо аз банди 30 нақшаи стратегия бармеояд.

Тибқи иттилои Кумитаи андоз мунтазам омӯзиши муқаррароти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ”, “Дар бораи муқовимат ба коррупсия”, кодексҳои одоби хизматчии давлатӣ, одоби касбии корманди мақомоти андоз ва одоби шахсони мансабдори мақомоти санҷишӣ роҳандозӣ гардида, дар Маркази такмили ихтисоси ин ниҳод бо мақсади баланд бардоштани сатҳи дониши дар ин самт курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ ташкил ва гузаронида мешаванд.

Дар барномаҳои таълимии Марказ дар қатори мавзӯъҳои асосӣ, аз қабили омӯзиши Кодекси андоз ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба андозбандӣ, стандартҳои ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, қабули эъломияҳои (ҳисоботҳо) андоз, барномаи компютерии “Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳо”, корбарӣ бо почтаи электронӣ, мактубҳои дастуриву тавзеҳотии Кумитаи андоз, инчунин барои ҳамаи категорияи хизматчиёни давлатӣ – шунавандагони курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ ҷиҳати тарғибу ташвиқи меъёрҳои қонунгузории ҷорӣ оид ба танзими анъана ва ҷашну маросимҳо, масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд, мудофиаи шаҳрвандӣ ва ҳолатҳои фавқулодда, таълиму тарбияи ҳуқуқӣ, одоби муошират бо андозсупорандагон, таҳким ва такмили асосҳои ҳуқуқии мубориза бо коррупсия аҳамияти махсус дода мешавад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки бо ташаббуси роҳбарияти Кумитаи андоз барои гузаронидани машғулиятҳои тахассусӣ бо кормандони мақомоти андоз дар ҳолати зарурӣ мутахассисони баландихтисоси муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар, марказҳои илмию тадқиқотӣ ва кормандони дигар мақомоти давлатӣ низ ҷалб мегарданд.

Дар давраи сипаригардида дар маҷмӯъ зиёда аз 364 нафар кормандон дар 21 давр, аз ҷумла дар Маркази такмили ихтисоси Кумитаи андоз дар 14 давр зиёда аз 242 нафар ва бахшҳои он дар вилоятҳо дар 7 давр 122 нафар кормандони мақомоти андоз ба курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ фаро гирифта шуданд, ки аксарияти онҳоро ҷавонон ташкил медиҳанд.

Банди 31 нақшаи стратегия “Мукаммал намудани низоми оияндабинӣ ва банақшагирӣ дар самти даромад ва хароҷоти маблағҳои буҷети давлатӣ”-ро пешбинӣ намудааст.

Бахри идомаи ислоҳот ва дар ин замина баланд бардоштани самаранокии низоми молияи давлатӣ бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2020, №1446 “Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ барои давраи то соли 2030” тасдиқ гардида, якчанд чорабиниҳо бахри беҳтар гардонидани

натиҷадиҳии идоракунии низоми молияи давлатӣ, самаранок ва мақсаднок истифода намудани маблағҳои буҷетӣ пешбинӣ карда шудаанд.

Ҳадафҳои Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ барои давраи то соли 2030 ва Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба ҷорӣ намудани таҷрибаи “маблағгузории нерӯ” ҷиҳати идома додани буҷетикунонии барномавӣ барои мақомоти ҳокимияти иҷроия ҳангоми ҷараёни банақшагирии буҷет бо банақшагирии стратегӣ, такмили маъмурикунонии андоз барои сифатан беҳтар намудани ҷамъоварӣ, таъмини шаффофияти иҷрои буҷет дар ҳисоботи молиявӣ, беҳтар намудани назорати парламентӣ ва ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди буҷетикунонӣ равона гардидааст.

Ҷиҳати мукаммал намудани низоми ояндабинӣ ва банақшагирӣ дар самти даромад бо дарназардошти таҷрибаи давлатҳои ҳамсоя дар самти дурнамои даромадҳои давлатӣ ва дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд дар лоиҳаи “Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2021-2025” таҳия ва ҷорӣ намудани модели нави (эмперикӣ) дурнамои даромадҳои давлатӣ пешбинӣ шудааст, ки татбиқи он марҳила ба марҳила дар доираи нақшаи амалисозии барномаи мазкур таъмин карда мешавад.

Ҳамасола мутобиқ ба фармоиши дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таҳияи лоиҳаи буҷети давлатӣ барои давраи миёнамуҳлат аз ҷониби Вазорати молия лоиҳаи самтҳои асосии сиёсати молиявию буҷетӣ ва андозиро барои давраи дар пешистодаи банақшагирии буҷет бо дарҷи чорчӯбаи миёнамуҳлати макрофискалӣ, ҳадди ниҳоии даромад, хароҷот ва касри буҷет таҳия намуда, барои мувофиқа унвонии Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

Шурӯъ аз соли 2017 бори аввал дар сатҳи буҷети ҷумҳуриявӣ дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва суғурта, комплекси сузишворӣ-энергетикӣ, кишоварзӣ, моҳидорӣ ва шикор, нақлиёт ва коммуникатсия низоми буҷетикунонии барномавӣ (гурӯҳбандии барномавии буҷет) ҷорӣ карда шудааст.

Бо дарназардошти таҷрибаи нав будани буҷетикунонӣ дар асоси барнома Гурӯҳбандии барномавӣ соли аввал танҳо дар соҳаҳои пилотӣ (таҷрибавӣ) ҷорӣ карда шуда, пас аз натиҷагирии он солҳои оянда пурра дар ҳамаи соҳаҳо ҷорӣ карда мешавад.

Айни ҳол мавриди таҳияи буҷет принсипи банақшагирӣ дар асоси сметаи хароҷотӣ, яъне таҳияи буҷет дар асоси гурӯҳбандии иқтисодӣ истифода бурда мешавад.

Дар чунин ҳолат дар мадди аввали назорат танҳо аз рӯи гурӯҳбандии иқтисодии буҷетӣ, яъне хароҷоти ташкилот ё муассиса барои пардохти музди меҳнат, харидории техникаю таҷҳизот, маводҳои конселярӣ, маводи сузишворӣ, таъмир ва ғайраҳо амалӣ карда шуда, натиҷаҳо ва самаранокии фаъолияти ташкилот ё муассиса дуюминдараҷа боқӣ мемонад.

Таҳияи буҷет дар асоси барномавӣ яке аз усулҳои пешқадами ҷаҳонии таҳияи буҷет ба ҳисоб рафта, мавриди пурра ҷорӣ намудани низоми мазкур имконият пайдо мегардад, ки натиҷанокӣ ва самаранокии фаъолияти ташкилоту муассисаҳо аз руи индикаторҳои муқарраргардида ва самаранокии истифодаи маблағҳои давлатӣ баҳогузорӣ карда шавад.

Тарафи мусбии ҷорӣ намудани низоми буҷетикунонӣ дар асоси барнома, ин омода намудани инструментҳо барои шаффофияти буҷет, мониторинги иҷроиши

стратегияҳо ва барномаҳои қабулнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, баланд бардоштани масъулияти роҳбарони вазорату идораҳо, азнавтақсимкунии маблағҳои буҷетӣ аз рӯи афзалиятнокии барномаҳо ва пешниҳоди ҳисобот оид ба иҷрои барномаҳо мебошад.

Банақшагирии қисми хароҷоти буҷети давлатӣ барои мақомоти давлатӣ, аз ҷумла барои сохторҳои мудофиа ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳамасола за ҷониби Комиссияи байниидоравии буҷетии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қисми даромади буҷети давлатӣ ба роҳ монда шуда, иҷроиши маблағҳои ба нақша гирифташуда тибқи тартиби муқаррарнамудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад.

Дар робита ба ин, дар соли 2022 барои сохторҳои мудофиа ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ маблағҳои дахлдор пешбинӣ гардида, иҷроиши онҳо ба ҳолати 25 октябри соли 2022 ба андозаи 75,8 фоиз таъмин карда шудааст.

Бо мақсади таъмини иҷрои талаботи банди 32 нақшаи стратегия, яъне "Сода гардонидани низоми ҳисоб, пардохти андозҳо ва тақвият додани ҳамкории мақомоти андоз бо субъектҳои хоҷагидор ва андозсупорандагони дигар" муайян карда шуд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади сода гардонидани низоми андоз, баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо ба андозсупорандагон, беҳтар намудани риояи ихтиёрии қонунгузории андоз ва бо мақсади татбиқи Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020-2025 санаи 03 июни соли 2021 бо Ассотсиатсияи Байналмилалии Рушд Созишнома оид ба татбиқи Лоиҳаи "Амалиёт оид ба ислоҳоти андоз"-ро ба имзо расонидааст. Аз ҷониби созмони мазкур 50 млн. доллари ИМА барои татбиқи лоиҳаи болозикр, ки муҳлати он солҳои 2021-2026-ро дарбар мегирад, ҷудо гардида, фаъолият дар ин самт идома дорад.

Банди 33 нақшаи стратегия "Ба танзим даровардани санҷишҳои риояи қонунгузории андоз, аз ҷумла кам кардани шумораи санҷишҳо, махсусан санҷишҳои камералӣ ва ба роҳ мондани фаъолияти шаффофи андозсупорандагон"-ро пешбинӣ намудааст.

Қайд намудан лозим аст, ки бо мақсади ба танзим даровардан ва кам кардани шумораи санҷишҳо, бахусус санҷишҳои камералӣ ҷиҳати ба роҳ мондани фаъолияти шаффофи андозсупорандагон масъулини Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста чораҷӯӣ менамоянд.

Чунончи, бо мақсади дастгирии давлатии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ ва кам намудани санҷишҳо бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 марти соли 2022, №362 ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, аз ҷумла санҷишҳои сайёри андоз то 1 январи соли 2023 мораторий эълон гардида, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ" аз 8 июни соли 2022, №1874 қабул карда шудааст.

Мутобиқи талаботи Кодекси андоз дар таҳрири нав тартиби гузаронидани назорати камералӣ низ тағйир дода шуда, минбаъд натиҷаи он дар ҳисобварақаи андозсупоранда сабт нагардида, қарор қабул карда намешавад, ки ҳолати мазкур баҳсҳои беасосро кам ва сифати корҳои назоратиро баланд мебардорад.

Инчунин, мутобиқи талаботи Кодекси андоз дар таҳрири нав шурӯъ аз соли 2022 санҷишҳои андозӣ дар асоси критерияи хавфҳо амалӣ гардида, танҳо

нисбати андозсупорандагоне гузаронида мешавад, ки дар фаъолияти онҳо хавфҳои баланди андозӣ ҷой доранд.

Банди 34 "Сода гардонидани тартиби бақайдгирӣ ва қатъи фаъолияти соҳибкорӣ"-ро пешбинӣ намуда, мақсади асосии банди мазкур пешгирии содиршавии кирдорҳои коррупсионӣ мебошад ва муҳлати иҷрои он дар солҳои 2021-2022 муқаррар карда шудааст.

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати сода гардонидани тартиби бақайдгирӣ ва қатъи фаъолияти соҳибкорӣ ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ" мунтазам тағйиру иловаҳо ворид намудааст, ки барои аз байни бурдани омилҳои коррупсионӣ таъсиррасон мебошад.

Аз ҷумла, бо мақсади ройгон анҷом додани амалҳои бақайдгирии давлатии субъектҳои соҳибкорӣ ва ҳаддалимкон сода намудани ҷараёни бақайдгирии давлатӣ тибқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02 январи соли 2020, №1680 ва №1681 ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ" ва "Дар бораи боҷи давлатӣ" тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, ҳангоми анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ, барҳамдиҳии (қатъи) фаъолият, додани иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатӣ ва маълумотнома дар бораи дар Феҳристи мазкур мавҷуд набудани иттилоот дар бораи ҳар як субъект ройгон дода мешавад. Вобаста ба ин тибқи тағйиру иловаҳо ба Қонуни мазкур талабот оид ба пешниҳоди пардохтнома (квитансия) ҳангоми анҷом додани амалҳои бақайдгирии давлатӣ бекор карда шудааст, ки дар натиҷа номгӯи ҳуҷҷатҳои барои анҷом додани амалҳои бақайдгирии давлатӣ пешниҳодшаванда 1 адад кам гардид.

Ҷиҳати ба роҳ мондани тартиби дар шакли электронӣ ба қайди давлатӣ гирифтани субъектҳои соҳибкорӣ, аз 1 январи соли 2018 дар сомонаи Кумитаи андоз модули алоҳидаи хизматрасонӣ мавриди амал қарор дода шуд, ки чунин шакли хизматрасонӣ имкон медиҳад мурожиаткунандагон бе ташриф овардан ба мақомоти андоз ариза ва ҳуҷҷатҳояшонро барои бақайдгирии давлатӣ ба тариқи электронӣ пешниҳод намоянд.

Истифодаи дурусти тартиби мазкур таъсири омилҳои инсониро байни андозсупоранда ва мақомоти андоз кам намуда, ба шаҳрвандон ва сокинони ҷумҳурӣ имконият медиҳад, ки ҳангоми бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкории худ ва ё таъсиси шахси ҳуқуқӣ ҳамагӣ як маротиба, он ҳам барои гирифтани шаҳодатномаи аслии фаъолияти соҳибкорӣ ба бахши бақайдгирии маҳалли фаъолияти худ ҳозир шаванд.

Илова бар ин, ҳангоми бақайдгирии фаъолияти соҳибкорӣ тариқи электронӣ ба субъектони хоҷагидор утоқи шахсии андозсупоранда дода мешавад ва андозсупоранда метавонад минбаъд ҳисобтҳои худро бе ташриф овардан ба мақомоти андоз тариқи электронӣ пешниҳод намояд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки бо мақсади иҷрои супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04 майи соли 2021, №14541 (23-3), аз 21 июни соли 2021, №14767 (23-3) ва банди 16 Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2021, №10 дар асоси қисми 9 моддаи 79 Кодекси андоз дар таҳрири нав аз ҷониби Кумитаи андоз лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Қоидаҳои баҳисобгирӣ, додани рақами мушаххаси андозсупоранда ва рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштан" таҳия карда

шуд, ки дорои як қатор бартариҳо буда, барои аз байн бурдани омилҳои коррупсионӣ мусоидат менамояд.

Чунончи, тавассути Системаи ҳамгироии иттилоотии андоз гирифтани рақами мушаххаси андозсупоранда ва сабти он дар шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, кам кардани муҳлати баҳисобгирии шахси воқеӣ аз 3 рӯзи корӣ ба 1 рӯзи корӣ, ташкилотҳо, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, инчунин ташкилотҳои ҷамъиятии (ғайритиҷоратӣ ва ғайриҳукуматӣ) давлатҳои хориҷӣ ё қайди баҳисобгирии филиалу намояндагиҳои онҳо ва иттиҳодияҳои динӣ аз 10 рӯзи корӣ ба 2 рӯзи корӣ кам карда шуда, ҳолати мазкур хароҷоти маблағ ва вақти андозсупорандаро сарфа менамояд, ки ин ба рақамикунонии иқтисодиёти мамлакат таъсири мусбӣ мерасонад.

Аз ҷониби Кумитаи андоз лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ” омода гардида, дар баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Дар асоси тағйироти мазкур муҳлати гузаронидани амалҳои бақайдгирии давлатӣ аз 5 рӯз ба 24 соат кам карда шуда, минбаъд амалҳои бақайдгирии давлатии субъектҳои соҳибкорӣ пурра тариқи электронӣ ба роҳ монда мешавад, ки ин таъсири омилҳои инсонӣ ва ҳолатҳои коррупсиониро аз байн мебарад.

Банди 35 “Пешгирӣ намудани омилҳои коррупсионӣ дар мақомоти гумрук ва ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо дар ин соҳа”-ро пешбинӣ намудааст ва мақсади ин банд пешгирии коррупсия дар байни кормандони соҳаи гумрук мебошад.

Таҳлилҳо собит сохтанд, ки иҷрокунандаи асосии банди мазкур Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, дар баробари ин ниҳод ҳамчун ҳамиҷрокунанда - Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон шуморида мешавад.

Тазаккур бояд дод, ки қабул намудан ба хизмат дар мақомоти гумрук тибқи муқаррароти моддаи 498 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомнома оид ба тартиби интихоб ва фиристодани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кормандони мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мактабҳои олии давлатҳои хориҷӣ ва қоидаҳои гузаронидани озмун барои қабул намудан ба хизмат дар мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармоишҳои сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2007 ва аз 20 феврали соли 2014 тасдиқ гардидаанд, ба роҳ монда шудааст.

Дар асоси Созишномаи бисёрҷонибаи байниидоравии давлатҳои ИДМ аз 23 ноябри соли 1994 байни Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи гумруки Россия дар бораи ҳамкорӣ дар самти тайёр намудан ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти гумрук ҳамасола 22 нафар шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Академияи номбурда дар шаҳрҳои Любертси, Санкт Петербург ва Ростови Федератсияи Россия ба таҳсил фаро гирифта мешаванд.

Соли ҷорӣ 18 нафар шаҳрвандон баъди хатми муассисаи номбурда дар мақомоти гумрук ба кор қабул гардида, нисбати 327 нафар кормандон ҷойивазкунӣ ба роҳ монда шудааст, аз ҷумла дар дастгоҳи марказии Хадамот 61 нафар, раёсати минтақавии гумрукӣ дар шаҳри Душанбе 57 нафар, раёсати минтақавии гумрукӣ дар вилояти Суғд 77 нафар, раёсати минтақавии гумрукӣ дар

вилояти Хатлон 60 нафар, раёсати минтақавии гумрукӣ дар ВМКБ 34 нафар ва раёсати минтақавии гумрукӣ дар шаҳри Турсунзода 38 нафар мебошанд.

Банди 36 "Диверсификатсия ва автоматикунонии механизмҳои пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз, аз ҷумла бо мақсади кам кардани сарбории маъмурӣ ба иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ва баланд бардоштани самаранокии назорат аз болои дурустии ҳисобкунӣ ва пардохти саривақтии онҳо таҳияи системаи дар низоми вақти воқеӣ (онлайн) супоридани пардохтҳои гумрукӣ ва пардохтҳои дигар, ки аз ҷониби мақомоти гумрук идора карда мешаванд" дар солҳои 2021-2022 пешбинӣ кардааст.

Дар самти мазкур тибқи талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2018, №565 "Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ", бо мақсади диверсификатсия ва автоматикунонии механизмҳои пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз аз ҷониби Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабули ҳаққи хизматрасониҳои боҷҳои гумрукӣ ва андоз аз аҳолӣ бо истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ ба таври ғайринақдӣ имконпазир мебошад.

Кумитаи андоз барои иҷрои қарори мазкур ҷиҳати вусъат бахшидан ба ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар сомонаи худ (andoz.tj) шакли нави хизматрасониро ба шаҳрвандон ва субъектҳои хоҷагидор ҷорӣ намудааст, ки бо истифода аз он андозсупорандагон имконият доранд бе ташриф овардан ба нуқтаҳои хизматрасонии БДА Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" маблағи андоз аз объектҳои ғайриманқул, андози замин, андоз аз воситаҳои нақлиёт ва боҷи давлатиро бо истифодаи кортҳои пардохтии бонкӣ пардохт намоянд.

Дар Хадамоти гумрук низ дар доираи шартномаи ҳамкорӣ бо ҶДММ ТАҚХ "Душанбе Сити" аз 29 апрели соли 2019, №03-19 зернизоми пардохти электронӣ тарҳрезӣ гардида, бо фармоиши сардори Хадамоти гумрук аз 12 феврали соли 2021, №21-ф "Дар бораи дар истеҳсолот татбиқ намудани зернизоми пардохти электронӣ" қабули пардохтҳои гумрукӣ дар шакли электронӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар КВД "Маркази равзанаи ягонаи"-и Хадамоти гумрук дар ҳамкорӣ бо ҶСК "Алиф Бонк" имконияти қабули пардохтҳои ғайринақдӣ тавассути кортҳои пардохтии "Корти миллӣ" аз охири соли 2020 инҷониб таъмин карда шудааст.

Бо мақсади рушди инфрасохтори низоми пардохтии Бонки миллии Тоҷикистон, беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ ва ҷавобгӯ намудани низоми пардохтӣ ба стандартҳои байналмилалӣ дар доираи лоиҳаи грантии Бонки ҷаҳонӣ "Баланд бардоштани рақобатнокии бахши хусусӣ" моҳи июли соли 2019 Низоми автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағҳо ба фаъолият шуруъ намуд.

Низоми мазкур дар асоси технологияҳои муосир сохта шуда, ба стандартҳои маъмули ҷаҳонӣ ҷавобгӯ буда, дорои як қатор бартариятҳо, аз қабили идоракунии навбатнокии пардохтҳо ва набудани маҳдудият ба шумораи пардохтҳо дар давоми рӯзи амалиётӣ мебошад.

Маблағи андозҳо, боҷҳои гумрукӣ ва дигар пардохтҳо дар реҷаи вақти воқеӣ (онлайн) бо суръати баланд, бетаъхир ва мунтазам тавассути Низоми мазкур ба буҷети давлатӣ интиқол дода мешаванд.

Бояд қайд кард, ки дар охири рӯзи кории моҳҳои ҳисоботӣ барои қабулу гузаронидани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ Низоми мазкур то соати 23:50 фаъолият менамояд. Инчунин, дар рӯзҳои истироҳатии

охири моҳҳои ҳисоботӣ бахри иҷрои нақшаи буҷети давлатӣ, рӯзи корӣ эълон карда шуда, ҳамаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ба онҳо баробар сари вақт ба буҷет интиқол дода мешаванд.

Дар асоси Созишнома “Дар бораи табодули электронии маълумот”, ки байни Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон ва БДА Ҷумҳурии Тоҷикистон “Амонатбонк” амал менамояд, дар баробари ворид гардидани маблағи андозҳо, боҷҳои гумрукӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ тавассути барномаи табодули электронии маълумоти Сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомотҳои андоз, гумрук ва дигар сохторҳои давлатӣ сари вақт маълумот ирсол карда мешавад.

Бо мақсади коҳиши таъсири омилҳои инсонӣ ва пешгирии ҳолатҳои коррупсионӣ дар самти дуруст ҳисоб кардан ва пурра ситонидани пардохтҳои гумрукӣ, ҷорӣ намудан ва истифодаи воситаҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ дар мақомоти гумрук ва бахри татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 лоиҳаи Барномаи миёнамуҳлати рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024 таҳия гардида, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2019, №537 тасдиқ карда шудааст.

Тибқи Барномаи мазкур маъмурикунонӣ ва рақамикунонии мақомоти гумрук дар назар дошта шуда, нишондиҳандаҳои асосии рушд ва таҳдиду азнавсозии мақомоти гумрукро барои панҷ соли оянда бо назардошти маҳдудиятҳои мавҷудаи буҷетӣ ва имкониятҳои ҷалби сармоя, содагардонии расмиёти содиротию воридотӣ, барасмиятдарории саривақтию шаффоф ва аз байн бурдани монеаҳо дар гардиши савдои хориҷиро фаро гирифта, тавассути таҳкими инфрасохтори гумрукӣ ва татбиқи технологияҳои муосири иттилоотӣ, тақвият бахшидани ҷамъоварии пардохтҳои гумрукӣ ва дар ин замина ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ, инчунин баланд бардоштани самаранокии дигар самтҳои фаъолияти мақомоти гумрукро дар назар дорад.

Бахри сода гардонидани пардохти андозҳо ва сарфа намудани вақти субъектҳои хоҷагидор дар сомонаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли нави хизматрасонӣ ҷорӣ карда шудааст, ки бо истифода аз он шаҳрвандон ва андозсупорандагон имконият доранд бе ташриф овардан ба нуқтаҳои хизматрасонии “Амонатбонк” маблағи андоз аз объектҳои ғайриманқул, андози замин ва андоз аз воситаҳои нақлиётро бо истифодаи кортҳои пардохтии бонкӣ (“Visa”, “MasterCard” ва “Корти миллӣ”) пардохт намоянд. Мақомоти андоз барои бештар намудани шумораи истифодабарандагони ин хизматрасонӣ чораҳои иловагӣ андешида истодааст.

Дар соли 2022 ҷиҳати бештар намудани муомилоти ғайринақдӣ ва осон гардонидани иҷрои ҳисоббаробаркуниҳо, Кумитаи андоз якҷо бо Бонки миллӣ ва дигар ташкилотҳои қарзӣ бо истифода аз QR – рамзҳо ба роҳ мондани ҳисоббаробаркуниҳоро оғоз намуд, ки мавриди амал қарор гирифтани чунин тартиб пеш аз ҳама ба коҳиш додани муомилоти нақдӣ, дар ҳисоботҳо шаффоф нишон додани амалиётҳои анҷомдодаи андозсупорандагон, пешгирӣ намудани қонунвайронкуниҳои андоз ва коҳиш додани иқтисоди пинҳонӣ мусоидат менамояд.

Ҷиҳати бештар ва беҳтар намудани хизматрасониҳои электронӣ аз ҷониби Кумитаи андоз портали хизматрасониҳои электронӣ васеъ карда шуда, дар айни замон барои андозсупорандагон 70 адад модулҳои хизматрасонӣ ба роҳ монда шудааст, ки истифодаи онҳо барои содда гардонидани иҷрои уҳдадориҳои андозӣ мусоидат менамоянд.

Бандҳои 37 ва 38 "Андешидани чораҳо ҷиҳати шаффоф намудани фаъолияти мақомоти гумрук ҳангоми барасмиятдарории гумрукӣ. Тақвият додани низоми электронии барасмиятдарории гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт ва ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани фаъолият дар ин соҳа"-ро муқарар намудаанд.

Аз ҷониби Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрокунандаи асосии ин бандҳо маҳсуб ёфтааст, маълумотҳои таҳлилӣ пешниҳод нагардидааст ва оид ба таъмини иҷрои бандҳои мазкури нақша маълумоти зарурӣ дарёфт карда нашуд.

Бандҳои 39 ва 40 Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегия "Дар байни ҳайати шахсии сарраёсати қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва зерсохторҳои он мунтазам ба роҳ мондани омӯзиши қонунгузорӣ дар самти тарзу усули ошкор намудани ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ ва намуди дигари ҳуқуқвайронкуниҳо дар Сарҳади давлатӣ. Ҷиҳати риояи мамнуият ва маҳдудиятҳо ҳангоми интиқоли мол ва воситаи нақлиёт аз Сарҳади давлатӣ ва ҳимояи манфиатҳои иқтисодии Тоҷикистон, ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманд бо Хадамоти гумрук ва мақомоти дигари ҳифзи ҳуқуқ"-ро пешбинӣ намудааст.

Мониторинги ин бандҳо, ки таъмин намудани иҷрои онҳо ба зиммаи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти дигари ҳифзи ҳуқуқ вогузор гардидааст, нишон дод, ки дар дастгоҳи марказии Қӯшунҳои сарҳадии КДАМ ва раёсатҳои он дар вилоятҳои Суғд, Хатлон ва ВМКБ дар ҳамкорӣ бо намояндагони Прокуратураи ҳарбии гарнизонҳо ва Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри баланд бардоштани ҳисси масъулиятнокии афсарони мутасаддӣ, такмили маҳорат ва малакаи касбии онҳо дар самти тарзу усули ошкор кардани ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ ва дигар намуди ҳуқуқвайронкуниҳо дар сарҳади давлатӣ мунтазам корҳои фаҳмондадиҳӣ ва ҷамъомадҳои таълимӣ гузаронида мешаванд. Инчунин, Қӯшунҳои сарҳадӣ бо мақсади риояи мамнуият ва маҳдудиятҳо ҳангоми интиқоли молу маҳсулот ва воситаҳои нақлиёт аз Сарҳади давлатӣ ва ҳимояи манфиатҳои иқтисодии Тоҷикистон дар ҳамбастагӣ бо Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пайваста ҳамкориҳои судмандро ба роҳ мондааст.

Аз ҷумла, ҷиҳати риояи мамнуият ва маҳдудиятҳо ҳангоми интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт дар доираи фаъолияти "Равзанаи ягонаи барасмиятдарории гумрукии молҳои воридотӣ, содиротӣ ва транзитӣ" барои тариқи электронӣ дастрас намудани ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи риояи мамнуият ва маҳдудиятҳо шароит фароҳам оварда шуда, пешниҳоди 22 ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ аз ҷониби 11 мақомоти ваколатдор сурат мегирад. Ин раванд барои фаъолияти якҷоя ҷиҳати пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар ин самт мусоидат менамояд.

Бандҳои 41 ва 42 нақшаи стратегия "Вусъат додани фаъолият дар самти пешгирӣ намудани омилҳои коррупсионӣ ва баланд бардоштани масъулияти кормандони соҳаҳои сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, идораи нотариалӣ, бозрасии

давлатии автомобилӣ, хадамоти шинosномавию бақайдгирӣ ва оташнишонӣ, барқ, хоҷагии манзилию коммуналӣ, корхонаҳои фаръии бақайдгирии молу мулки ғайриманқул ва фаъолияти иҷозатномадиҳӣ ва соҳаҳое, ки хизматрасониҳои дигари давлатиро анҷом медиҳанд. Такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаҳои сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, идораи нотариалӣ, бозрасии давлатии автомобилӣ, хадамоти шинosномавию бақайдгирӣ ва оташнишонӣ, барқ, хоҷагии манзилию коммуналӣ, корхонаҳои фаръии бақайдгирии молу мулки ғайриманқул ва фаъолияти иҷозатномадиҳӣ ва соҳаҳои дигаре, ки хизматрасониҳои давлатиро анҷом медиҳанд"-ро пешбинӣ намудааст.

Вобаста ба иҷрои ин бандҳо, ки ҳадафи онҳо баланд бардоштани мафкураи зиддикоррупсионии кормандони соҳаҳои мазкур ва пешгирии хавфу омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия мебошад, қайд намудан лозим аст, ки бо мақсади пешгирӣ намудани омилҳои коррупсионӣ ва баланд бардоштани масъулияти кормандони соҳаи сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва нотариати давлатӣ лоиҳаҳои санадҳои қонунгузорӣ ва зерқонунии зерин таҳия карда шуданд:

- лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 январи соли 2013, №14", ки қоидаҳои хизматрасониҳои иловагии ҳуқуқии музднок ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар идораҳои нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамояд, дар мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор 05 сентябри соли 2022, №2-2-1264 ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд;

- лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи боҷи давлатӣ", ки бо вазорату идораҳо мувофиқа карда шуда, 5 июли соли 2022, №2-2-960 ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид;

- лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2010, №77" (вобаста ба шакли бланкҳои сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва бланки шаҳодатномаҳое, ки дар асоси сабтҳо дода мешаванд, бланки дигар ҳуҷҷатҳое, ки фактҳои бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандиро тасдиқ мекунанд ва шакли варақаҳои ариза дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ) таҳия гардида, дар манзурии вазорату идораҳои дахлдор қарор дорад;

- лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи нотариати давлатӣ" дар баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.

Бо мақсади пешгирии омилҳои коррупсионӣ дар бинои марказҳои адлия дар шаҳру ноҳияҳо марҳила ба марҳила камераҳои мушоҳидавӣ васлу насб карда шуда истодаанд.

Ҷиҳати коҳиш додани сатҳи коррупсия дар байни кормандони бозрасии давлатии автомобилӣ, хадамоти шинosномавию бақайдгирӣ ва оташнишонӣ ва соҳаҳое, ки хизматрасониҳои дигари давлатиро анҷом медиҳанд аз ҷониби Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам чорабиниҳои профилактикӣ баргузор гардида, барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии ҳайати шахсии РБДА, ХШБ, СХДО ва дигар ҷузъу томҳои вазорат, ки хизматрасониҳои давлатиро анҷом медиҳанд, дар асоси нақшаи аз ҷониби

роҳбарияти ВКД тасдиқшуда ҳар семоҳа оид ба омӯзиши тағйироту иловаҳои ба қонунҳои амалкунандаи ҷумҳурӣ воридшуда, фармону дастурамалҳои ВКД машғулиятҳо гузаронида мешаванд.

Дар тамоми ҷузъу томҳои вазорат ҳайати профессорону омӯзгорони муассисаҳои таълимии ВКД машғулиятҳои дарсӣ дар мавзӯъҳои "Муқовимат ба коррупсия" мегузаронанд ва як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ такмил дода шудаанд. Аз ҷумла, фармоиши якҷояи вазоратҳои корҳои хориҷӣ ва корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба андозаи меъёри хизматрасонии пулакии Бозрасии давлатии автомобилии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми иваз намудани шаҳодатномаи ронандагӣ дар намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар" аз нав таҳия гаридида, баъд аз мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуда, мавриди амал қарор дорад.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» баъди мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор барои баррасӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардидааст.

Бо мақсади мушаххас гардонидани меъёрҳо, бартараф намудани духурагиҳо ва аз байн бурдани омилу хавфҳои коррупсионӣ аз тарафи раёсатҳои ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо шуъбаи таъминоти ҳуқуқии раёсати нозиротӣ-ташкилии Вазорат як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия карда шудаанд.

Чунончи, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025" ва Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04 октябри соли 2013, №453 "Дар бораи ҳаҷми пардохти яквақта барои додани рухсатнома ва дароз намудани мухлати амали он оид ба соҳиб шудан, нигоҳ доштан, гирифта гаштани силоҳ, ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудан ва аз Ҷумҳурии Тоҷикистон содир намудани силоҳ ва лавозимоти ҷангии он", қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйир ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2009, №676 "Дар бораи Тартиби пешбурди баҳисобгирӣ, қайди ягонаи ҷиноятҳо ва шахсони ҷиноят содирнамуда", қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 ноябри соли 2019, №550 "Дар бораи тартиби иҷозатдиҳӣ ба идоракунии воситаҳои нақлиёт", қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02 августи соли 2010, №390 "Дар бораи тасдиқи Тартиби ташкил ва гузаронидани муоинаи ҳатмии давлатии техникии воситаҳои механикии нақлиёт ва ядакҳои (нимядакҳои) онҳо, ки дар ҳаракат дар роҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок доранд", қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйир ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2020, №294 "Дар бораи қоидаҳои барасмиятдарорӣ ва додани шиносномаҳои хориҷии дорои ҳомили электронии иттилоот ва шаҳодатномаи бозгашт ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 01 июни соли 2021, №212 “Дар бораи Барномаи таъмини бехатарӣ аз сӯхтор барои солҳои 2021-2025” мавриди амал қарор доранд.

Аз ҷониби Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд “Қоидаҳои сохтори дастгоҳҳои барқӣ” (ПУЭ) дар таҳрири нав таҳия карда шуда, дар мувофиқаи вазорату идораҳои дахлдор қарор дорад.

Бо ба инобат гирифтани равандҳои нави муносибатҳо, ё худ ҷорӣ гардидани низомҳои муосири баҳисобгирии нерӯи барқ (низоми биллингӣ) дар доираи ислоҳоти соҳа бо дастгирии шарикони рушд “Қоидаҳои баҳисобгирии энергияи барқ дар шабакаҳои тақсимоти барқ” таҳия ва бо сохторҳои соҳавӣ, аз ҷумла ШСХК “Барқи Тоҷик”, Хадамоти назорати давлатии энергетикӣ ва Агентии Тоҷикстандарт мувофиқа гардидааст, ки дар он маҷмуи муносибатаҳо байни шабакаҳо ва истфодабарандагон танзим карда шудааст.

Бо пайдо гардидани муносибатҳои муосир дар низоми энергетикии кишвар “Қоидаҳои истифодаи энергияи барқ” низ дар таҳрири нав омода гардидааст.

Бояд қайд кард, ки ҷиҳати таъмини иҷрои бандҳои зикргардида аз ҷониби КВД “Хоҷагии манзилию коммуналӣ”, ШСХК “Барқи тоҷик”, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин соҳаҳои дигаре, ки хизматрасониҳои давлатиро анҷом медиҳанд, ахбороти дахлдор пешниҳод нагардидааст.

Вобаста ба иҷрои банди 43 нақшаи стратегия ҷиҳати тақвият додани низоми электронии пардохти ҳаққи хизматрасониҳои давлатӣ ва ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани фаъолият дар ин соҳа аз ҷониби вазорату идораҳо чорабиниҳои зерин ба анҷом расонида шудааст.

Чунончи, тибқи фармоиши Вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 феврали соли 2019, №13 “Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ” гурӯҳи корӣ бо намояндагони ҶСК ТАҚХ “Алиф Сармоя” ҷиҳати ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ва қабули ҳаққи хизматрасонии давлатии Вазорат, аз ҷумла сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ аз аҳолӣ тавассути воситаҳои электронии пардохтӣ вохӯрӣ доир намуда, номгӯй ва андозаи хизматрасониҳои соҳаи сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ (боҷи давлатӣ, маблағи бланк ва хизматрасонии иловагии музднок) ба ташкилоти номбурда тариқи электронӣ пешниҳод (ирсол) карда шудааст.

Аз ҷониби Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, бо мақсади бартараф намудани омилҳои коррупсионӣ тавассути тақвият додани низоми электронии пардохти ҳаққи хизматрасониҳои давлатӣ ва ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани фаъолият дар ин соҳа дар вазорат чораҳои зарурӣ андешида шудааст. Аз ҷумла, дар асоси талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2018, №565 “Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ” дар РБДА 10 нуқтаи POS-терминали электронӣ насб карда шудааст, ки мавриди амал қарор доранд.

Дар Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2016 то инҷониб барои пешбурди кор бо барномаи ягонаи автоматикунонидашудаи феҳрасти хизматрасонии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар барномаҳо 7 калиди электронӣ (e - tokin) дастрас карда шуда, мавриди истифодабарӣ қарор дорад. Пардохтҳои андозҳо, маош ва сафархарҷиҳои кормандон, маблағҳои коммуналӣ ва пешниҳоди маълумотҳо оиди ҳайати хизматчиёни давлатӣ ба тарзи электронӣ

сурат мегирад. Шакли ғайринақдии ҳисоббаробаркуниҳои пардохтҳо тавассути терминалҳои электрониҳои пардохти хизматрасониҳо ба роҳ монда шудааст.

Аз ҷониби Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои банди мазкур оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар ҳамоҳангӣ бо БДА Ҷумҳурии Тоҷикистон “Амонатбонк” ва “Халиқ бонк” пардохти маблағҳои ғайринақдӣ тариқи POS-терминал ва Интернет Эквайринг ба роҳ монда шуда, ҳисоботҳо дар шакли ҷадвал ҳармоҳа ба Бонки миллии Тоҷикистон ирсол карда мешавад.

Шурӯъ аз аввали соли 2015 то инҷониб тартиб ва пешбурди амалиётҳои хазинадорӣ, ҳаракати маблағҳои нақдӣ ва ғайринақдӣ дар суратҳисобҳо, пешниҳоди саривақтии ҳисоботҳои молиявӣ тибқи талаботи “Низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва “Системаи ягонаи иттилоотии молияи давлатӣ SGB-net” ба роҳ монда шудааст.

Ҷиҳати тақвият додани низоми электронии пардохти ҳаққи хизматрасониҳои давлатӣ дар Вазорат ҳама самтҳои хизматрасонӣ ба таври ғайринақдӣ сурат гирифта истода, Шабакаи иттилоотии электронӣ барои гирифтани раводиди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорӣ карда шудааст, ки шаҳрвандони хориҷӣ метавонанд мустақиман тавассути сомонаи интернетии www.evisa.tj раводиди электронии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дастрас намуда, пардохти онро ба таври электронӣ анҷом диҳанд.

Дар Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати тақвият додани низоми электронии пешниҳоди ҳуҷҷатҳо барои гирифтани иҷозатнома ва пардохти ҳаққи хизматрасониҳои давлатӣ, минбаъд дархостҳои шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ тавассути сомона (ijozat.mewr.tj) ба таври онлайн қабул гардида, шахсони ҳуқукуқие, ки бо фаъолияти вобаста ба Вазорат дахлдошта машғул шудан мехоҳанд, имкон доранд ба таври онлайн ба сомонаи мазкур пайваст шуда, барои гирифтани иҷозатнома дархости худро пешниҳод намоянд. Ҳамзамон соҳибкорон метавонанд тавассути ин барномаи электронӣ, иҷозатномаҳои худро баъд аз пардохт намудани боҷҳои давлатӣ ба воситаи Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон “Амонатбонк”-и маҳалли зисташон дастрас намоянд, ки ин барои бартараф намудани омилҳои инсонӣ мусоидат менамояд.

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикстон дар ҳамкорӣ бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи татбиқи “Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ” амалиётҳои молиявиро ба воситаи низоми иттилоотии “SGB. Net” ба роҳ монда, гардиши ҳуҷҷатгузории пардохтҳоро тариқи электронӣ иҷро менамоянд.

Бандҳои 44 ва 45 “Таҷдиди назар намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи бонкӣ, аз ҷумла дар соҳаи низоми қарзӣ ва такмили онҳо. Баланд бардоштани масъулияти кормандони ташкилотҳои қарзии молиявӣ зимни додани қарзҳои бонкӣ ва дар ин замина такмили низомномаҳои қарзӣ”-ро пешбинӣ намудааст.

Вобаста ба масъалаи танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ, ҷиҳати мутобиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба талаботи Кумитаи Базелӣ ва таҷрибаи ҷаҳонӣ вобаста ба кифоятии сармоя ва идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ, дар доираи кӯмакҳои техникии пешниҳоднамудаи ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав таҳия ва такмил дода шуданд.

Яке аз санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки дар раванди баррасӣ қарор дорад, ин Дастурамал "Дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ" мебошад, ки дар он таҷрибаи ҷаҳонӣ ва пешниҳодҳои Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ ба назар гирифта шудаанд. Лоиҳаи мазкур тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд" ҷиҳати ба таҷрибаи муосири байналмилалӣ дар соҳаи бонкдорӣ мутобиқ намудани раванди қарздиҳӣ дар ташкилотҳои қарзӣ, инчунин муқаррар намудани талаботҳо ба низоми оқилонаи идоракунии хавфи қарзӣ, тартиби кор бо қарз, ҳисоб кардани фоиз ва пешгирии хавфи қарзӣ дар ташкилотҳои қарзӣ таҳия шудааст. Заминаи меъёрии ҳуқуқии лоиҳаи санади мазкурро муқаррароти қисми 2 моддаи 3 ва қисми 5 моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" ва моддаҳои 20, 21 ва 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд" ташкил медиҳад.

Бонки миллии Тоҷикистон барои танзиму назорат ва батанзимдарории фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ масъул буда, дар ҳолати рушд ёфтани муносибатҳои гуногуни миёнаравии молиявӣ, ҷиҳати мутобиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи самти мазкур ва кам кардани хавфҳо, ба санадҳои меъёрии амалкунанда тағйиру иловаҳои дахлдор ворид менамояд ва ё онҳоро дар таҳрири нав қабул мекунад. Бинобар он ки самти қарздиҳӣ дар ҷумҳурӣ то рафт инкишоф ёфта, он сол аз сол вобастагии зичро аз технологияҳои иттилоотӣ касб намуда истодааст, зарурати қабул намудани Дастурамали нав дар самти қарздиҳӣ ба миён омад. Баъд аз тасдиқ гардидани санади мазкур он ғайр аз бонкҳо нисбат ба ташкилотҳои маблағгузории хурд низ татбиқ гардида, тартиби баррасӣ ва пешниҳоди қарз ба муштариёнро тариқи фосилавӣ муайян менамояд ва сатҳи хавфҳои дар ҷараёни пешбурди назорати бонкӣ маълумшударо кам мекунад.

Қайд кардан зарур аст, ки пас аз тасдиқ гардидани Дастурамали мазкур, ду дастурамали амалкунандаи Бонки миллии Тоҷикистон, аз ҷумла Дастурамали №186 "Дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ" ва Дастурамали №199 "Дар бораи тартиби додани қарзи хурд дар ташкилотҳои маблағгузории хурд" аз эътибор соқит гардида, барои ҳамаи ташкилоти қарзӣ дар самти қарздиҳӣ як дастурамали умумӣ амал хоҳад кард.

Ҳангоми аз ҷониби воҳидҳои сохтории дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон гузаронидани санҷишҳои фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ низомномаҳои қарзӣ мавриди омӯзиш қарор дода мешаванд. Дар сурати ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон мутобиқ набудани онҳо аз ташкилотҳои қарзии молиявӣ талаб карда мешавад, ки санадҳои дохилии худро аз нав таҳия ва ё таҷдид намоянд.

Ҷиҳати баланд бардоштани масъулияти кормандони ташкилотҳои қарзии молиявӣ зимни додани қарзҳои бонкӣ ва такмили низомномаҳои қарзӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ дастуру тавсияҳои дахлдор ирсол карда шудааст. Аз ҷумла, дастур дода шудааст, ки низоми назорати дохилӣ аз рӯи қарзҳои додашуда, гаравҳои онҳо ва мониторинги мунтазами фаъолияти молиявии қарзгирон пурзӯр карда шавад.

Дар банди 46 нақшаи стратегия "Такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба баҳодиҳии воқеии арзиши молу мулки багаравгузошташаванда" пешбинӣ

карда шудааст.

Вобаста ба иҷрои банди мазкур қайд намудан лозим аст, ки аз рӯи маълумотҳои пешниҳоднамудаи Бонки миллии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳодиҳии воқеии арзиши молу мулки багаравгузоштташаванда бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ" аз 7 августи соли 2021, №1720 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Стандартҳои миллии баҳодиҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 22 октябри соли 2021, №440 ба танзим дароварда шудааст.

Баҳодиҳии номувофиқи арзиши молу мулки багаравгузоштташаванда, ки метавонад дар ҷараёни додани қарз барои ба миён омадани унсурҳои коррупсионӣ сабаб гардад, яке аз мушкилотҳои низоми бонкӣ арзёбӣ мегардад.

Бинобар ин, дар рафти санҷишҳои ҳамаҷонибаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ масъалаи мавҷуд будани механизм, раванд ва ё санадҳои меъёрии дохилӣ вобаста ба баҳодиҳии арзиши молу мулки багаравгузоштташаванда мавриди омӯзиш қарор дода шуда, дар ҳолатҳои зарурӣ ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ тавсияҳои дахлдор дода мешаванд.

Фасли 3 нақшаи стратегия ба иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ ва воситаҳои ахбори омма дар раванди муқовимат ба коррупсия ва баланд бардоштани сатҳи маърифати зиддикоррупсионии аҳолӣ бахшида шуда, ҳамагӣ аз чор банд, яъне бандҳои 47 - 50 иборат аст.

Банди 47 "Баланд бардоштани самаранокии кори шӯроҳои ҷамъиятӣ, зинаҳои дигари машваратӣ, аз ҷумла комиссияҳои ҷамъиятӣ"-ро пешбинӣ намудааст, ки мақсади он пешгирии ҳолатҳои коррупсионӣ ва ба вуҷуд овардани фазои тоқатнопазирӣ ба коррупсия мебошад.

Дар мавриди иҷрои ин банд тибқи маълумотномаи пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо маълум гардид, ки дар заминаи амалишавии Стратегияи болозикр ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва шӯроҳои ҷамъиятӣ доир ба масъалаи пешгирии коррупсия ва тақвият бахшидани дониши ҳуқуқӣ ва маърифатнокии аҳолӣ дар ин самт корбарӣ карда истода, оид ба ташкил ва баргузор кардани чорабиниҳо ҷиҳати муайян намудани омилҳои ба коррупсия мусоидаткунанда ва дарки хавфи оқибатҳои номатлуби он аз ҷониби кормандони мақомоти ҳокимияти давлатӣ бо ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ғайридавлатӣ мунтазам вохӯрию суҳбатҳо гузаронида истодаанд.

Рафти иҷрои корҳои таблиғотӣ ҷиҳати пешгирии ҳолатҳои коррупсионӣ бо мақсади андешидани чораҳои зарурӣ баҳри истифодаи оқилона ва самараноки замин, бартараф намудани камбудию қонунвайронкуниҳо дар ин самт, пешгирии қабули қарорҳои ғайриқонунӣ дар ҷаласаҳои Шӯрои вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявии мутобиқсозию методӣ оид ба таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон дар назди роҳбарияти МИҲД вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо, инчунин маҷлисҳои ҷамъбастҳои натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар онҳо натиҷагирӣ карда шуда, дар ин самт дастуру супоришҳои мушаххас дода мешавад.

Дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳои ҳудуди ҷумҳурӣ ҷиҳати пешгирии амалҳои хусусияти коррупсионидошта кумитаҳои иҷроияи ҲХДТ, филиалҳои иттифоқҳои ҷавонон, кӯҳансолон ва ҷанговарони Тоҷикистон, инчунин ташкилотҳои ҷамъиятӣ корбарӣ карда истода, ҷиҳати паст кардани шиддати коррупсия ва

ташвиқу таблиғи он дар байни ҷомеа дар асоси нақшаҳои кории комиссияҳои ҷамъиятӣ оид ба пешгирии коррупсия дар назди мақомоти иҷроия ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо чорабиниҳои муштарак, мулоқоту вохӯриҳо бо аҳолӣ ва кормандони соҳаҳои гуногуни иқтисодиёту иҷтимоиёт, семинару конфронсҳо, мизҳои мудаввар ва ҳамоишҳо бо ҷалби воситаҳои ахбори омма гузаронида шуда, дар ин самт аз ҷониби масъулин тадбирҳои зарурӣ ба нақша гирифта шудааст.

Дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ Шӯроҳои дигари назди Раиси вилоят, шаҳр, ноҳия, комиссияҳои ҷамъиятӣ ва комиссияҳои доимоамалкунандаи зерин дар соҳаҳои гуногуни сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ ташкил карда шудаанд. Аз ҷумла:

- Шӯро оид ҳамоҳангсозӣ ва рушди ҳунармандӣ дар назди МИҲД;
- Шӯрои кор бо ҷавонони назди Раис;
- комиссияи манзили назди МИҲД;
- комиссияи хусусигардонии фонди манзили давлатии назди МИҲД;
- комиссияи тендер (озмун) оид ба иҷора супоридани амволи давлатӣ;
- комиссияи қабули иншооти сохтмонаш анҷомёфта;
- комиссия оид ба интихоби қитъаи замин;
- комиссияи ҷамъияти оид ба тақсимоти қитъаи замини наздиҳавлигӣ ба оилаҳои эҳтиёҷманд;
- комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак;
- комиссия оид ба ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ;
- комиссияи озмун оид ба ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии МИҲД;
- комиссия оид ба амалигардонии қонунгузории забон;
- комиссияи назди МИҲД оид ба таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ;
- комиссияи ҷамъиятӣ оид ба танзими анъана ва ҷашну маросим;
- комиссия оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ;
- комиссияи ҳудудии муқовимат ба савдои одамон дар назди МИҲД;
- комиссияи номгузорӣ дар назди МИҲД.

Ба ғайр аз комиссияҳои дар боло зикргардида боз дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ барои иҷрои амали муайян ва баррасии мурoҷиатҳо комиссияҳои муваққатӣ ва гурӯҳҳои корӣ ташкил карда мешаванд.

Шӯроҳои назди раис ва МИҲД, комиссияҳои доимоамалкунанда, муваққатӣ ва гурӯҳҳои корӣ дар доираи қонунгузорӣ ва низомномаҳои дахлдор фаъолияти худро ба роҳ мондаанд. Ҳамоҳангсозии фаъолияти онҳо аз ҷониби шуъбаю бахшҳои дастгоҳи раисони вилоят, шаҳр ва ноҳияҳо, инчунин воҳидҳои сохтории он (котибон) амалӣ карда мешаванд.

Баҳри беҳтар намудани фаъолияти комиссияҳо аз ҷониби раис ва котиб, бахусус Комиссияи ҷамъиятӣ оид ба пешгирии коррупсия дар назди МИҲД бо ҷамъбасти ҳар семоҳа ва ё шашмоҳа дар миёни ҳайат ҷиҳати пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ ва роҳ надодан ба омилҳои коррупсионӣ чорабиниҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида мешавад.

Дар бандҳои 48 ва 49 Нақша масъалаи "Амалӣ намудани тарғиби ҳатмии оммавии зиддикоррупсионӣ тавассути воситаҳои ахбори омма, матбуоти даврӣ ва шабакаи интернет. Рушди муназзами сомонаҳои расмӣ ва интишори маълумот оид ба пешгирии коррупсия бо мақсади тақвият бахшидани муқовимат ба

коррупсия” пешбинӣ гардидааст.

Тибқи талаботи бандҳои мазкур Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои тобеи он силсилаи хабару гузориш, барномаву мизҳои мудавварро ҷиҳати тарғибу ташвиқи оммавии зиддикоррупсионӣ тавассути воситаҳои ахбори омма, матбуоти даврӣ ва шабакаи интернет мунтазам таҳия ва пахш менамоянд.

Чунончи, соли 2022 тариқи нашрҳои иттилоотӣ қариб 20 хабару гузориш, аз ҷумла 3 гузориш аз ҷараёни вохӯрии кормандони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо донишҷӯёну омӯзгорони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пахш гардид.

Барномаи таҳлилию ҳуқуқии “Инсон ва қонун” (17 июни соли 2022, дар ҳаҷми 18 дақиқа) вобаста ба масъалаҳои коррупсия, омилҳои мусоидаткунанда ва роҳҳои пешгирии амалҳои коррупсионӣ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба коррупсия бо иштироки намояндаи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Фарзона Асоева, Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сино Ҳусейнзода ва судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадисо Саидзода пахш гардид.

Як нашри барномаи таҳлилии “Дар мавзӯи рӯз” (11 августи соли 2022, дар ҳаҷми 23 дақиқа) вобаста ба механизми татбиқи Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи мазкур барои марҳилаи якум (солҳои 2021-2025) бо иштироки кормандони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос шуд. Намояндагони мақомоти мазкур зимни баромади хеш дар барномаҳо ба паҳлуҳои гуногуни масъалаҳои коррупсия, омилҳои мусоидаткунанда ва роҳҳои пешгирии он, қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муқовимат ба коррупсия равшанӣ андохтанд. Маводи телевизионӣ доир ба муқовимат ба коррупсия сари вақт дар дар сомонаи шабакаи Тоҷикистон ҷойгир карда шуд.

Радиои Тоҷикистон ва шабакаҳои он “Садои Душанбе”, “Овози тоҷик” ва радиои “Фарҳанг” дар ҳамкорӣ бо мутахассисони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирӣ аз амалҳои коррупсионӣ пайваста барномаҳои таҳлилӣ таҳия менамоянд. Аз ҷумла, дар барномаи “Нигоҳи нав” кормандони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Назриён В.Қ. ва Ҷуразода Д.Т. суҳбат намуданд.

Дар ҳошияи амалигардонии барномаҳои давлатии зиддикоррuписонӣ барномаи “Тафсири рӯз” садо дод, ки дар он низ кормандони Агентии зикргардида иштирок ва суханронӣ намуданд. Инчунин, як нашри барномаи “Ҳамсадо” ва бахши “Гуфтугӯ”-и радиомаҷаллаи “Чашми саҳар” дар мавриди роҳҳои мубориза бо амалҳои коррупсионӣ пахш гардида, тариқи он коршиносони соҳаи ҳуқуқ Шарифзода Қ. ва Ҳусейнов Б. суҳбат карданд.

Бояд ёдовар шуд, ки тариқи бахшҳои иттилоотии Радиои Тоҷикистон ва шабакаҳои он дар соли 2022 (моҳҳои июл-октябр) наздики 100 хабар ва 12 гузориш оид ба амалигардонии Стратегияи давлатии муқовимат ба корупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 садо додааст.

Бо мақсади тақвият бахшидани муқовимат ба корупсия ва оммавӣ намудани маълумот оид ба пешгирӣ намудани коррупсия дар сомонаи расмии Радиои Тоҷикистон 15 матлаб ба нашр расидааст.

Дар Муассисаи давлатии “Телевизиони Сафина” вобаста ба инъикоси паҳлуҳои гуногуни Стратегияи мазкур мунтазам барномаву гузоришҳо таҳия мегарданд.

Аз ҷумла, чунин мавзӯъҳо дар барномаҳои “Инсон ва ҳуқуқ”, “Дар ин замона” “Минбари андеша”, “Дунё пур аз ҷавонист”, барномаҳои иттилоотии “Навид” ва “Ҷамъбасти ҳафта” борҳо мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Тавассути Муассисаи давлатии «Ҷаҳоннамо» бо мақсади иҷрои талаботи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” ва Нақшаи чорабиниҳо амалисозии Стратегияи мазкур бо ҷалби мутахассисону коршиносони соҳа оид ба масоили марбут ба коррупсия, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, мубориза алайҳи коррупсия ва баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии зидикоррупсионии аҳолӣ силсилабарномаҳои “Прокуратура”, “Додгоҳ”, “Ҳуқуқи Шумо”, “Суҳбати рӯз” ва “Хабар” таҳия ва пахш мешаванд.

Муассиса барномаҳоро бо иштироки кормандони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи “Татбиқи Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” доир намуда, шарҳу гузоришҳои маркази матбуотии Агентӣ ва роликҳо дар бораи пешгирии коррупсия дар соҳаи маорифу тандурустӣ дар сомонаҳои вазорату идораҳо, корхонаю муассисаҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, бахусус сомонаи расмии мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия (anticorruption.tj) пахш карда шудааст.

Муассисаи давлатии “Телевизиони Душанбе” тавассути барномаи иттилоотии “Вақт” рафти мулоқотҳои кормандони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо корупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо кормандони соҳаи маориф ва масъулини соҳаи тандурустӣ доир ба пешгирӣ аз амалҳои коррупсионӣ сари вақт инъикос намуд. Ҳамчунин, тавассути барномаҳои “Соярӯшан”, “Таҳқиқ” ва “Фазои оштинопазир” мавзӯъҳои пурзӯр намудани корҳои ташвиқотиву тарғиботӣ бо мақсади пешгирӣ намудани амалҳои коррупсионӣ, муқовимат ба коррупсия, ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳои дорои хусусияти коррупсионидошта, боздошти шахсони ба ҷиноятҳои коррупсионӣ гумонбар инъикоси худро ёфтанд.

Идораҳои телевизион ва радиои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ баҳри амалӣ намудани барномаҳои давлатии зиддикоррупсионӣ ҷадвали барномаҳоро таҳия намуда, интишори маълумотро оид ба пешгирии коррупсия мавриди амал қарор доданд.

Тазакккур бояд дод, дар матбуоти даврии тобеи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла рӯзномаи “Баҳори Аҷам” №17-18 (602) аз 22 июни соли 2022, №22 (606) аз 09 августи соли 2022, №23 (607) аз 23 сентябри соли 2022 мақолаҳои “Коррупсия- ҳолати табоҳи ҷамъият”, “Нақши фарҳанг дар пешгирии коррупсия”, “Коррупсия зуҳуроти номатлуби ҷомеа”, дар маҷаллаи “Тоҷикистон” №3-4 (1192) соли 2022 мақолаи “Коррупсия вабост”, дар маҷаллаи

“Хорпуштак” №3-4 (1076) соли 2022 мақолаи “Дӯстии duздию пора”,“Ба кӣ бовар кунем”, “Тақлид ба бегонагон чӣ суд”, “Кор кунам ё накунам”, “Дузбачаҳои ноболиғ”, инчунин ҳаҷвияҳои “Аз занам наметарсам”, “Мастӣ ва пастӣ”, “Нохалаф”, “Ҷазо”, Ранг бину ҳол пурс”, маҷаллаи “Илм ва ҳаёт”, “Муқовимат аз мубориза беҳтар аст”, “Асосҳои фарҳангии муқовимат ба коррупсия” ва “Чашма” дар мавзӯи марбут ба коррупсия “Достонҳои “Шоҳнома”, “Даст кашидан аз ҳаваси duздӣ”, “Накӯӣ фаромӯш намешавад”, маҷаллаи “Фирӯза” “Коррупсия кори умумихалқист”, “Муқовимат ба коррупсия кори ҳама” ба нашр расиданд, ки ҷомеаи шаҳрвандиро барои даст кашидан аз амалҳои коррупсионӣ огоҳ менамоянд.

Дар рӯзномаву маҷаллаҳои даврии ҷумҳурӣ низ оид ба пешгирии ин вабои аср, яъне коррупсия хабару мақолаҳо ба нашр расиданд. Аз ҷумла, дар рӯзномаи “Қонун ва ҷомеа” №21(681) аз 02 июни соли 2022 мақолаи “Муқовимат ба коррупсия самти муҳими сиёсати давлатӣ”, рӯзномаи “Бочу хироч” №2, (1306) аз 13 январи соли 2022, №6 (1310), аз 10 феврали соли 2022 мақолаҳои “Муқовимат ба коррупсия кори дастҷамъист”, “Коррупсия зуҳуроти номатлуб”, дар рӯзномаи “Фурӯғ” №1 (446), аз 14 январи соли 2022, мақолаи “Муқовимат ба коррупсия - вазифаи ҳар як шаҳрванд”, дар рӯзномаи “Пайк” №12 (542), аз 17 марти 22 мақолаи “Талаби пора барои ҳуҷҷати замин”, мақолаи сардори шуъбаи ҳифз ва истифодаи мероси таърихию фарҳанги дастгоҳи маркази вазорат Абдусаломов М. “Коррупсияро бояд ҷиддан пешгирӣ кард” ва  дигар мақолаҳо оид ба мавзӯи коррупсия бахшида шудаанд.

Банди 50 нақшаи стратегия “Таҳия  ва мавриди амал қарор додани замимаҳои мобилӣ ҷиҳати муқовимат ба коррупсия”-ро пешбинӣ намуда, ҳадафи асосии он пешгирии ҳолатҳои коррупсионӣ ва ба вуҷуд овардани фазои тоқатнопазирӣ ба коррупсия мебошад. Муҳлати амали банди мазкур дар соли 2022 ба анҷом расида, вобаста ба иҷрои он қайд кардан бамаврид аст, ки иҷрокунандаи асосӣ Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ҷиҳати пешгирии ҳолатҳои коррупсионӣ ва ба вуҷуд овардани фазои тоқатнопазирӣ ба коррупсия бо ба инобат гирифтани талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2017, №344 “Дар бораи қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи интернет»” дар доираи банди 50 Нақшаи болозикр сомонаи расмии мақомот бо тарҳи нав ва шакли мобилӣ таҳия гардида, аз 01 январи соли 2022 мавриди истифода қарор дорад.

Агентӣ дар ҳамбастагӣ бо шарикони рушд ҷиҳати ҷалби шаҳрвандон ба раванди муқовимат ба коррупсия ва дастрасии онҳо ба иттилоти зарурӣ дар ин самт тасмим гирифтааст, ки барномаи махсуси мобилӣ таҳия намуда, минбаъд пешниҳоди истифодабарандагон гардонад.

Фасли 4 нақшаи стратегия, ки панҷ банд, яъне бандҳои 51 - 55-ро дарбар мегирад, ба мукаммалгардонӣ ва ислоҳоти низоми идоракунии назорати давлатии молиявӣ бахшида шудааст.

Дар банди 51 Нақша “Таҷдиди назар кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқии самти идораи молияи давлатӣ бо мақсади таҳти низоми ягонаи назорати давлатӣ ба зиммаи мақомоти ваколатдор вогузор кардани маҷмӯи функсияҳои назоратию санҷишии воҳидҳои аудитӣ” пешбинӣ шуда, масъулини Вазорати молияи

Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба иҷрои банди мазкур иброз намудааст, ки бо мақсади мавриди омӯзиш қарор додани қонунгузории самти молияи давлатӣ ва омода кардани санади меъёрии ҳуқуқӣ дар ин самт Гурӯҳи корӣ ташкил карда шудааст.

Гурӯҳи корӣ бо мақсади таҳти низоми ягонаи давлатӣ ба зиммаи мақомоти ваколатдор вогузор кардани маҷмӯи функсияҳои назоратию санҷишии воҳидҳои аудитӣ омӯзиши санадҳои меъёрии ҳуқуқиро ба роҳ монда, фаъолияти он идома дорад.

Банди 52 нақшаи стратегия масъалаи "Андешидани чораҳои муассир ҷиҳати пешгирӣ намудани тасарруф ва ҳолатҳои дигари коррупсионӣ ҳангоми истифодаи маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ ва дар ин замина таъмини шаффофият дар раванди иҷрои он"-ро пешбинӣ намудааст.

Қобил ба зикр аст, ки банақшагирии қисми хароҷоти Буҷети давлатӣ дар асоси талаботи фармоиши дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таҳияи лоиҳаи буҷети давлатӣ барои давраи миёнамуҳлат ва дастурамалҳои дахлдори Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки марҳилаҳои 1 ва 2 ҷараёни банақшагирии буҷети давлатиро танзим менамояд, амалӣ мегардад.

Дар ин робита, тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ дар раванди банақшагирии буҷетӣ дархостҳои буҷетии соҳаи худро бо ҳуҷҷатҳои асоснокӣ ва тибқи гурӯҳбандиҳои буҷетӣ унвонии Вазорат пешниҳод менамоянд.

Таъмини истифодаи самарабахшу мақсадноки маблағҳои буҷетӣ таҳти назорати қатъии доимии Вазорат қарор дошта, дар соли ҷорӣ маблағгузории хароҷоти буҷети давлатӣ тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022" дар доираи маблағҳои дар сметаи хароҷотии ташкилотҳои буҷетӣ тасдиқшуда бо назардошти иҷрои воқеии қисми даромади буҷет амалӣ карда шудааст. Дар баробари ин, дар мадди аввал маблағгузории моддаҳои ҳимояшавандаи буҷет, соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, маблағгузориҳои иншоотҳои аҳамияти ҷумҳуриявӣ, ҷудо намудани субвенсия ба буҷетҳои сатҳи поёнӣ ва хизматрасонии қарзи беруна, инчунин аъзоҳақии ҷумҳурӣ дар созмонҳои байналмилалии молиявӣ таъмин карда шудааст.

Бо мақсади пешгирии хароҷоти ғайриқонунии маблағҳо, вайронкунии интизоми молиявӣ дар ҳамаи сатҳҳо, пешгирии коррупсия дар соҳаи молия ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки пешгирии коррупсия ба шумор рафта, айни ҳол низоми пардохтҳои электронӣ дар сатҳи буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ҷорӣ карда шуда, ин низом марҳила ба марҳила густариш ёфта истодааст. Алоқаи электронӣ байни Сарраёсати хазинадории марказӣ ва мақомотҳои маҳаллии он низ амалӣ карда шудааст.

Низоми нави банақшагирӣ ва иҷроиши Буҷети давлатӣ ба воситаи барномаи нави иттилоотӣ (TFMIS SGB.net) ҷорӣ карда шуда, дар барномаи мазкур баҳисобгирии муҳосибӣ ба воситаи нақшаи ягонаи ҳисобҳо дар низоми хазинадорӣ ба қайд гирифта мешаванд ва чорабиниҳои мазкур имконият медиҳанд, ки ҳама гуна хароҷоти бесамар ва амалҳои номатлуб пешгирӣ карда шаванд.

Мақсади асосии амалӣ гардидани чорабиниҳои мазкур, ин таъмини интизоми молиявӣ, мустаҳкам намудани тавоноии пардохтпазирии хазинавӣ ва сари вақт маблағгузорӣ кардани хароҷоти ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ мебошад, то ин

ки ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ тавонанд уҳдадориҳои худро бо сифат ва мақсаднок иҷро намоянд.

Дар асоси банди 1 қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2021, №553 "Дар хусуси тадбирҳои иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2021" тамоми ташкилоту муасисаҳои буҷетӣ вазифадор карда шудаанд, ки ҷиҳати пардохти музди меҳнати кормандони мақомоти давлатӣ ва муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ бо кортҳои электронӣ тавассути бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" ва дигар бонкҳои эътимодноки ҷумҳурӣ чораҷӯӣ намоянд.

Айни замон маблағгузории музди меҳнат, нафақа ва дигар таъминоти пулии хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо кортҳои электронӣ тавассути Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" ва дигар бонкҳои ҷумхурӣ ба роҳ монда шудааст.

Ҳангоми баррасии дархостҳои буҷетии гирандагони маблағҳои буҷетӣ раёсатҳои соҳавии Вазорати молия амалиётҳои зерин, аз қабили таҳлили мувофиқатии дархостҳо ба нишондиҳандаҳои рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар ҳисобҳо истифода бурдани нархҳои амалкунанда бо истифода аз меъёри таваррум, музди меҳнат, меъёрҳои нархномаҳои моддӣ ва хароҷоти пулӣ ҳангоми таҳияи сметаҳои хароҷотӣ ба меъёрҳои тасдиқгардида, нормативҳо ва стандартҳои амалкунандаи соҳаи дахлдорро иҷро менамоянд.

Яке аз вазифаҳои асосии низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" инъикос гардидааст, ин шаффофияти буҷет мебошад.

Барои ноил гардидан ба ин мақсад Вазорати молия  бо дастгирии Иттиҳоди Аврупо дар доираи лоиҳаи "Дастгирии самтҳои алоҳидаи идоракунии молияи давлатӣ" сомонаи расмии худро бо риояи талаботи "Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи интернет", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2017, №344 тасдиқ шудааст, пурра аз нав таҳрезӣ карда, дар суроғаи электронӣ (www.moliya.tj) ҷойгир намудааст. Дар сомона бо мақсади дастрасии аҳли ҷомеа ба иттилооти буҷетӣ тамоми маълумот оид ба раванди таҳияи лоиҳаи буҷети давлатӣ ва иҷрои он аз рӯи семоҳаҳо ба истиснои маълумоти дорои сирри давлатӣ ҷойгир карда мешаванд.

Бо мақсади танзими масъалаи мазкур бо фармоиши Вазорати молия аз 30 сентябри соли 2020, №108 "Дастури методӣ оид ба таъмини шаффофият ва дастрасии ҷомеа ба иттилооти раванди буҷетӣ ва рӯйхати маълумоти дар сомонаи интернетии Вазорати молия ҷойгиршаванда" тасдиқ карда шуда, дар он номгӯи маълумот ва муҳлати нашр муайян гардидааст.

Ҷиҳати баланд бардоштани шаффофият ва таъмини дастрасии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумотҳои буҷетӣ бо фармоиши Вазорат аз 29 сентябри соли 2020, №106 Дастурҳои методӣ "Оид ба таҳияи шарҳи иҷрои нимсолаи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва "Оид ба таҳия ва ҷойгиркунии буҷети шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон" тасдиқ карда шудаанд. Буҷети шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022 омода гардида, дар сомонаи расмӣ (www.moliya.tj) ҷойгир карда шудааст.

Буҷети шаҳрвандӣ шарҳи мухтасари буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки сатҳи огоҳии шаҳрвандонро дар бораи самтҳои фаъолияти Ҳукумати ҷумҳурӣ дар соли молиявии нақшавӣ баланд мебардорад. Дар он сарчашмаҳои даромади буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самтҳои хароҷоти он ба таври мухтасар дарҷ карда мешаванд. Ҳуҷҷати мазкур ба шаҳрвандон имконият медиҳад, ки дар бораи буҷети давлатӣ маълумоти бештар пайдо кунанд.

Дар бандҳои 53, 54 ва 55 Нақша масъалаи "Марҳила ба марҳила мукаммал гардонидани шаклу усулҳои гузаронидани чорабиниҳои назорати давлатии молиявӣ бо ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами мақомоти назорати давлатии молиявии давлатҳои муваффақ дар ин самт. Ба нашр расонидани натиҷаи тафтишу санҷишҳои молиявӣ тавассути воситаҳои ахбори омма ва сомонаҳои интернетӣ. Пешгирӣ намудани омилҳои коррупсионӣ ва баланд бардоштани масъулияти кормандони соҳаи назорати давлатии молиявӣ" пешбинӣ гардидааст.

Аз ҷониби мутахассисони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми гузаронидани тафтишу санҷишҳои молиявӣ ба масъулини вазорату идораҳо, муассисаву ташкилотҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо мақсади аз байн бурдани муколамаи идоравӣ, омилҳои инсонӣ дар содиршавии амалҳои коррупсионӣ ва шаффофияти истифодаи мақсадноку самараноки маблағҳои буҷетӣ ва молу мулки давлатӣ тавсия дода мешавад, ки дар минбаъда барномаҳои рақамии мукаммали самти иқтисодиро роҳандозӣ намоянд.

Роҷеъ ба иҷрои банди 54 нақшаи стратегия бояд қайд кард, ки дар соли 2022 маълумотҳои зарурӣ оид ба натиҷаи тафтишу санҷишҳои молиявии актуалӣ дар сомонаи расмии мақомот (anticorruption.tj) ҷойгир карда шудаанд.

Тибқи талаботи банди 55 нақшаи стратегия пайваста машғулиятҳои касбӣ миёни кормандони самти назорати давлатии молиявӣ тибқи нақшаҳои тасдиқгардида роҳандозӣ карда мешавад ва риояи интизоми хизматӣ ва одоби касбӣ дар доираи талаботи кодексҳои одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, одоби шахсони мансабдори мақомоти санҷишӣ ва одоби корманди Агентӣ амалӣ мегардад.

Фасли 5 нақшаи стратегия муқовимат ба коррупсияро тавассути татбиқи чораҳои ҷиноятӣ, маъмурӣ ва интизомӣ ташкил медиҳад. Дар Нақша вобаста ба самти мазкур 8 чорабинӣ пешбинӣ карда шудааст, ки онҳо дар бандҳои 56-63 оварда шудаанд.

Банди 56 нақша масъалаи "Такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти муқовимат ба коррупсия, аз ҷумла қонунгузории ҷиноятӣ, маъмурӣ, интизомӣ ва ҷавобгарӣ барои кирдорҳои коррупсионӣ"-ро пешбинӣ намудааст, ки мӯҳлати иҷрои он то соли 2025 муқаррар гардидааст.

Дар ин радиф бо мақсади иҷрои талаботи моддаи 30 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба коррупсия" аз ҷониби Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Тартиби баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд таҳия карда шуда, он дар мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2022, №506 ба тасвиб расида, аз 1 январи соли 2023 мавриди амал қарор гирифт.

Тартиби мазкур қоидаҳои таҳия ва пешбурди ҳисоботи оморӣ оид ба натиҷаҳои назорати прокурории амалисозӣ ва татбиқи Қонуни Ҷумҳурии

Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба коррупсия”, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба баррасии мурочиатҳо ва маълумот дар бораи ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, ошкоркунӣ ва тафтиши ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, категорияҳои шахсони чунин ҷиноятҳоро содирнамуда, натиҷаи баррасии судии чунин парвандаҳои ҷиноятӣ, татбиқи ҷазои ҷиноятӣ ва категорияҳои шахсони барои содиркунии чунин ҷиноятҳо маҳкумшуда, инчунин тартиби баҳисобгирӣ ва пешбурди ҳисоботи омории ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии хусусияти коррупсионидошта, шахсони онҳоро содирнамуда ва феҳристи чунин ҳуқуқвайронкуниҳоро муайян менамояд.

Дар баробари ин санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи самти муқовимат ба коррупсия дар кишвар бо ба инобат гирифтани таҷрибаи дигар давлатҳо ҷиҳати такмили минбаъда мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор доранд.

Дар банди 57 Нақша “Мукаммалгардонии санадҳои меъёрии ҳуқуқии батанзимдароварандаи соҳаи фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ” пешбинӣ карда шудааст.

Ҷиҳати таъмини иҷрои банди мазкур аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади таҷдиди назар ва мукаммалгардонии санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи бонкӣ ва мутобиқ намудан ба талаботи имрӯза ва стандартҳои байналмилалӣ пайваста чорабиниҳо ба роҳ монда шуда истодааст. Дар самти мазкур дар соли 2022 як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавриди таҷдиди назар ва такмил қарор дода шуданд.

1) Лоиҳаҳои қонунҳо ва қарорҳои зерини Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон таҳия гардидаанд, дар баррасии вазорату идораҳо, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд, аз ҷумла:

- лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶумҳурииТоҷикистон”;
- лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон”;
- лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият”;
- лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ”;
- лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2006, №230”;
- лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи боҷи давлатӣ”;
- лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ”;
- лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйирот ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон”;

- лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон”;

- лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ”;

- лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 марти соли 2014, №172”;

- лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 апрели соли 2007, №172”;

- лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳияи тавозуни пардохт, мавқеи сармоягузориҳои байналмилалӣ ва қарзи маҷмуии берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон”.

2) Санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерини Бонки миллии Тоҷикистон мавриди амал қарор гирифтанд, аз ҷумла:

- қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон “Дар бораи Номгӯйи хизматрасониҳои молиявӣ”;

- қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 28 апрели соли 2011, №74”;

- қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон “Оид ба Дастурамали №250 “Дар бораи тартиби ташкил ва истифодаи захира ва фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи дороиҳои ташкилотҳои қарзии исломӣ”;

- қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2020, №105”;

- қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон “Оид ба Дастурамали №249 “Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ”;

- қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон “Оид ба Дастурамали №251 “Дар бораи соҳаи истифода, тартиби муомилоти асъори хориҷӣ, тартиб ва қоидаҳои додан ва бозхонд намудани иҷозатнома барои фаъолият оид ба анҷомдиҳии амалиёти асъорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”;

- қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 9 октябри соли 2009, №304”;

- қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон №56 аз 24 майи соли 2022 «Оид ба Дастурамали №252 “Дар бораи пур кардани шакли ҳисоботи омории №1-ГПН «Ҳисобот оид ба гардиши пули нақд»;

- қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон “Дар бораи Дастурамали №247 “Дар бораи ташкили низоми идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ”.

3) Лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерини Бонки миллии Тоҷикистон мавриди корбарӣ ва такмилдиҳӣ қарор доранд, аз ҷумла:

- лоиҳаи Дастурамали Бонки миллии Тоҷикистон “Дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ” дар таҳрири нав таҳия гардида, дар баррасии Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон қарор дорад;

- лоиҳаи Тартиби гузаронидани санҷиши ташкилотҳои қарзии молиявӣ, таҳияи санади санҷишӣ ва татбиқи чораҳои фаврии ислоҳӣ ва таъсиррасонӣ;

- лоиҳаи Дастурамал "Дар бораи талаботи ҳадди ақал барои таҳияи Нақшаи барқарорсозии фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ";

- лоиҳаи Тартиби таҳия ва пешниҳоди ҳисоботҳои молиявии ташкилотҳои қарзӣ;

- лоиҳаи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Тартиби таъсиси воҳидҳои сохторӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва филиалҳои онҳо";

- лоиҳаи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон "Дар бораи Талаботи ҳадди ақал ба таъминоти барномавию техникии ташкилотҳои қарзии молиявӣ";

- лоиҳаи Тартиби гузаронидани санҷиши ташкилотҳои назоратшаванда;

- лоиҳаи Дастурамал оид ба тартиб муҳлат ва ҳаҷми иттилооту маълумоте, ки аз ҷониби Бюрои таърихи қарз ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод мегардад.

Қайд кардан зарур аст, ки дар раванди таҳия, таҷдиди назар ва такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба масъалаи пешгирӣ ва бартараф намудани ҳолатҳои бавуҷудоварандаи омилҳои коррупсионӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуда, барои таъмин гардидани шаффофият ва қонунияти меъёрҳою амалиёти татбиқшаванда чораҳои дахлдор андешида мешаванд.

Бандҳои 58, 59, 60 ва 61 нақшаи стратегия "Такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва маъмурӣ бо мақсади таъмин намудани татбиқи дурусти меъёрҳо оид ба ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва ҷиноятии ба коррупсия алоқаманд. Омӯзиши масъалаҳои дар Кодекси ҷиноятӣ ба фасл ё боби алоҳида ҷудо намудани ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта (аз ҷумла ҳама гуна шакли тасарруфи молу мулки ғайр) ва ба андоз алоқаманд, криминализатсия ва декриминализатсияи баъзе ҷиноятҳои коррупсионӣ ва муқаррар намудани намуди дигари ҷавобгарӣ барои онҳо, инчунин пешбинӣ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои рӯйпӯш намудани ҳолатҳои тасарруфи маблағҳои буҷети давлатӣ, андоз, пардохтҳои гумрукӣ ва дигари ҳатмӣ, кам ё зиёд нишон додани онҳо"-ро муқаррар намудааст, ки муҳлати иҷрои онҳо солҳои 2021-2022 ва 2025 мебошад.

Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани тағйиру иловаҳоро ба Кодекси ҷиноятии амалкунанда бо ба инобат гирифтани идома доштани фаъолияти гурӯҳи кории байниидоравӣ вобаста ба таҳия ва қабули Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав имконнопазир мешуморад.

Новобаста аз ин, Агентӣ масъалаҳои болозикрро мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода, мавқеи худро вобаста ба зарурати ворид намудани меъёри нав ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон (бинобар сабаби фаъолияти гурӯҳи корӣ вобаста ба таҳияи Кодекси нави ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди мақомот) манзур намудааст.

Тибқи таклифи мазкур пешниҳод гардид, ки дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёри нав, яъне моддаи 253 иловаи 1 барои вайрон кардани қоидаю меъёрҳои истифодаи қувваи барқ ё назорати истифодаи қувваи барқ, пайвасткунии барқ ё ҷамъоварии маблағи он ворид карда шавад.

Зарурати пешниҳоди лоиҳаи мазкур дар он мебошад, ки таҷрибаи тафтиши пешакии парвандаҳои ҷиноятии солҳои охир нишон дод, ки кормандон ва шахсони масъули соҳаи барқ зимни фаъолият бо мақсади рӯйпӯш намудани талафоти аз меъёри муқарраршуда зиёди қувваи барқи дар минтақаи назоратиашон баамаломадаро бидуни муайян намудани сабабҳои пайдоиши он, ки баръало аз ҷой доштани аломатҳои тасарруфи қувваи барқ шаҳодат медиҳад, бе чораҷӯии дахлдор қувваи барқро ба суратҳисобҳои қалбакии дар асл мавҷуднабудаи муштариён ворид карда, бо ин роҳ қувваи барқи масрафшударо рӯйпӯш ва дар ин замина манфиатҳои қонунан ҳифзшудаи давлатро поймол менамоянд.

Зимни тафтиши пешакии парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба ошкори талафоти қувваи барқ муайян гардид, ки дар онҳо зоҳиран аломатҳои тасарруфи қувваи барқ мушоҳида мегардад, аммо дар рафти санҷишу тафтишҳо ҳолати амалан ҷой доштани тасарруф, яъне аз тарафи кӣ ва бо кадом тарзу усул тасарруф намудани қувваи барқ, сабабҳои ба суратҳисоби қалбакӣ бо таври сунъӣ гузаронидани кВт/соат, ошкори шакли тасарруф, маҳз ба кадом истгоҳҳои трансформаторӣ тааллуқ доштани нишондиҳандаҳои талафоти ошкоршуда, муқоиса кардани онҳо бо ҳисобкунакҳои электронии муштариёни ба ин истгоҳҳои трансформаторӣ пайвастшуда ва муайян кардани муштариёне, ки қасдан дар асоси маслиҳати пешакӣ бо шахсони мутасаддии шабакаҳои барқ бо вайрон кардани қоидаҳои истифодаи қувваи барқ даст ба дуздии он задаанд, душвор гардидааст.

Ғайр аз ин, кормандон ва шахсони масъули шабакаҳои барқӣ аз рӯи сохтор ва вазифаи ишғолнамудаашон ба шумули хизматчиёни давлатӣ ва шахсони мансабдор дохил набуда, зимни таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ кирдорҳои онҳоро бо моддаҳои 245, 295, 314, 316 ва 322 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст кардан нодуруст ва ғайриимкон мебошад.

Дар заминаи муаммоҳои ҷойдошта ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид кардани моддаи иловагӣ вобаста ба ҷавобгарии пурраи шахсони мутасаддии шабакаҳои барқ, имконияти давра ба давра баланд шудани масъулияти назоратчиёну нозирон оид ба назорати истифода ва ҷамъоварии ҳаққи истифодаи қувваи барқ такони ҷиддӣ бахшида, омили таъсиррасонандаи пешгирии ҳолатҳои тасарруфи қувваи барқ хоҳад шуд.

Вобаста ба таҳия ва қабули санадҳои ҳуқуқии соҳавӣ оид ба муайян намудани механизмҳои муосири ошкор ва тафтиши бархе аз ҷиноятҳои коррупсионӣ, бахусус ҷиноятҳо марбут ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, ки аз талаботи банди 62 нақшаи стратегия бармеояд, қайд кардан бамаврид аст, ки бо фармоиши директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 майи соли 2022, №07 Дастурамали илмӣ-амалӣ оид ба турзу усули ошкор ва тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба қаллобӣ бо истифодаи мақоми хизматӣ (моддаи 247 қисми 2 банди "г" КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва қаблан Дастурамалҳои илмӣ-амалӣ оид ба тарзу усули ошкор ва тафтиши пешакии ҷиноятҳои марбут ба гирифтану додани пора ва ришвадиҳии тиҷоратӣ, оид ба тарзу усули ошкор ва тафтиши пешакии ҷиноятҳо марбут ба азонихудкунӣ ва исрофкорӣ тасдиқ ва мавриди истифодабарӣ қарор дорад, ки дар онҳо хусусиятҳои хоси тарзу усули ошкор ва тафтиши пешакии ин қабил ҷиноятҳо шарҳу тавзеҳ дода шудааст.

Бояд қайд кард, ки яке аз ҷанбаҳои муҳими Дастурамалҳои болозикр, ин зимни тафтиши пешакии ҷиноятҳои қайдгардида бо роҳи тафтишотӣ ошкор намудани ҷиноятҳо марбут ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастомада (моддаи 262 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба ҳисоб меравад. Зеро ҷинояти дар моддаи 262 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда ҳамчун ҷинояти асосӣ ба ҳисоб нарафта, он натиҷаи содир намудани дигар кирдорҳои ҷиноятӣ, аз қабили гирифтани пора ва ришвагирии тиҷоратӣ, азонихудкунию исрофкорӣ, қаллобӣ ва ғайра мебошад.

Банди 63 нақшаи стратегия, ки тақвият додани фаъолияти Шӯрои ҳамоҳангсозии мақомоти мубоизабаранда бар зидди коррупсия ва дар ин замина муайян намудани роҳу усулҳои муосир оид ба ошкор ва тафтиши ҳуқуқвайронкуниҳои мураккаби коррупсиониро дарбар мегирад, ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии мубориза бар зидди коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти мақомоти прокуратура, корҳои дохилӣ, мудофиа, амнияти миллӣ, назорати маводи нашъаовар, гвардияи миллӣ, гумрук ва судро ҷиҳати пешбурди кори таҳлилӣ, пешгирӣ, сари вақт ошкор намудану тафтиш кардани ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти ба коррупсия алоқаманд, бартараф намудани сабабу шароитҳои ба онҳо мусоидаткунанда ҳамоҳанг месозад ва дар асоси нақшаҳои ҳамасола фоълияти муназзамро ба роҳ мемонад.

Дар ин зимн баҳри бартараф намудани ихтилофҳои меъёрӣ, мукаммалгардонӣ ва мутобиқсозии Низомномаи Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти мубориза бар зидди коррупсия аз ҷониби Агентӣ лоиҳаи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 ноябри соли 2015, №587” омода гардида, айни ҳол дар баррасии вазорату идораҳои дахлдор қарор дорад. Бо қабул гардидани фармони мазкур фаъолияти Шӯро тақвият бахшида мешавад.

Фасли 6 нақшаи стратегия экспертизаи давлатии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои онҳо махсуб ёфта, ҳануз ду банд, яъне бандҳои 64 ва 65-ро дарбар мегирад.

Бандҳои зикргардидаи Нақша масъалаи “Тақвият бахшидани фаъолият дар самти экспертизаи давлатии зиддикоррупсионӣ ва ҷамъиятии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои онҳо, аз ҷумла ҳатмӣ гардонидани иҷрои талаботи хулосаҳои экспертизаи зиддикоррупсионӣ. Гузаронидани мониторинги татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ”-ро пешбинӣ намудааст.

Вобаста ба таъмини иҷрои банди 64 Нақша Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти баланд бардоштани сатҳу сифати қонунҳо, такмили механизми иҷрои онҳо ва  муайян намудани ҳолати мутобиқати қонунгузории мамлакат ба ҳадафҳои сиёсии пешбинигардида, лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қонунҳои амалкунандаро мунтазам бо роҳи гузаронидани экспертизаи давлатии зиддикоррупсионӣ мавриди омӯзишу таҳлил қарор медиҳад.

Тазаккур бояд дод, ки дар давраи соли 2022 ба Агентӣ ҷиҳати гузаронидани экспертизаи давлатии зиддикоррупсионӣ дар маҷмӯъ 1231 лоиҳаи санади меъёрии

ҳуқуқӣ, аз ҷумла 20 лоиҳаи мукаммал дар таҳрири нав ворид гардида, бо 1224 адади он экспертизаи давлатии зиддикоррупсионӣ гузаронида шуд.

Дар раванди экспертизаи давлатии зиддикоррупсионӣ дар 278 лоиҳа омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ошкор карда шуда, вобаста ба 78 лоиҳа, ки ба ислоҳоти ҷузъӣ ниёз доштанд, унвонии субъектони ҳуқуқэҷодкунанда ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта таклифу пешниҳодҳои мушаххас ирсол гардиданд.

Аз лоиҳаҳои баррасигардида 53 адади он ба гирифтан ва ба шахсони воқеию ҳуқуқӣ додани қитъаҳои замин вобастагӣ дошта, аз ин теъдод дар 23 лоиҳа омилҳои бавуҷудовардандаи коррупсия ошкор карда шуд ва дар натиҷа ҳолати хилофи муқаррароти қонунгузорӣ додан ва вобаста карда шудани миқдори 664,69 гектар замин пешгирӣ карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани экспертизаи давлатии зиддикоррупсионӣ, бо мақсади дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ, тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ мавриди таҳлили пайваста қарор дода шуда, зимни таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ татбиқи воқеии талаботи қонунгузорӣ дар ин самт мунтазам мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор дода мешавад.

Дар ин замина 6 лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқие, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ таъсири имконпазир доштанд, бинобар аз ҷониби субъектони ҳуқуқэҷодкунанда риоя карда нашудани талаботи қонунгузорӣ бозпас гардонида шуда, омилҳои ошкоргардида бартараф карда шуданд.

Оид ба лоиҳаҳои санадҳои байналмилалие, ки вобаста ба соҳаҳои мухталиф таҳия ва барои гузаронидани экспертизаи давлатии зиддикоррупсионӣ пешниҳод шуда буданд, бо гузаронидани таҳлилҳои муқоисавӣ бо қонунгузории дигар давлатҳо ва истифода аз таҷрибаи давлатҳои пешрафта, оиди 200 созишномаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва дуҷонибаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату кумитаҳои дахлдор, 70 ёддошти тафоҳум ва 20 санади байналмилалии характери умумибашарӣ ва давлатҳои осиёидошта унвонии Ҳукумат ва вазорату идораҳо хулоса ва таклифҳои зарурӣ пешниҳод карда шуданд.

Қобили тазаккур аст, ки дар давраи таҳлилӣ маҳз бо ташаббуси худи Агентӣ лоиҳаи 14 санади меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва баъди мувофиқаи вазорату идораҳо тибқи тартиби муқарраршуда ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардида, ҳамзамон баъди ворид намудани тағйирот дар сохтори Агентӣ 32 санади меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи дохилиидоравии мақомот дар таҳрири нав таҳия карда шуданд.

Банди 65 нақшаи стратегия Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро вазифадор намудааст, ки ҷиҳати бартараф намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия мониторинги татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро гузаронад.

Баҳри ошкору бартараф намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия мониторинги татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳои корҳои дохилӣ, саноат ва технологияҳои нав, Бонки миллӣ, кумитаҳои ҳифзи муҳити зист, меъморӣ ва сохтмон, Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкорӣ, агентиҳои авиатсияи гражданӣ, стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва назорати савдо, назорат дар соҳаи маориф ва илм, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ҳисор ва ноҳияҳои Шаҳринаву Варзоб гузаронида шуд.

Дар раванди мониторинг дар маҷмӯъ 226 санади меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи амалкунандаи вазорату идораҳо ва мақомоти зикршуда мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шуда, дар 100 санад 321 омили бавуҷудоварандаи коррупсия ошкор карда шуданд.

Баъди анҷоми мониторинг ҷиҳати бартараф намудани омилҳои ошкоркардашуда унвонии роҳбарони вазорату идораҳо ва мақомотҳои болозикр 49 хулосаи экспертизаи давлатии зиддикоррупсионӣ ва 26 санади эътиноӣ, аз ҷумла 20 пешниҳод ва 6 дастури хаттӣ ирсол гардид.

Фасли 7 Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия, ҷиҳати тақвият бахшидани таҳлили хавфҳои коррупсионӣ бахшида шуда, ҳамагӣ як банд (банди 66)-ро фаро гирифтааст.

Аз ҷумла, банди 66 нақшаи стратегия "Мунтазам гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) ва татбиқи амалии нақшаҳои мукаммал тибқи Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ)"-ро пешбинӣ намудааст.

Вобаста ба иҷрои ин банд, ки ҳадафи он ошкор намудани хавфҳои идоравӣ ва андешидани чораҳо ҷиҳати бартараф намудани онҳо мебошад, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи талаботи банди 3 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тасдиқи Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ)" (минбаъд Методология) аз 28 октябри соли 2016, №465 ҳолати дар амал татбиқ намудани Методологияи мазкурро аз ҷониби вазоратҳо, ташкилотҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, дигар мақомоту ташкилоти давлатӣ дар давраи соли 2022 мавриди таҳлилу ҷамъбаст қарор дод.

Аз ҷониби Агентӣ дар соли 2022 мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Шоҳмансур, Фирдавсӣ, Шаҳринав, шаҳри Ҳисор, Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон барои гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) интихоб карда шуданд.

Дар ин зимн қабл аз таҳлили фаъолият вазорату идораҳои номбурда расман хабардор гардида, иттилооти мазкур ҷиҳати гирифтани маълумоти иловагӣ оид ба мавҷудияти хавф дар сомонаи расмии Агентӣ (www.anticorruption.tj) ҷой дода шуд.

Ҷиҳати ба роҳ мондани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) аз ҳисоби масъулини мақомотҳои болозикр дар ҳайати аз 5 то 7 нафар гурӯҳҳо оид ба баҳодиҳӣ таъсис дода шуда, ба ҳар як гурӯҳ як намоянда аз ҳисоби кормандони дастгоҳи марказии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси машваратдиҳанда шомил гардид.

Дар натиҷаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) аз ҷониби гурӯҳҳои баҳодиҳии ташкилотҳои интихобгардида, аз ҷумла дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ҳисор -13 адад, ноҳияҳои Шоҳмансур - 14 адад, Фирдавсӣ - 7 адад, Шаҳринав-13 адад, Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон - 14 адад, Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон - 14 адад ва Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон -13 адад дар маҷмӯъ 88 адад тавсияномаҳо оид ба бартараф ё паст намудани натиҷаҳои таъсироти хавфҳои коррупсионии ошкоргардида таҳия ва дар нақшаҳои мукаммал пешбинӣ карда шуданд.

Дар баробари ин, бо мақсади амалисозии талаботи банди 44 боби 6 методологияи мазкур дар Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рӯдакӣ азнавтаҳлилкунӣ ва азнавбаҳодиҳии фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) гузаронида шуд.

Дар натиҷаи азнавтаҳлилкунӣ ва азнавбаҳодиҳии хавфҳои коррупсионӣ муайян карда шуд, ки дар Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 феврали соли 2018 гурӯҳи корӣ оид ба баҳодиҳии хавфҳои коррупсия таъсис дода шуда, аз ҷониби гурӯҳи мазкур хавфҳои коррупсионии бевосита ҷойдошта ва падид омаданашон эҳтимолӣ ошкор гардида, дар ин хусус ҳисоботи пурра омода карда шудааст. Минбаъд ҷиҳати коҳиш додани хавфҳои ошкоргардида ва бартараф намудани онҳо барои ду сол, яъне солҳои 2019-2020 дар 15 банд нақшаи мукаммал таҳия ва тасдиқ гардида, таъмини иҷрои он аз ҷониби иҷрокунандагон мунтазам роҳандозӣ карда шудааст.

Азнавтаҳлилкунӣ ва азнавбаҳодиҳии хавфҳои коррупсионӣ дар Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки дар Вазорат аз 17 феврали соли 2018 таҳти роҳбарии муовини аввали вазир гурӯҳ оид ба баҳодиҳӣ таъсис дода шуда, аз ҷониби гурӯҳи мазкур хавфҳои коррупсионии бевосита ҷойдошта ва падид омаданашон эҳтимолӣ ошкор карда шуда, дар ин хусус ҳисоботи пурра омода гардида, нақшаи мукаммал ҷиҳати коҳиш додани хавфҳои ошкоргардида ва бартараф намудани онҳо барои ду сол, яъне солҳои 2018-2019 дар 19 банд таҳия ва тасдиқ карда шудааст.

Ҳангоми азнавтаҳлилкунӣ ва азнавбаҳодиҳии хавфҳои коррупсионӣ дар Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардид, ки дар Вазорат аз 28 марти соли 2019 то инҷониб гурӯҳ оид ба баҳодиҳии хавфҳои коррупсия дар ҳайати 8 нафар фаъолият дорад. Дар раванди таҳлил бинобар дарёфт нагардидани ҳисобот ва нақшаи мукаммал фаъолияти ин гурӯҳ ғайриқаноатбахш арзёбӣ карда шуд.

Натиҷаи азнавтаҳлилкунӣ ва азнавбаҳодиҳӣ дар Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки дар Вазорат аз 29 июни соли 2018 гурӯҳ оид ба баҳодиҳии хавфҳои коррупсия дар ҳайати 8 нафар таъсис дода шуда, дар раванди таҳлил аз ҷониби гурӯҳ хавфҳои коррупсионии бевосита ҷойдошта ва падид омаданашон эҳтимолӣ ошкор гардида, ҷиҳати коҳиш додан ва бартараф намудани ин хавфҳо барои ду сол, яъне солҳои 2019-2020 дар 16 банд нақшаи мукаммал таҳия ва тасдиқ карда шудааст. Нақшаи мукаммал оид ба бартарафсозии хавфҳои коррупсионӣ қисман иҷро гардида, фаъолияти Вазорат дар ин самт беҳбудиро тақозо менамояд.

Зимни азнавтаҳлилкунӣ ва азнавбаҳодиҳӣ дар Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардид, ки аз 28 июли соли 2017 гурӯҳи корӣ оид ба баҳодиҳии хавфҳои коррупсия таъсис дода шуда, гурӯҳ оиди ошкор гардидани хавфҳои коррупсионии бевосита ҷойдошта ва падид омаданашон эҳтимолӣ бо ҷамъбасти сол ҳисобот таҳия карда, ҷиҳати коҳиш ва бартараф намудани онҳо барои ду сол, яъне солҳои 2018-2019 аз 8 январи соли 2018 дар 16 банд нақшаи мукаммал таҳия ва тасдиқ намудааст. Ҳамзамон собит гардид, ки ҳарчанд чорабиниҳои банақшагирифташуда қисман иҷро карда шудаанд, вале дар раванди таҳлил ва баҳогузорӣ аз ҷониби гурӯҳ ба масъалаҳои муносибати мутақобила бо ҷомеаи шаҳрвандӣ, маълумотҳои оморӣ оид ба вазъи коррупсия ва амалҳои мушаххаси коррупсионии аз ҷониби кормандон содиршуда, инчунин риояи қоидаҳои одоб ва пурсиши кормандон пурра баҳогузорӣ нагардидааст, ки дар натиҷа меъёрҳо оиди аз байн бурдан ё коҳиш додани омилҳои коррупсионии дар доираи фаъолияти вазорат ва ё муассисаву ташкилотҳои тобеи он ҷойдошта ба нақша гирифта нашудаанд. Аз ин лиҳоз, дар соли 2022 баъди гузаронидани азнавтаҳлилкунӣ ва азнавбаҳодиҳӣ дар Вазорат гурӯҳ оид ба баҳодиҳии фаъолият дар ҳайати нав таъсис ёфта, бо тақвият додани фаъолияти он нақшаи мукаммал иборат аз 20 банд барои ду соли минбаъда тасдиқ карда шуд.

Раванди азнавтаҳлилкунӣ ва азнавбаҳодиҳӣ дар фаъолияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки дар Кумита аз 10 июли соли 2018 гурӯҳ оид ба баҳодиҳӣ дар ҳайати 10 нафар таъсис дода шуда, дар ҷараёни таҳлил аз ҷониби гурӯҳ хавфҳои коррупсионии бевосита ҷойдошта ва падид омаданашон эҳтимолӣ ошкор ва ҷиҳати коҳиш додани ин хавфҳо барои ду сол, яъне солҳои 2019-2020 дар 10 банд нақшаи мукаммал таҳия ва тасдиқ карда шудааст. Таҳлил дар ин самт муайян намуд, ки масъулини Кумита баҳри татбиқи саривақтии чорабиниҳои банақшагирифташуда чораҳои амалӣ наандешидаанд, ки дар натиҷа иҷрои он қисман таъмин гардидааст. Бо тавсияи мақомоти Агентӣ гурӯҳ оид ба баҳодиҳии фаъолият дар Кумита дар ҳайати нав таъсис дода шуда, фаъолияти он ҷоннок карда шуд.

Азнавтаҳлилкунӣ ва азнавбаҳодиҳӣ дар фаъолияти Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки дар Кумита аз 31 январи соли 2018 гурӯҳ оид ба баҳодиҳӣ таъсис дода шуда, аз ҷониби гурӯҳ хавфҳои коррупсионии бевосита ҷойдошта ва падид омаданашон эҳтимолӣ ошкор гардида, дар ин хусус ҳисобот омода гардидааст. Баъдан ҷиҳати коҳиш додани хавфҳои ошкоргардида ва бартараф намудани онҳо барои солҳои 2018-2020 дар 27 банд нақшаи мукаммал таҳия ва тасдиқ карда шудааст. Вале беназоратии масъулини Кумита ва дуруст ба роҳ намондани фаъолияти аъзоёни гурӯҳ боиси ноиҷро мондани аксари чорабиниҳои дар нақша пешбинишуда гардидааст.

Дар натиҷаи азнавтаҳлилкунӣ ва азнавбаҳодиҳӣ муайян карда шуд, ки дар Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз 1 феврали соли 2018 гурӯҳ оид ба баҳодиҳӣ таъсис дода шуда, ҷиҳати коҳиш додани хавфҳои аз ҷониби гурӯҳ ошкоргардида ва бартараф намудани онҳо барои ду сол, яъне солҳои 2018-2019 дар 36 банд нақшаи мукаммал таҳия ва тасдиқ гардида, таъмини иҷрои бандҳои нақшаи мазкур мунтазам роҳандозӣ карда шудааст.

Дар Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) аз 10 майи соли 2018 таҳти роҳбарии муовини директори Агентӣ гурӯҳ оид ба баҳодиҳӣ таъсис дода шуда, аз ҷониби гурӯҳи мазкур хавфҳои коррупсионии бевосита ҷойдошта ва падид омаданашон эҳтимолӣ ошкор гардида, дар ин хусус ҳисоботи пурра омода ва нақшаи мукаммал барои солҳои 2019-2020 дар 8 банд таҳия гардидааст. Татбиқи нақшаи мазкур давра ба давра таъмин гардида, фаъолияти гурӯҳ оид ба баҳодиҳии хавфҳои коррупсионӣ минбаъд низ баҳри ошкор намудани омилҳои институтсионалӣ, ки ба коррупсия мусоидат менамоянд ё метавонанд мусоидат кунанд идома дорад.

Азнавтаҳлилкунӣ ва азнавбаҳодиҳии фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) нишон дод, ки дар Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июли соли 2018 гурӯҳи корӣ оид ба баҳодиҳӣ таъсис дода шуда, ҷиҳати бартараф ва коҳиш додани хавфҳои коррупсионӣ аз ҷониби гурӯҳ 28 декабри соли 2018 нақшаи мукаммал барои солҳои 2019-2020 иборат аз 14 банд таҳия ва тасдиқ карда шудааст. Масъулини Хадамот бархилофи талаботи Методология аз натиҷаи баҳодиҳӣ танҳо нақшаи мукаммал тартиб дода, бо ҳамин фаъолияти худро дар ин самт ба анҷом расонида, ҷиҳати таъмини иҷрои нақшаи мазкур умуман чораандешӣ накардаанд. Бинобар ин, ба роҳбарияти Хадамот тавсия дода шуд, ки фавран гурӯҳи нави корӣ оид ба баҳодиҳӣ аз ҳисоби мутахассисони ботаҷрибаи соҳа дар мувофиқа бо Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шавад. Минбаъд тибқи фармоиши сардори Хадамот аз 16 августи соли 2022, №160-ф гурӯҳ оид ба баҳодиҳии хавфҳои коррупсионӣ бо шомил намудани намояндаи Агентӣ дар ҳайати 7 нафар аз нав таъсис ёфта, бо натиҷаи фаъолияти гурӯҳ моҳи декабри соли 2022 ҳисобот таҳия гардида, нақшаи мукаммал барои ду сол иборат аз 12 банд ба тасвиб расонида шудааст.

Чунин раванд дар Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуд, ки аз 13 июли соли 2018 бо мақсади баҳодиҳии хавфҳои коррупсионӣ дар Агентӣ гурӯҳи корӣ таъсис дода шуда, гурӯҳи мазкур хавфҳои коррупсионии бевосита ҷойдошта ва падид омаданашон эҳтимолиро ошкор намуда, аз натиҷаи фаъолият ҳисобот таҳия кардааст. Баъдан, ҷиҳати коҳиш додани хавфҳои ошкоргардида ва бартараф намудани онҳо барои ду сол, яъне солҳои 2019-2020 дар 25 банд нақшаи мукаммал таҳия ва тасдиқ гардидааст. Аммо масъулин ҷиҳати иҷрои чорабиниҳои банақшагирифташуда то давраи азнавбаҳодиҳӣ ягон амалеро ба анҷом нарасонидаанд. Бо натиҷаи азнавтаҳлилкунӣ ва азнавбаҳодиҳӣ бо фармоиши директори Агентӣ аз 25 июли соли 2022, №88-ф\а гурӯҳ оид ба баҳодиҳии хавфҳои коррупсия таъсис дода шуда, гурӯҳи мазкур бо тартиби муайянгардида фаъолиятро оғоз намуда, бо ҷамъбасти он ҳисобот ва нақшаи мукаммал оид коҳиш додани омилҳои коррупсионӣ дар 21 банд таҳия ва тасдиқ карда шудааст.

Азнавтаҳлилкунӣ ва азнавбаҳодиҳӣ дар фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рӯдакӣ нишон дод, ки аз 30 апрели соли 2018 таҳти роҳбарии муовини раиси ноҳия гурӯҳ оид ба баҳодиҳӣ таъсис дода шуда, гурӯҳи мазкур бо таҳия ва ба тасвиб расонидани ҳисобот ва нақшаи мукаммал ҷиҳати коҳиш додани хавфҳои ошкоргардида ва бартараф намудани онҳо барои солҳои

2019-2020 дар 8 банд фаъолияти худро ба анҷом расонида, таъмини иҷрои бандҳои нақшаи мазкурро роҳандозӣ накардааст.

Тибқи талаботи банди 2 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2016, №465 “Дар бораи тасдиқи Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ)” вазоратҳо, ташкилотҳо, мақомоти иҷроияи маҳалли ҳокимияти давлатӣ, дигар мақомоти идоракунии давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот вазифадоранд баҳри дар амал татбиқ намудани Методологияи мазкур чораҳои зарурӣ андешида, аз натиҷаи корҳои анҷомдода бо ҷамъбасти сол ба Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ахборот ирсол намоянд.

Дар доираи ин талабот Агентӣ ҳамасола унвонии ташкилоту мақомоти давлатӣ мактуби хотиррасонӣ вобаста ба пешниҳоди ахборот оид ба иҷрои Методологияи мазкур ирсол менамояд. Дар давраи ҳисоботӣ низ чунин мактуб аз 26 октябри соли 2022, №11-3123 унвонии татбиқкунандагони Методология манзур гардида, хоҳиш карда шуда буд, ки вобаста ба таъмини иҷрои қарори мазкур то санаи 20 декабри соли 2022 ба Агентӣ ахборот пешниҳод намоянд.

Новобаста аз ин, бархе аз мақомот ва ташкилотҳои давлатӣ, аз ҷумла Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аксари мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва донишгоҳу донишкадаҳо ба ҳолати 30 январи соли 2023 вобаста ба татбиқи Методологияи мазкур ба Агентӣ маълумот пешниҳод накардаанд.

Ё ин ки, мактубҳои ҷавобии ирсолнамудаи вазоратҳо, ташкилотҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, дигар мақомоти идоракунии давлатӣ мушаххас набуда, дар онҳо вобаста ба татбиқи Методология маълумоти муфассал дарҷ нагардидааст. Чунончӣ новобаста аз сипарӣ гардидани 6 сол аз қабули қарори болозикр Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Корхонаи воҳиди давлатии “Хоҷагии манзилию коммуналӣ”, Корхонаи воҳиди давлатии бонки саноативу содиротии Тоҷикистон “Саноатсодиротбонк”, Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фарҷоми соли 2022 ба ҷои пешниҳоди ахборот аз натиҷаи иҷрои Методология унвонии Агентӣ мактуби дархостӣ барои шомил намудани намояндаи мақомот ба гурӯҳ оид ба баҳодиҳии фаъолияти сохтори худ ирсол намудаанд.

Ҳолати мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки масъулини мақомоти зикргардида то ҳол аз муқаррароти Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2016, №465 “Дар бораи тасдиқи Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ)” бархурдор нестанд ва ё онро дуруст дарк накардаанд.

Бояд қайд кард, ки аз ҳисоби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва муассисаҳои давлатии таълимӣ бошад, дар ин давра танҳо вилояти Хатлон, шаҳрҳои Бохтар, Роғун, Ваҳдат, Ҳисор, ноҳияҳои Варзоб, Шаҳринав, Рӯдакӣ, Нуробод, Файзобод, Рашт, Лахш, Тоҷикобод, Нуробод, Шоҳмансур ва Фирдавсӣ, инчунин Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур, филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологӣ “МИСиС” дар шаҳри Душанбе, Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон, Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов ва Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ахбороти худро ба Агентӣ манзур намудаанд.

Рафти иҷрои “Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ)” аз ҷониби вазорату ташкилотҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, дигар мақомоти идоракунии давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ба тариқи зайл мебошад.

Чунончӣ, тибқи маълумоти пешниҳоднамудаи Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вазорат бо фармоиш аз 31 октябри соли 2022, №43 гурӯҳ оид ба баҳодиҳии хавфҳои коррупсионӣ таъсис дода шудааст, вале оид ба натиҷаҳои фаъолияти ин гурӯҳ ягон маълумот пешниҳод нагардидааст.

Ба ҳамин монанд аз маълумотномаи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки бо фармоиши директори Агентӣ аз 27 июли соли 2018, №144 гурӯҳ оид ба баҳодиҳии хавфҳои коррупсионӣ таъсис дода шудааст, вале натиҷаҳои фаъолияти ин гурӯҳ ҳам номушаххас боқӣ мондааст.

Дар Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фармоиш аз 23 августи соли 2021, №67 гурӯҳ оид ба баҳодиҳии хавфҳои коррупсионӣ таъсис дода шуда, гурӯҳ дар давраи таҳлили шароити пешакӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавиро мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода, вобаста ба саҳеҳияти маълумотҳои ҷамъоварда пурсиши кормандонро гузаронида, робитаи ташкилотро бо ҷомеаи шаҳрвандӣ мавриди таҳлил қарор дода, ҷиҳати аз байн бурдан ва коҳиш додани хавфҳои ошкоргардида аз 01 декабри соли 2021 нақшаи мукаммал барои солҳои 2022-2023 дар доираи 7 банд таҳия ва тасдиқ кардааст. Аммо оид ба иҷрои бандҳои он маълумот пешниҳод карда нашудааст.

Масъулини Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи фармоиши директори Агентӣ аз 17 июни соли 2022, №399 гурӯҳро оид ба баҳодиҳии хавфҳои коррупсионӣ таъсис дода, дар 7 банд нақшаи чорабиниҳоро оид ба фаъолияти гурӯҳ дар соли 2022 таҳия ва тасдиқ намудаанд. Вале вобаста ба таъмини иҷрои бандҳои нақшаи мазкур маълумот манзур нагардидааст.

Дар Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фармоиш аз 26 октябри соли 2022, №11-3123 гурӯҳ оид ба баҳодиҳии хавфҳои коррупсионӣ таъсис дода шудааст. Тибқи ахбороти Агентӣ гурӯҳи мазкур бо натиҷаи фаъолияти худ 19 декабри соли 2022 дар ҳаҷми 43 саҳифа ҳисобот таҳия намудааст, ки дар асл мавзӯи ҳисобот ба фаъолияти рӯзмарраи ин мақомот (вобаста ба иҷрои барномаҳои давлатӣ, сметаи хароҷотии Агентӣ, инчунин оид ба

шикори ҳайвонот ва ба китоби сурх ворид намудани ҳайвоноти нодир ва ғайра) дахл дошта, ба масоили татбиқи Методология мансубият надорад. Аз маълумотномаи пешниҳодгардида бармеояд, ки новобаста аз баромаду вохӯриҳои баргузорнамудаи намояндагони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулини Агентии болозикр то ҳол мазмуну муҳтаво ва усулҳои татбиқи Методологияро ба таври зарурӣ дарк накардаанд.

Ахбороти манзурнамудаи Агентии авиатсияи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) аз 1,5 саҳифа иборат буда, дар он танҳо дарҷ гардидааст, ки бо фармоиш аз 31 марти соли 2022, №86 дар Агентӣ гурӯҳ оид ба баҳодиҳии хавфҳои коррупсионӣ таъсис дода шуда, дар як вақт нақшаи чорабиниҳо барои фаъолияти гурӯҳ дар соли 2022 дар 9 банд таҳия ва тасдиқ карда шудааст.

Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ додааст, ки гурӯҳро оид ба баҳодиҳии хавфҳои коррупсионӣ таъсис додааст. Вале оиди кай таъсис ёфтани ин гурӯҳ ва оид ба натиҷаи фаъолияти он ягон маълумот пешниҳод накардааст. Дигар маълумоти манзургардида низ аз мавзӯи Методология берун буда, доир ба риояи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" мебошад.

Масъулини Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бошанд, дар ҷавоби ирсолнамуда талаботҳои Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030-ро бо муқаррароти Методология омехта кардаанд, ки аз он дарёфти маълумоти зарурӣ имконнопазир аст.

Дар маълумотномаи Агентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд гардидааст, ки гурӯҳ оид ба баҳодиҳии хавфҳои коррупсия соли 2019 ҳисобот таҳия намуда, нақшаи мукаммалро ба тасвиб расонидааст. Аммо мушаххасот оиди чӣ тавр натиҷагирӣ карда шудани ин нақша мавҷуд нест ва боз иловатан барои солҳои 2023-2024 чунин нақша таҳия ва тасдиқ карда шудааст.

Тибқи маълумотномаҳои ба Агентӣ пешниҳодгардида дар Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фармоиш аз 27 декабри соли 2021, №106 ва дар Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фармоиш аз 08 апрели соли 2021, №1/7 гурӯҳҳо оид ба баҳодиҳии хавфҳои коррупсионӣ таъсис дода шуда, гурӯҳҳои мазкур тӯли як сол фаъолият карда, танҳо дар фарҷоми соли 2022 оид ба натиҷаҳои фаъолияти худ ҳисобот таҳия намудаанд. Ҳол он ки ин ҳисоботҳои пешниҳоднамуда ба талабот ҷавобгӯ набуда, дар заминаи онҳо нақшаҳои мукаммал низ қабул нагардидааст.

Дар ахбороти Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба татбиқи пурраи Методология ва таъсис додани гурӯҳ оид ба баҳодиҳии хавфҳои коррупсионӣ ягон маълумоти мушаххас дарҷ нагардидааст. Дар маълумотномаи мазкур танҳо доир ба санҷиши молиявии Кумита аз ҷониби Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкил ва баргузории машғулиятҳои касбӣ ва дигар масъалаҳои ба Методология умуман дахл надошта оварда шудааст.

Дар Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фармоиши №163 аз 14 июли соли 2017 дар ҳайати 7 нафар гурӯҳ

оид ба баҳодиҳии хавфҳои коррупсионӣ таъсис дода шудааст. Аз ҷониби масъулини Кумита оид ба гузаронидани ду давраи таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) аз ҷумла таҳлили шароити пешакӣ ва таҳлили хавфҳои бевосита ҷойдошта маълумоти муфассал ба Агентӣ пешниҳод гардидааст. Вале дар маълумотнома вобаста ба таҳлили давраи сеюм-баҳодиҳӣ ва таҳияи тавсияномаҳо ҷиҳати бартараф намудани омилҳои номатлуб ва таҳияи нақшаи мукаммал ягон маълумот дарҷ нашудааст.

Тибқи маълумоти пешниҳодгардида дар Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фармоиш аз 06 апрели соли 2021, №35 гурӯҳ оид ба баҳодиҳии хавфҳои коррупсионӣ таъсис дода шуда, нақшаи чорабиниҳо барои соли 2022 иборат аз 12 банд таҳия ва тасдиқ гардидааст. Аммо вобаста ба натиҷаҳои фаъолияти гурӯҳ ва иҷрои бандҳои нақшаи мазкур ягон маълумоти мушахас пешниҳод карда нашудааст.

Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намудааст, ки бо фармоиши №87 аз 09 июли соли 2018 гурӯҳ оид ба баҳодиҳии хавфҳои коррупсия таъсис дода шуда, минбаъд гурӯҳ яккатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавиро мавриди таҳлилу омӯзиш қарор додааст. Вале оид ба хавфҳои дар раванди таҳлил ошкоргардида ва таҳияи нақшаи мукаммал ягон маълумоти мушахас пешниҳод накардааст.

Дар Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 октябри соли 2021 гурӯҳ оид ба баҳодиҳӣ таъсис дода шуда, ҳисобот таҳия гардидааст. Аммо доир ба қабули нақшаи мукаммал маълумот манзур карда нашудааст.

Дар маълумотномаи пешниҳоднамудаи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба таҳияи нақша чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 декабри соли 2021 зикр гардидаанд, рафти корҳои фаҳмондадиҳӣ миёни аҳолӣ ва баъзе масъалаҳои ба Методология умуман рабтнадошта дарҷ карда шудааст.

Ба ҳамин монанд дар ахбороти Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ягон маълумоти мушахас вобаста ба татбиқи Методологияи мазкур қайд нагардидааст.

Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, маълумот пешниҳод кардааст, ки аз 15 декабри соли 2020 то инҷониб гурӯҳ оид ба баҳодиҳии хавфҳои коррупсионӣ фаъолият дошта, ҷиҳати коҳиш додани хавфҳои коррупсионӣ нақшаи мукаммал барои солҳои 2021-2022 таҳия ва тасдиқ намудааст. Вале дар маълумотнома ҷиҳати иҷрои нақшаи мазкур иттилои зарурӣ мавҷуд нест.

Тибқи маълумотҳои пешниҳодгардида Саридораи ҳифзи сирри давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон “Амонатбонк,” Ширкати саҳомии холдингии кушодаи “Барқи-Тоҷик танҳо вобаста ба таъсис додани гурӯҳҳо оид ба баҳодиҳии хавфҳои коррупсия маълумот додаанд. Аммо доир ба натиҷаҳои фаъолияти ин гурӯҳҳо ягон маълумоти мушаххас пешниҳод нагардидааст.

Аз маълумотҳои пешниҳодгардида бармеояд, ки вазоратҳои адлия, рушди иқтисод ва савдо, мудофиа ва кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи бехатарии озуқаворҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамбастагӣ бо Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳодиҳии фаъолият ва азнавтаҳлилкунию азнавбаҳодиҳии хавфҳои

коррупсиониро гузаронида, бо натиҷаи ҷамъбасти онҳо барои солҳои 2021-2022 нақшаҳои мукаммалро таҳия ва тасдиқ намуда, вобаста ба таъмини иҷрои бандҳои нақшаи мазкур ба Агентӣ қисман маълумотҳоро манзур намудаанд.

Таҳлилҳои болозикр собит сохт, то ҳол талаботи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2016, №465 “Дар бораи тасдиқи Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ)” ба таври зарурӣ иҷро намегардад.

Қайд кардан бамаврид аст, мутобиқи моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» субъектҳое, ки дар муқовимат ба коррупсия иштирок менамоянд, дар доираи ваколати худ мунтазам тарғибу ташвиқи зиддикоррупсиониро мегузаронанд, иҷрои талаботи стратегия ва барномаҳои давлатии зиддикоррупсиониро таъмин менамоянд, бо мақсади ошкор ва бартараф намудани сабабу шароитҳо ва хавфҳои коррупсионӣ таҳлили фаъолиятро анҷом медиҳанд.

Бояд тазаккур дод, ки кормандони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам корҳои фаҳмондадиҳиро оид ба шарҳи муқаррароти қонунгузории зиддикоррупсионӣ ва таъмини чорабиниҳои онҳо дар байни табақаҳои гуногуни аҳолӣ, хусусан вазорату идораҳо ва муассисаву ташкилотҳо, инчунин мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ба роҳ мемонанд.

Дар соли 2022 аз ҷониби воҳидҳои муқовимат ба коррупсияи Агентӣ бо мақсади дар байни аҳолӣ ба вуҷуд овардани мафкураи зиддикоррупсионӣ дар вазорату кумитаҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ва дигар ташкилоту муассисаҳо дар маҷмӯъ 1218 (ҳамин давраи соли 2021 - 1033) маротиба мулоқоту вохӯриҳо анҷом дода шуда, 76 (48) семинар, мизи мудаввар, конфронс ва нишасти матбуотӣ ташкил ва роҳандозӣ гардида, кормандон дар чорабиниҳои баргузорнамудаи дигар вазорату идораҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ, аз ҷумла дар 183 (140) мизи муддавар, семинар, конфронс иштирок ва суханронӣ намудаанд.

Дар баробари ин, ҷиҳати баланд бардоштани масъулияти кормандони мақомоти давлатӣ оид ба таъмини иҷрои Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли сипаригардида ду маротиба курсҳои омӯзишӣ доир карда шуд, ки масъулини Агентӣ дар мавзӯъҳои мухталифи самти муқовимат ба коррупсия, алалхусус қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2016, №465 “Дар бораи тасдиқи Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ)” ва усулҳои татбиқи он машғулиятҳои омӯзишӣ гузарониданд.

Новобаста аз ин, таҳлилҳои вазъи иҷрои Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) собит сохт, ки бо сипарӣ гардидани 6 сол аз қабули он то ба имрӯз аз ҷониби масъулин татбиқи қарори мазкур ба таври зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Аз ин лиҳоз, ба мақсад мувофиқ аст, ки роҳбарони вазоратҳо, ташкилотҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, дигар мақомоти идоракунии давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот бевосита дар гузаронидани баҳодиҳии фаъолияти мақомоти худ саҳмгузор буда, мунтазам ҷиҳати ошкор ва бартараф кардани хавфҳои

коррупсионии мавҷудбуда чораандешӣ карда, ба ин васила шиддати коррупсияро дар соҳа паст намоянд. Чунки воқеан таъмин гардидани иҷрои Методологияи мазкур аз ҷониби мақомоти давлатӣ дар муайян намудан ва аз байн бурдани зуҳури ягон амал ё имконияти гирифтани бартариятҳои гуногун, инчунин падидаҳои коррупсионӣ аҳамияти хоса дошта, баҳри дар амал татбиқ гардидани сиёсати зиддикоррупсионии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мусоид хоҳад гузошт.

Фасли 8 нақшаи стратегия мукаммалгардонии қонунгузории миллӣ ба талаботи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва тақвияти ҳамкориҳои байналмилалӣ дар раванди пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия маҳсуб ёфта, бандҳои 67 ва 68-ро дарбар гирифтааст.

Чунончи, масъалаи “Чораҷӯӣ кардан ҷиҳати таъмини иҷрои тавсияҳои нави Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ ва Рушд (СҲИР) барои Тоҷикистон дар доираи Нақшаи Истамбулии амалҳои Шабакаи мубориза бо коррупсия барои кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ” аз банди 67 нақшаи стратегия бармеояд.

Ҳайати расмии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзҳои 16-17 ноябри соли 2022 дар шаҳри Парижи Ҷумҳурии Франсия дар мулоқоти сатҳи баланд ва 27-умин нишасти Гурӯҳи роҳбарикунандаи Шабакаи зиддикоррупсионии Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ ва Рушд иштирок намуданд, ки дар он Барномаи кории Шабака барои солҳои 2023-2026 ва методикаи баҳогузории даври 5-уми мониторинг дар доираи Нақшаи Истамбулии амалҳо оид ба мубориза бо коррупсия тасдиқ карда шуд.

Тибқи нақшаҳои батасвибрасида даври 5-уми мониторинги тавсияҳои ин Созмон дар доираи Нақшаи Истамбулии амалҳо оид ба мубориза бо коррупсияи Шабакаи зиддикоррупсионӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2024 оғоз гардида, тибқи дастури гурӯҳи мониторингӣ зарур аст, ки масъулини мақомоти марбута вобаста ба тартиби таҳияи ҳисоботи давлатӣ ба омӯзиш фаро гирифта шаванд.

Ҳамчунин дар банди 68 нақшаи стратегия масъалаи “Мутобиқнамоии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба меъёрҳои Конвенсияи СММ зидди коррупсия” пешбинӣ гардида, иҷрокунандаи асосии банди мазкур Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Тибқи маълумотҳои пешниҳоднамуда Вазорат роҷеъ ба иҷрои масъалаи мазкур ва баҳри такмили қонунгузории миллӣ дар самти муқовимат ба коррупсия дар ҳамкорӣ бо мақомотҳои марбутаи кишвар омодагии хешро ҷиҳати мусоидат дар ҳамоҳангсозӣ ва ё пешниҳоди лоиҳаи санадҳои дахлдор ба кишварҳои хориҷӣ ва баръакс изҳор намудааст.

Дар ин ҷода Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи нақшаи корӣ барои нимсолаи якуми соли 2023 гузаронидани мониторинги татбиқи Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешбинӣ намудааст, ки бо натиҷаи он дар ҳамбастагӣ бо вазорату идораҳои дахлдор чораандешӣ карда мешавад.

Дар фасли 9 нақшаи стратегия, бо ба инобат гирифтани мониторинг ва баҳодиҳии “Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Нақшаи чорабиниҳои амалисозии

Стратегияи мазкур барои марҳилаи якум (солҳои 2021-2025)” дар 2 банд (69-70) чорабиниҳо пешбинӣ гардидааст.

Банди 69 нақшаи стратегия “Бо мақсади муқаррар намудани сатҳи коррупсия дар ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ на камтар аз як маротиба баргузор намудани тадқиқоти сотсиологии умумӣ оид ба коррупсия ва тибқи таҳлилҳои асоснок ҳар сол тариқи интихобӣ гузаронидани тадқиқоти сотсиологии соҳавӣ дар ҳамкорӣ бо дигар мақомоти давлатӣ, намояндагони ташкилотҳои байналмилалию ҷамъиятӣ ва истифодаи натиҷаи тадқиқот ҷиҳати муқаррар намудани сиёсати зиддикоррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”-ро дарбар гирифтааст.

Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамбастагӣ бо Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқаррар намудани сатҳи коррупсия дар соҳаҳои маориф ва тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон тадқиқоти сотсиологии соҳавиро баргузор намуд.

Тадқиқоти сотсиологӣ интихобан дар 15 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла Душанбе, Хуҷанд, Б.Ғафуров, Конибодом, Исфара, Панҷакент, Бохтар, Кӯлоб, Ёвон, Панҷ, Қубодиён, Ваҳдат, Рашт, Турсунзода ва Рудакӣ гузаронида шуда, зимни тадқиқот 2000 нафар (хонандагон, донишҷӯён, волидайни онҳо, беморон ва кормандони соҳаҳои маорифу тандурустӣ) мавриди назарсанҷӣ қарор гирифтанд.

Дар баробари пурсишномаҳои пешниҳодгардида мутахассисони Маркази тадқиқоти стратегӣ бо масъулини соҳаҳои зикргардида суҳбатҳои инфиродӣ низ анҷом доданд, ки мусоҳибон мавҷудияти ҳолатҳои коррупсиониро инкор накарда, шарҳ доданд, ки бо дастури сохторҳои болоӣ (Вазорат ва зерсохторҳои он: Хадамот, Агентӣ, сарраёсат, раёсат, муассиса ва ғ.) ҷиҳати баргузории чорабиниҳо, қабули меҳмонон, ҳалли дигар мушкилоти дохилии муассисаҳои таълимӣ ва тиббӣ, инчунин ҳангоми гузаронидани санҷишҳои мақомоти назоратӣ ва ҳифзи ҳуқуқ ҳатман аз кормандон маблағи муайян ҷамъоварӣ карда мешавад.

Натиҷаи таҳлили пурсишномаҳо нишон дод, ки аз ҷониби масъулини соҳаҳои зикргардида ҳолатҳои гирифтани маблағ ё туҳфа зимни додани шаҳодатномаи хатм ё диплом, дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии олӣ, миёна ва томактабӣ, қабул кардан ба кор дар муассисаҳои тиббию таълимӣ, таъмири синфхонаҳо, хариди мизу курсӣ ва китобҳои дарсӣ, инчунин дар мавриди додани маълумотномаҳои тиббӣ, нигоҳубини бемор, додани дорухат, гузаштан аз курсҳои такмили ихтисос ва дигар хизматрасониҳои тиббӣ чунин ҳолатҳо ба чашм мерасанд.

Дар раванди пурсиш 11,4% кормандони соҳаи маориф ва 8,0% кормандони соҳаи тандурустӣ дар муқоиса ба дигар мақомоти давлатӣ сатҳи коррупсияро дар соҳаҳои худ баланд арзёбӣ намуданд.

Ҳамин тариқ, тадқиқоти сотсиологӣ аз вазъи воқеии мавҷудияти коррупсия ва тамоюли болоравии он дар соҳаҳои зикргардида далолат намуда, андешидани чораҳои заруриро ҷиҳати коҳиш додани сатҳи коррупсия дар соҳаҳои маорифу тандурустӣ тақозо менамояд.

Самтҳои асосӣ ва натиҷаи тадқиқот

Бо мақсади инъикоси вазъи воқеӣ дар кори таҳқиқотӣ тамоми шаклҳои муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ фаро гирифта шуданд. Аз ҷумла:

- муассисаҳои таълимии томактабӣ – 15;
- муассисаҳои таҳсилоти умумӣ – 78;

- муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ – 30;
- муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ – 14.

Пурсиш дар муассисаҳои таълимӣ бо теъдоди зерин амалӣ карда шуд:

- муассисаҳои томактабӣ – 30 нафар волидон ва 30 нафар мураббиён;
- муассисаҳои таҳсилоти умумӣ – 229 нафар волидон, 159 нафар омӯзгорон, 234 нафар хонандагон;
- муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ – 60 нафар волидон, 60 нафар омӯзгорон ва 121 нафар донишҷӯён;
- муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ – 28 нафар волидон, 42 нафар омӯзгорон ва 211 нафар донишҷӯён.

Самти дигари таҳқиқот ба омӯзиш ва муайян намудани сатҳи коррупсия дар муассисаҳои соҳаи тандурустии ҷумҳурӣ равона гардидааст.

Зимни тадқиқот дар 80 муассисаҳои тандурустӣ барои пурсиш кормандони соҳаи тиб ва ҳам беморон ҷалб карда шуданд, ки теъдоди умумии онҳо 800 нафарро ташкил дода, аз ин 400 нафар кормандони соҳаи тиб ва 400 нафари дигар беморон мебошанд.

## Соҳаи маориф:

Мушоҳидаҳо ва таҳлилҳо собит месозанд, ки мавҷудияти амалҳои коррупсионӣ дар самтҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоию иқтисодии мамлакат боиси нигаронии аҳли ҷомеа гашта, назари манфии мардум ба ин падидаи номатлуб рӯз аз рӯз меафзояд. Воқеан, коррупсия зуҳуротест, ки дар тамоми кишварҳои олам барои пешгирӣ ва решакан намудани он тадбирҳои зарурӣ андешида мешавад, зеро ки мавҷудияти он метавонад ба рушди ҷомеа, қабл аз ҳама ба ҳаёти маънавии мардум зарари ҷубронnопазир ворид намояд. Бояд таъкид намуд, ки мубориза бар зидди коррупсия раванди мураккаб ва заҳматталаб буда, дар ин амал на танҳо мақомоти дахлдори давлатӣ, балки тамоми қишрҳои ҷомеа бояд фаъол бошанд. Бинобар ин, таҳқиқ ва таҳлили зуҳуроти мазкур аз ҷониби мутахассисону коршиносон дар шароити муосир ба зарурати воқеӣ табдил ёфта, ҷиҳати пешгирии он бояд тадбирҳои зарурӣ амалӣ карда шаванд.

Тавре ки маълум аст, доир ба мавҷудияти коррупсия дар соҳаи маориф, ки тамоми қишрҳои ҷомеа бо он ҳамарӯза сару кор доранд назарҳои гуногун вуҷуд доранд. Тибқи маълумотҳое, ки тавассути васоити ахбори омма дастрас карда мешаванд, соҳаи маориф низ аз самтҳое маҳсуб мешавад, ки гӯё коррупсия дар он хеле густариш ёфта, боиси нигаронии мардум гардидааст.

Барои муайян намудани сатҳи коррупсия дар соҳаи маориф тадқиқоти сотсиологӣ бо фарогирии 1200 нафар аз тамои қишрҳои соҳаи мазкур баргузор гардида, таносуби иштирокчиёни пурсишро 39,2% мард ва 60,8% занҳо ташкил намудаанд.

Зимни пурсиш саволи аввал ба он нигаронида шуд, ки иштирокчиёни он то чӣ андоза ба мафҳуми “коррупсия” сарфаҳм меравaнд ва онро чи гуна шарҳ медиҳанд. Бинобар ин, пурсиш ба саволи “Шумо коррупсия гуфта чиро мефаҳмед?” чунин натиҷагирӣ дод:

| Шумо коррупсия гуфта чиро мефаҳмед? | Омӯзгорон | Волидон | Донишҷӯён | Талабагон | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| Порахурӣ | 50,8 | 47,5 | 54,8 | 47,6 | 50,2 |
| Тамаъҷӯӣ | 9,1 | 9,2 | 7,7 | 11,7 | 9,3 |
| Китобфурӯшӣ | 1,7 | 5,2 | 2,3 | 2,4 | 3,0 |
| Сӯиистифода аз вазифа | 19,9 | 18,0 | 19,0 | 22,8 | 19,7 |
| Хешутаборӣ | 3,3 | 4,7 | 5,1 | 3,8 | 4,3 |
| Пуштибонӣ | 13,0 | 13,1 | 9,8 | 8,3 | 11,2 |
| Дигар | 2,2 | 2,3 | 1,3 | 3,4 | 2,2 |
| Ҳамагӣ | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |

Тавре ки аз ҷавобҳо бармеояд, теъдоди зиёди мусоҳибон – 50,2% зери мафҳуми коррупсия “порахӯрӣ”-ро дар назар доранд. Теъдоди дигар – 19,7% мафҳуми “коррупсия”-ро зимни ҷавоб “сӯиистифода аз вазифа” интихоб намуданд. Ҳамчунин зери мафҳуми “коррупсия” мутаносибан 9,1-9,2% омӯзгорон ва волидон “тамаъҷӯӣ”-ро дар назар доранд.

Бояд зикр намуд, ки дар фаҳмиши 1,7% омӯзгорон, 5,2% волидон ва 2,3% хонандагону донишҷӯён “китобфурӯшӣ” низ ҳамчун “коррупсия” арзёбӣ шудааст. Аз таҳлили муқоисавии мавқеи мусоҳибон хулосае бармеояд, ки “китобфурӯшӣ” дар муассисаҳои таълимӣ аз ҷониби 5,2% волидон чун падидаи манфӣ арзёбӣ мешавад, ки ин нисбат ба ҷавобҳои хонандагону омӯзгорон (мутаносибан 1,7 ва 2,3%) зиёдтар мебошад. Назари манфии волидон ба китобфурӯшӣ ҳамчун амали коррупсионӣ аз он манша мегирад, ки пардохти маблағи китобҳо, аслан бар уҳдаи волидон мебошад. Барои омӯзгорон бошад, фурӯши китоб дар байни талабагон дар маҷмуъ қобили қабул буда, ҳамагӣ 1,7% он ба коррупсия рабт додаанд. Зуҳуроти мазкур барои донишҷӯён низ чандон боиси нигаронӣ набуда, ҳамагӣ 2,3% фоизи мусоҳибон онро чун амали коррупсионӣ нишон додаанд.

Масъалаи нисбатан муҳим барои таҳқиқи масъала, арзёбии муносибати сохторҳои дигари давлатӣ ва муқоисаи он ба соҳаи маориф мебошад ва ба ин хотир ба мусоҳибон ба саволи зайл муроҷиат карда шуд: “Ба фикри шумо дар кадом сохторҳои давлатӣ бештар ҳолатҳои коррупсионӣ ба назар мерасанд?”

Тавре ки аз ҷавобҳо бармеояд, муносибати мусоҳибон ба сатҳи коррупсия дар сохторҳои давлатии дар анкета зикргардида гуногун аст. Вале ҷолиб он аст, ки 11,4% худи кормандони соҳаи маорифи ҷумҳурӣ ва 14,2% донишҷӯён дар муқоиса ба дигар сохторҳои давлатӣ (масалан, мақомоти андоз ва гумрук) сатҳи коррупсияро дар соҳаи маориф баланд арзёбӣ намудаанд. Ҳол он ки ҷавоб ба ин савол аз ҷониби волидон 9,6%-ро ташкил медиҳад. Ин ҷо чунин хулосае бармеояд, ки вазъи масъала нисбат ба волидон барои худи омӯзгорону хонандагон равшантар буда, ҷавобҳои онҳо ҳолатро воқеитар инъикос менамояд. Дар маҷмӯъ, пурсидашудагон дар қатори дигар сохторҳои давлатӣ  сатҳи коррупсияро дар соҳаи маориф 12% арзёбӣ намуданд.




Ҷавобҳои боло баёнгари он мебошанд, ки мавҷудияти коррупсия дар соҳаи маориф эътироф мешавад. Акнун саволи навбатӣ “Ба фикри Шумо дар кадом сохторҳои соҳаи маориф бештар ҳолатҳои коррупсионӣ ба назар мерасанд?” метавонад ба паҳлуҳои дигари масъалаи мазкур равшанӣ андозад. Инак, ҷавоби умумии мусоҳибон ба саволи боло пешкаш мегардад:

Боғчаҳои кӯдакона – 12,9%

Раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо – 14,3%

Сарраёсати маориф – 7,3%

Литсейҳо – 7,35%

Коллеҷҳо – 10,7%

Донишкадаҳо – 14,9%

Донишгоҳҳо – 17,2%

Дигар – 4,9%

Аз ҷавоб додан худдорӣ намуданд – 10,4%

Ҷавобҳои мусоҳибон собит месозанд, ки амалҳои коррупсионӣ дар соҳаи маориф бештар дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ мушоҳида мешаванд. Ин нишондод дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар умум 42,8%-ро ташкил медиҳад.

Баъд аз муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ сатҳи коррупсия дар боғчаҳои кӯдакона (12,9%) баланд арзёбӣ шудааст.

Воқеият чунин аст, ки талабот ба боғчаи кӯдакона хеле зиёд буда, волидон барои ҷой кардани фарзандонашон дар ин муассисаҳо ба мушкилиҳои зиёд дучор мешаванд. Аз ин рӯ, барои роҳ ёфтани унсурҳои коррупсионӣ дар ин муассисаҳо заминаи мусоид муҳайё мешавад. Волидон маҷбур мешаванд, ки барои ҳалли мушкилоташон ба шартҳои гузоштаи роҳбарои ин муассисаҳо ва кормандони онҳо аз ноилоҷӣ ва баъзан шояд бо майлу хоҳиши худ розӣ шаванд.

Самти дигари ҷавобҳои мусоҳибон ба мавҷудияти коррупсия дар сохторҳои идоракунии соҳаи маориф, раёсату шуъбаҳои он дар шаҳру ноҳияҳо бахшида шудааст. Тибқи натиҷагирӣ сатҳи коррупсия дар ин муассисаҳо мутаносибан 12,6 ва 7,6%-ро ташкил медиҳанд. Тафовути фоизи баланди шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо дар он аст, ки мардум барои ҳалли мушкилоти худ бештар ба шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо муроҷиат менамоянд, на ба сарраёсати маориф.

Қобили қайд аст, ки дар арзёбии ин масъала ҷавоби волидон -12,8%, вале ҷавоби омӯзгорон 16,9%-ро ташкил медиҳад, ки чунин тафовут табиист, зеро ки омӯзгорон ба ин масъала назар ба волидон бештар рӯ ба рӯ гардида, аз вазъият хубтар огаҳӣ доранд.

Масъалаи дигаре, ки зимни таҳқиқот мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифт, муайян намудани таносуби сатҳи коррупсия дар шаҳру деҳот мебошад. Мусоҳибон ба саволи "Ба фикри Шумо сатҳи коррупсия дар куҷо баланд аст?" чунин ҷавоб доданд:

Дар шаҳр – 25,9%

Дар деҳот – 3,85%

Дар ҳама ҷой якхел – 34,9%

Ҳамзамон 35,4% мусоҳибон ба ин савол ҷавоби мувофиқ наёфта, аз ҷавоб худдорӣ намуданд.

Масъали калидии таҳқиқоти мо муайян намудани сатҳи коррупсия дар соҳаи маориф бошад, пас натиҷагирӣ аз саволи "Ба фикри Шумо дар соҳаи маориф сабаби асосии паҳн гардидани ҳолатҳои коррупсионӣ дар чист?" барои равшанӣ андохтан ба масъалаи мазкур хеле муҳим ва зарур маҳсуб мешавад. Тавре, ки аз таҳлили диаграмма бармеояд, назари мусоҳибон ба ин масъала гуногун буда, сабаби рух додани ҳолатҳои коррупсионӣ дар соҳаи маорифро 29,7% бо "Сатҳи пасти музди меҳнат ё шароити зиндагӣ", 18,8% фоиз бо "Кӯшиши ба даст овардани даромади иловагӣ", 17% бо «Бемасъулиятӣ ва бевиҷдонӣ аз тарафи мутахассисони соҳа" ва 7,2% бо "Бемасъулиятӣ ё бетарафӣ аз тарафи аҳолӣ" алоқаманд мешуморанд.




Таҳлили ҷавобҳо дар алоҳидагӣ нишон медиҳад, ки 34,2% волидон ва 31,4% худи омӯзгорон сабаби паҳн шудани коррупсия дар соҳаи маорифро ба "Сатҳи пасти музди меҳнат ё шароити зиндагӣ" ва 14,0% ба "Кӯшиши ба даст овардани даромади иловагӣ" ва 14,1% ба "Бемасъулиятӣ ва бевиҷдонӣ аз тарафи мутахассисони соҳа" рабт медиҳанд.

Саволи навбатӣ "Оё дар муассисаҳои таълимии минтақаи Шумо ҳолатҳои коррупсионӣ ба мушоҳида мерасанд?" идомаи мантиқии саволи дар боло зикршуда маҳсуб шуда, дар он мавҷудияти коррупсия дар соҳаи маориф ва

сабабҳои паҳншавии он ба таври возеҳ тасдиқ ва инъикоси худро ёфтаанд. Аз ин ҷост, ки ба саволи мазкур 30,4% ҷавоби “Ҳа, баъзан”, 11,1% “Ҳа, доим”, 31,3% “Не” ва 27,3% “Намедонам”-ро интихоб намудаанд. Дар маҷмуъ 41,5% мусоҳибон дар шакли гуногун (мунтазам ё баъзан) мавҷудияти коррупсияро дар муассисаҳои таълимии минтақаи худ тасдиқ намудаанд. Ҳамчунин зимни пурсиш 31,3% ҷавоби “Не” ва 27,3% “Намедонам”-ро интихоб намудаанд. Бояд тазаккур дод, ки ҷавобҳои дар охир дарҷёфта, маънои воқеии мавҷуд набудани зуҳуроти коррупсия дар соҳаи маорифро надорад, зеро ки мушоҳида накардани ягон амал маънии мавҷуд набудани онро надошта, балки баръакс мавҷудияти онро зери шубҳа қарор медиҳад.




Тавре ки маълум аст, амалҳои коррупсионӣ ҳамеша иштирокчиёни худро дорад, яъне ҷониби порагир ҳатман бо шахси порадиҳанда (дар кадом шакле, ки набошад) ин амалро иҷро мекунад. Вобаста ба ин, ба мусоҳибон саволи “Оё Шумо барои ҳалли мушкилотатон дар ин самт (маориф) боре шудааст, ки ба ягон нафар маблағ ё тухфа пешниҳод намудед?” пешниҳод шуд, ки аз теъдоди умумии пурсидашудагон 20,9% ҷавоби “Ҳа” ва 79,1% ҷавоби “Не”-ро интихоб намудаанд.

Барои дақиқ намудани масъала ба мусоҳибоне, ки ҷавоби “Ҳа”-ро интихоб намуда, дар ин раванд иштирокашонро тасдиқ намудаанд, саволи дигар гузошта шуд, ки: “Агар Ҳа, пас барои чӣ?”

Бояд зикр кард, ки мусоҳибон сабабҳои пешниҳод намудани маблағ ё тухфаро барои ҳалли мушкилоташон ба масъулони соҳаи маориф шарҳ доданд, ки тибқи ҷавобҳо 26,0% – барои гирифтани шаҳодатномаи хатм, 10,7% – барои ба кор дохилшавӣ дар муассисаҳои таълимӣ, 11,2% – барои гузаштани такмили ихтисос, 26,0% – барои дохилкунии фарзанд ба муассисаҳои таълимӣ ва 26,0%- бо сабабҳои гуногун ин амалро иҷро намудаанд.




Зуҳуроти дигар дар соҳаи маориф, шуруъ аз муассисаҳои томактабӣ то муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олии касбӣ ҷамъоварии маблағ барои таъмири синфхонаҳо, харидани мизу курсӣ ва дигар зарурати муассисаҳо мебошанд, ки он боиси нигаронии аҳли ҷомеа гардидааст. Барои равшанӣ андохтан ба ин масъала дар анкета саволи дахлдор ҷой дода шуд. Аз ҷавоби мусоҳибон ба саволи "Оё муассисаҳои таълимӣ аз Шумо барои таъмир, харидани мизу курсӣ, маводи конселярӣ, китоб ва ғайра маблағ ё кӯмак талаб мекунанд?" чунин хулоса бармеояд, ки ҳамагӣ 11,7% мавҷудияти ҳамешагӣ ва 33,3% қисман вуҷуд доштани ин амалро тасдиқ намудаанд. Аз ҷониби теъдоди бузурги мусоҳибон – 54,5% мавҷудияти ин амал тасдиқи худро дарёфт накард.




Таҳлили ҷавобҳои мусоҳибон ба саволи "Агар Ҳа, пас барои чӣ?", ки дар ҷадвали поён оварда шудааст, нишон медиҳад, ки супоридани маблағҳо дар самти маориф бештар барои кадом корҳо амалӣ карда мешавад. Аз муқоисаи рақамҳо бармеояд, ки дар ин раванд бештари маблағҳо барои таъмири мактаб ё боғча – 26,4% ва барои харидани китоб – 21,3% ҷамъ карда мешаванд. Баъди ин, ҷамъоварии маблағ барои гузаронидани чорабиниҳо – 11,0% меистад, ки воқеан доир ба ин масъалаҳои зикргардида хонандагон ва волидону омӯзгорон бештар изҳори нигаронӣ мекунанд.

| Агар Ҳа, пас барои чӣ? | Омӯзгорон | Волидон | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|

| | | | |
|---|---|---|---|
| Ҳангоми ба муассисаи таълимӣ дохил кардани фарзандам | 9,0 | 10,0 | 9,6 |
| Барои санҷишу имтиҳонҳои фаннӣ | 5,4 | 8,9 | 7,6 |
| Барои таъмири мактаб ё боғча | 22,2 | 28,8 | 26,4 |
| Барои харидани китоб | 24,4 | 19,4 | 21,3 |
| Барои таъмини хӯрок | 7,7 | 4,6 | 5,7 |
| Барои гузаронидани чорабиниҳо | 11,8 | 10,5 | 11,0 |
| Чунки бо роҳи қонунӣ масъала ҳал намешавад | 7,7 | 4,3 | 5,6 |
| Худи масъулин талаб мекунанд | 6,8 | 7,0 | 6,9 |
| Дигар | 3,2 | 5,1 | 4,4 |
| Аз ҷавоб додан худдорӣ намуданд | 1,8 | 1,3 | 1,5 |
| Ҳамагӣ | 100 | 100 | 100 |

Масъалаи дигари мавриди таваҷҷӯҳ ин ҳаҷми маблағ ва тухфаҳое мебошад, ки дар ин самт хароҷот мешаванд. Ба саволи “Маблағ ё туҳфае, ки Шумо барои як маротиба хароҷот мекунед, чанд сомониро ташкил медиҳад?” чунин ҷавобҳо дастрас гардиданд:

- то 50 сомонӣ – 46,0%;
- аз 50 то 100 сомонӣ – 23,3%;
- аз 100 то 200 сомонӣ – 9,7%;
- аз 200 то 500 сомонӣ – 3,1%;
- аз 500 сомонӣ зиёд – 2,3%

Дар маҷмӯъ қисмати асосӣ – 69,3% маблағу тухфаҳои бо ин мақсад хароҷот мешуда, ҳудуди то 100 сомониро ташкил медиҳад.

| Маблағ ё туҳфае, ки Шумо барои як маротиба хароҷот мекунед, чанд сомониро ташкил медиҳад? | Омӯзгорон | Волидон | Донишҷӯён | Талабагон | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| То 50 сомонӣ | 35,0 | 42,8 | 46,7 | 63,7 | 46,0 |
| Аз 50 то 100 сомонӣ | 18,7 | 22,7 | 26,8 | 24,8 | 23,3 |
| Аз 100 то 200 сомонӣ | 9,5 | 10,9 | 11,0 | 6,4 | 9,7 |
| Аз 200 то 500 сомонӣ | 2,0 | 4,9 | 3,3 | 1,3 | 3,1 |
| Аз 500 сомонӣ зиёд | 4,4 | 2,0 | 1,5 | 1,3 | 2,3 |
| Аз ҷавоб додан худдорӣ намуданд | 28,9 | 16,7 | 10,7 | 2,6 | 15,3 |
| Ин ҳолат нест | 1,4 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,3 |
| Ҳамагӣ | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |

Паҳлуи дигари масъала муайян намудани он буд, ки пешниҳоди ин маблағу туҳфаҳо дар асоси ихтиёрӣ сурат мегиранд ё ки аз ноилоҷӣ. Бинобар ин, ба мусоҳибон ба чунин савол муроҷиат карда шуд: “Маблағ ё туҳфае, ки Шумо ба масъулини соҳа пешниҳод намудед, хоҳиши худатон буд ё ба Шумо ишора карда гуфтанд?”

Таҳлили ҷавобҳо нишон медиҳнад, ки 60,0% мусоҳибон маблағ ва тухфаҳоро бо майлу хоҳиши худ пешниҳод менамоянд, яъне ҳамагӣ 17,3% онҳо аз ноилоҷӣ, яъне бо талабу ишораҳо пешниҳод намудаанд.




Албатта, шаҳрвандон ба масъалаи пешниҳоди тухфаҳо ё ҷамъоварии маблағҳо назари гуногун доранд. Зимни суҳбатҳо ва мушоҳидаҳо эҳсос карда мешавад, ки қисмати муайяни шаҳрвандон мавҷудияти чунин зуҳуротро ба таври муқаррарӣ қабул мекунанд. Вале, барои қисми дигари шаҳрвандон чунин ҳодисаҳо қобили қабул буда наметавонанд. Масалан, тибқи натиҷаҳои пурсиш ба саволи "Ба фикри Шумо дигар омӯзгорон, волидон, донишҷӯён ва талабагон ба чунин ҳолат, яъне ҷамъ намудани маблағ ё пешниҳоди тухфа ба масъулини соҳа чӣ хел муносибат доранд?" 40,5% ҷавоби мусбӣ дода, 36,5% назари манфӣ доштанашонро изҳор намудаанд.




Масъалаи дигаре, ки дар фаъолияти соҳаи маориф боиси эрод гирифтани шаҳрвандон мегардад, ҷой доштани унсурҳои коррупсия дар раванди баргузории озмунҳо, олимпиадаю гирифтани ҷоизаҳо ва ғайра мебошад. Вобаста ба ин масъала назари шаҳрвандон мавриди омӯзиш қарор дода шуда, дар анкета саволи зерин ҷой дода шуд: “Оё Шумо ҳолатеро мушоҳида кардед, ки барои иштирок дар озмунҳо, олимпиадаҳо, гирифтани ҷоизаю медалҳо, аттестат ва квотаҳо маблағ талаб мекунанд?”

Бояд зикр намуд, ки 32,8% мусоҳибон ба ин савол ҷавоби тасдиққунанда ва 67,0% боқимонда ҷавоби рад доданд. Албатта, аз ҷониби 32,8% мусоҳибон эътироф гардидани ҷой доштани чунин амалҳои номатлуб зимни баргузории озмунҳою олимпиадаҳо ва гирифтани медалҳою тақсими квотаҳо бояд боиси ташвиши аҳли ҷомеа ва масъулони соҳа бошад. Мушоҳида нагардидани мавҷудияти чунин амалҳо аз ҷониби 67% боқимондаи мусоҳибон кафили вуҷуд надоштани чунин амалҳои номатлуб буда наметавонад. Табиист, ки ашхоси ба чунин масъалаҳо рӯ ба рӯ нагардида наметавонад воқеиятро дарк кунад ва доир ба ҷой доштани чунин беадолатиҳо андешаи дақиқ ва асоснок пешниҳод намояд.



Миёни аҳли ҷомеа доир ба мавҷудияти ҳолатҳои коррупсионӣ дар сохторҳои давлатӣ баҳсу суҳбатҳо ҳамеша вуҷуд доранд. Ба хотири муайян намудани манбаи иттилоот дар ин самт ба мусоҳибон ба саволи “Шумо аз кадом сарчашмаҳо оиди ҳолатҳои коррупсионӣ дар соҳаи маориф ахбор мегиред?” муроҷиат карда шуд. Таҳлили ҷавобҳо собит месозад, ки аксари мусоҳибон – 35,5% тавассути васоити ахбори омма ва 18,6% тавассути дӯстон ва хешу таборон доир ба зуҳуроти коррупсия огаҳӣ пайдо мекунанд. Ҳолати дигар, ки боиси андеша хоҳад буд, ин аз ҷониби 21,4% интихоб шудани ҷавоби “Аз таҷрибаи худам” мебошад. Ин ҷо хулосае бармеояд, ки тақрибан 21,4% бевосита ба ҳолатҳои коррупсионӣ рӯ ба рӯ мешаванд ва аз миқдори умумӣ ин нишондод аз ҳама зиёд дар байни донишҷӯён баланд буда, 31,2%-ро ташкил медиҳад.

| Шумо аз кадом сарчашмаҳо оиди ҳолатҳои коррупсионӣ дар соҳаи маориф ахбор мегиред? | Омӯзгорон | Волидон | Донишҷӯён | Талабагон | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| Аз васоити ахбори омма (телевизион, радио, газета) | 6,3 | 43,7 | 44,3 | 47,1 | 35,5 |
| Аз беморон, дӯстон ва хешу табор | 45,6 | 16,2 | 5,3 | 7,7 | 18,6 |
| Аз шабакаҳои интернетӣ | 15,2 | 23,5 | 9,9 | 10,3 | 15,1 |
| Аз таҷрибаи худам | 22,7 | 9,9 | 31,2 | 22,9 | 21,4 |
| Дигар | 7,0 | 6,3 | 7,5 | 10,3 | 7,6 |
| Аз ҷавоб додан худдорӣ намуданд | 3,3 | 0,0 | 1,0 | 1,7 | 1,4 |
| Пешниҳод накардам | 0,0 | 0,4 | 0,8 | 0,0 | 0,3 |
| | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 |

Қобили қайд аст, ки масъалаи гирифтани пора аз ҷониби масъулони сатҳи гуногун, аз ҷумла дар соҳаи маориф низ масъалаи баҳсталаб буда, сари ин масъала миёни аҳли ҷомеа назарҳо ва мавқеъҳои мухталиф вуҷуд доранд. Вобаста ба ин ба мусоҳибон ба саволи “Ба фикри Шумо, агар ба ҳар нафар дар соҳаи маориф пора пешниҳод гардад, ӯ ба гирифтани он розӣ мешавад?” муроҷиат карда шуд. Натиҷаи ҷавобҳо нишон дод, ки ҳамагӣ 10,9% мусоҳибон омодаи порагирӣ будани масъулони соҳаи маорифро тасдиқ ва 42,1% онро инкор намуда, 47% мавқеи номуайяниро нишон додаанд.




Мушоҳидаҳо собит месозанд, ки доир ба фаҳмиши мафҳуми коррупсия ва дарки воқеии он дар ҷомеа назарҳои мухталиф вуҷуд доранд. Натиҷаи саволҳое, ки дар аввали пурсишнома ё анкета ҷой доштанд нишон дод, ки на ҳамаи мардум

ба дарки мафҳуми коррупсия ва мавҷудияти он дар ҷомеа қодиранд. Зеро ки сатҳи фаҳмиш ва ҷаҳонбинии онҳо барои ворид шудан ба фаҳмиши воқеии ин зуҳуроти иҷтимоӣ басанда нест. Аз ин рӯ, доир ба ин масъала дастрас намудани ҷавоби дақиқ ва воқеӣ мушкил буда, ҷавобҳои мусоҳибонро чун воқеияти нисбӣ пазируфтан мумкин аст. Вобаста ба ин, ба саволи анкета “Ба андешаи Шумо коррупсия ҳолати муқаррарии ҳаёти ҳаррӯзаи мо аст ё ҳолате, ки кам ба назар мерасад?” ҷавобҳои гуногун ҳосил гардид. Аз ҷумла, 44,3% бар он назаранд, ки “Коррупсия ҳолатест, ки кам ба назар мерасад”, 36,1% онро “Ҳолати муқаррарии ҳаёти имрӯзаи мо аст” номиданд ва 6,7% қайд намуданд, ки “Коррупсия қариб, ки вуҷуд надорад”.

| Ба андешаи Шумо коррупсия ҳолати муқаррарии ҳаёти ҳаррӯзаи мо аст ё ҳолате, ки кам ба назар мерасад? | Омӯзго рон | Воли дон | Донишҷ ӯён | Талаба гон | Ҳа магӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| Коррупсия ҳолате, ки кам ба назар мерасад | 42,0 | 37,4 | 45,0 | 56,8 | 44, 3 |
| Ҳолати муқаррарии ҳаёти ҳаррӯзаи мо аст | 31,8 | 46,3 | 36,0 | 27,4 | 36, 1 |
| Коррупсия қариб, ки вуҷуд надорад | 6,5 | 5,7 | 7,9 | 6,8 | 6,7 |
| Дигар | 7,7 | 6,0 | 8,8 | 8,5 | 7,7 |
| Аз ҷавоб додан худдорӣ намуданд | 12,0 | 4,6 | 2,4 | 0,4 | 5,2 |
| Ҳамагӣ | 100 | 100 | 100 | 100 | 10 0 |

Мубориза бо коррупсия дар ҳама гуна ҷомеа аз фаъолнокӣ ва сатҳи донишу фаҳмиши ҳуқуқии шаҳрвандони он вобастагӣ дорад. Бинобар ин, ҳангоми ошкор гардидан ё рух додани ҳолатҳои коррупсионӣ сари вақт муроҷиат намудани шаҳрвандон ба мақомоти дахлдор, бешубҳа василаи муҳими пешгирии амалҳои коррупсионӣ мегардад. Дар саволи навбатӣ “Оё Шумо медонед, ки дар ҳолати ба миён омадани ҳолатҳои коррупсионӣ ба куҷо муроҷиат кунед?” 63,0% ҷавоби мусбӣ доданд. Дар муқобили ин 35,5% мусоҳибон изҳор намуданд, ки дар чунин ҳолат ба куҷо муроҷиат карданашонро намедонанд.




Барои дақиқ намудани он ки шаҳрвандони воқиф (63%) маҳз ба кадом мақомот муроҷиат мекунанд, таҳлили ҷавоб ба саволи навбатӣ – “Агар ҳа, пас ба куҷо муроҷиат кардан зарур аст?” пешкаш мегардад. Натиҷаи ҷавобҳо нишон медиҳад, ки 67,1% мусоҳибон дар ин самт фаҳмиши дуруст ва мақсаднок изҳор намуда, 19,2% дар чунин ҳолат ба мақомоти дигари ҳифзи ҳуқуқ ва 8,7% ба роҳбарони муассисаҳо муроҷиат намуданро интихоб намудаанд.

| Агар Ҳа, пас ба куҷо муроҷиат кардан зарур аст? | Омӯзгорон | Волидон | Донишҷӯён | Талабагон | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| Ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ | 16,3 | 21,7 | 15,3 | 24,9 | 19,2 |
| Ба Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ | 74,4 | 64,8 | 66,9 | 60,7 | 67,1 |
| Ба роҳбари муассисаҳо | 5,2 | 11,0 | 9,8 | 8,5 | 8,7 |
| Дигар | 4,1 | 2,5 | 8,0 | 6,0 | 5,1 |
| Ҳамагӣ | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |

Албатта, барои шаҳрвандон донистани он ки ҳангоми рух додани ҳолатҳои коррупсионӣ ба куҷо муроҷиат кардан лозим, муҳим аст. Вале амалияи онҳо бо донистани масъала то чӣ андоза мувофиқат мекунад, аз таҳлили ҷавоб ба саволи навбатӣ маълум мешавад. Баррасии ҷавоб ба саволи “Оё боре шудааст, ки Шумо оиди ҳолатҳои коррупсионӣ ба ягон мақомот расман муроҷиат карда бошед?” тааҷҷубовар аст. Тибқи ҷавобҳо 94,6% мусоҳибон ҷавоби рад дода, ҳамагӣ 5,1% муроҷиати худро ба мақомот тасдиқ намудаанд.




Барои дақиқ намудани он ки барои чӣ шаҳрвандон доир ба ҷой доштани ҳолатҳои коррупсионӣ ба мақомот расман муроҷиат намекунанд, саволи дигар – "Агар Не, пас барои чӣ?" пеш гузошта шудааст, ки мусоҳибон чунин изҳори ақида намуданд: Аз ҷумла, 11,5% изҳор намуданд, ки ба мақомоти расмӣ бовар надоранд; 3,5 изҳор намуданд, ки аз муроҷиат ба мақомот хаста шудаанд ва 18,2% муроҷиат ба мақомотро бефоида мешуморанд. Дар маҷмуъ 33,2% мусоҳибон муроҷиат ба мақомотро амали бефоида арзёбӣ намудаанд. Инчунин 18,6% дигар изҳор намуданд, ки роҳбарони муассисаҳо аз амалҳои коррупсионии кормандонашон огаҳӣ доранд, вале чора намеандешанд.

| Агар Не, пас барои чӣ? | Омӯзгорон | Волидон | Донишҷӯён | Талабагон | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| Ба мақомоти расмӣ бовар надорам | 9,4 | 14,0 | 13,1 | 8,0 | 11,5 |
| Аз муроҷиат ба мақомотҳои дахлдор хаста шудам | 1,4 | 4,5 | 1,9 | 7,1 | 3,5 |
| Муроҷиат кардан фоида надорад | 16,4 | 18,8 | 18,1 | 19,9 | 18,2 |
| Роҳбарияти муассисаҳо аз амалҳои коррупсионии кормандонашон дарак доранд, вале чора намеандешанд | 18,5 | 14,3 | 25,3 | 15,5 | 18,6 |
| Дигар | 50,0 | 41,7 | 41,6 | 49,6 | 45,2 |
| Аз ҷавоб додан худдорӣ намуданд | 4,2 | 6,8 | 0,0 | 0,0 | 3,0 |
| Ҳамагӣ | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |

Дар саволи навбатӣ фикру андешаи мардум доир ба даст задани аҳолӣ ба амалҳои коррупсионӣ пешкаши мусоҳибон карда шуд. Мусоҳибон ба саволи "Ба фикри Шумо дар се соли охир сатҳи ба ҳолатҳои коррупсионӣ даст задани аҳолӣ чӣ гуна тағйир ёфтааст?" озодона ва аз рӯйи ихтиёр ҷавобҳои худро қайд намуданд. Таҳлили ҷавобҳо нишон медиҳад, ки вобаста ба ин масъала андешаҳои зиёду гуногун ва хилофи якдигар вуҷуд доранд. Вале ин ҷо ҷавобҳои муҳим ба

арзёбии ҳолатҳои коррупсионӣ вобастагӣ доранд. Масалан, аз миқдори умумӣ 20,6% изҳор намуданд, ки гарчанде дар се соли охир ҳолатҳои коррупсионӣ кам шуда бошанд ҳам, мутаносибан 19,0% афзоиш ёфтани чунин ҳолатҳоро қайд намудаанд.

Фикри посухдиҳандагон доир ба саволи – “Ба фикри Шумо барои бартараф намудани ҳолатҳои коррупсионӣ дар соҳаи маориф чӣ кор бояд кард?” мавриди таҳлил қарор дода шуд. Тавре ки аз таҳлили ҷавобҳо бармеояд, мусоҳибон барои ҳалли масъалаи гузошташуда роҳу василаҳои гуногунро пешниҳод менамоянд, ки ҳар кадом дар навбати худ баррасию арзёбии воқеиро тақозо мекунанд. Тавсияҳои онҳо доир ба “Беҳтар намудани шароити зиндагӣ, баланд бардоштани музди меҳнат” – 11,7%, “Мукаммал намудани қонунгузории соҳа” – 9,6%, “Фаҳмиши аҳолиро оиди мубориза бар зидди коррупсия баланд бардоштан” – 15,1% ва ғайра, бешубҳа дар таҳкими муқовимат ба коррупсия мусоидат намуда, амалӣ намудани онҳо кори дастҷамъонаи мақомот ва худи мардум ба ҳисоб меравад.

| Ба фикри Шумо барои бартараф намудани ҳолатҳои коррупсионӣ дар соҳаи маориф чӣ кор бояд кард? | Омӯзгорон | Волидон | Донишҷӯён | Талабагон | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| Беҳтар намудани шароити зиндагӣ, баланд бардоштани музди меҳнат | 13,5 | 25,8 | 0,1 | 0,0 | 11,7 |
| Мукаммал намудани қонунгузории соҳа | 7,6 | 5,7 | 12,3 | 15,6 | 9,6 |
| Фаҳмиши аҳолиро оиди мубориза бар зидди коррупсия баланд бардоштан | 16,4 | 10,0 | 18,1 | 18,4 | 15,1 |
| Ба ҷавобгарӣ кашидани шахсоне, ки ба ин ҳолат даст мезананд | 12,8 | 10,4 | 18,5 | 17,8 | 14,4 |
| Назоратро пурзӯр кардан | 12,8 | 9,1 | 19,1 | 15,8 | 13,7 |
| Коррупсияро аввал дар сатҳи мақомоти болоӣ нест кардан лозим | 10,0 | 7,2 | 9,5 | 8,0 | 8,6 |
| Ҳамкорӣ намудани мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ бо аҳолӣ | 9,1 | 8,5 | 10,0 | 10,9 | 9,5 |
| Иттилоотонии аҳолӣ аз оқибатҳои зараровари коррупсия тариқи васоитаи ахбори омма ва шабакаҳои интернетӣ | 9,6 | 5,8 | 8,1 | 9,8 | 8,0 |
| Дигар | 2,3 | 1,1 | 4,1 | 3,8 | 2,6 |
| Аз ҷавоб додан худдорӣ намуданд | 5,8 | 16,3 | 0,1 | 0,0 | 6,8 |
| Ҳамагӣ | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |

Дар охир саволи ҷамъбастӣ ба мусоҳибон “Оё Шумо суроға, рақами телефони боварӣ ё почтаи электронии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро медонед?” пешкаш гардид. Тавре ки аз ҷавобҳо бармеояд, ҳамагӣ 23,4%и мусоҳибон ба ин пурсиш ҷавоби мусбӣ доданд ва 75,9% мусоҳибон ишора карданд, ки огаҳӣ надоранд.




Таҳлил ва арзёбии ҷавобҳои мусоҳибон, ки дар боло оварда шудаанд, аз вазъи воқеии мавҷудияти коррупсия дар соҳаи маориф шаҳодат медиҳанд. Ҷавобҳо ба саволҳои анкета ва суҳбатҳои инфиродӣ бо кормандону масъулони соҳа собит месозад, ки мардум дар ҳолати номуайянӣ қарор дошта, қисмати муайяни он ба коррупсия ҳамчун зуҳуроти муқаррарӣ ва ба одат табдил ёфта муносибат намуда, баъзеҳо аз он изҳори нигаронӣ мекунанд ва қисмати дигар бошад, мавҷудияти онро ҳатто эҳсос намекунанд. Тавре ки аз гуфтаҳои онҳо бармеояд, барои ҳар як санҷишгару комиссия, ки аз мақомоти болоӣ ба муассиса ворид мешавад, ҳатман маблағи муайяне бояд ҷамъ карда шавад. Маблағ барои чорабиниҳои давлатӣ, “пазироӣ” ва ҳаққи хизмати санҷишгарон аз мақомоти соҳаи маориф, соҳаи тандурустӣ, идораи барқ, сухторхомӯшкунӣ ва хусусан санҷишҳои зиёди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки ба фаъолияти омӯзгорӣ ягон дахл надоранд, болои сари муассисаҳои таълимӣ, омӯзгорон ва волидон қарор мегирад. Бояд зикр намуд, ки ин омилҳое мебошанд, ки қисман ба одат табдил ёфтаанд ва соҳаи маорифро ба фалаҷшавӣ оварда мерасонанд.

Соҳаи тандурустӣ:

Соҳаи тандурустӣ чун соҳаи маориф дар ҳаёти иҷтимоии мардум нақши муҳим дошта, соҳае мебошад, ки шаҳрвандон нисбат ба дигар самтҳои ҳаёт ва фаъолияти худ ба он бештар рӯ ба рӯ мегарданд. Бинобар ин, мушкилоти мавҷудаи соҳаи тандурустӣ, хусусан ҷой доштани унсурҳои коррупсионӣ дар сохторҳои он имкон дорад боиси нигаронии аҳли ҷомеа гардад. Вобаста ба ин, дар назари мардум ва тибқи маводи васоити ахбори омма соҳаи тандурустӣ чун соҳае, ки сатҳи коррупсия зиёд аст, арзёбӣ мешавад.

Бо мақсади муайян намудани сатҳи коррупсия дар соҳаи тандурустӣ дар байни 800 нафар шаҳрвандони минтақаҳои шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ тадқиқоти сотсиологӣ гузаронида шуд. Бо мақсади возеҳу равшан инъикос ёфтани вазъият барои пурсиш аслан табибони беморхонаҳою дармонгоҳҳои давлатӣ ва беморон фаро гирифта шуданд. Бояд зикр намуд, ки аз миқдори умумии мусоҳибон аз байни табибон 46,8%-ро мардон ва 53,3%-ро занҳо, аз ҳисоби беморон бошад, 37,4%-ро мардон ва 62,6%-ро занҳо ташкил медиҳанд.




Синну соли мусоҳибон гуногун буда, 37,2%-ро синни 18 то 34-сола, 44,1%-ро синни 35 то 55-сола ва 18,7%-ро синну соли аз 55-сола боло ташкил медиҳанд.




Барои гузаронидани пурсиш шаҳрвандони дорои дараҷаҳои гуногуни сатҳи таҳсилот ҷалб карда шуданд, ки мутаносибан ашхоси дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ 21%, миёнаи махсус 23%, олии нопурра 9,5% ва дорои таҳсилоти олӣ 46,2%-ро ташкил медиҳанд. Ҳамчунин дар пурсиш аз ҳисоби беморон бо таҳсилоти миёнаи нопурра-30,7%, миёнаи махсус-25,9%, олии нопурра-14,0%, олӣ-29,4% ва аз ҳисоби табибон бо таҳсилоти миёнаи пурра-11,3%, миёнаи махсус-20,8%, олии нопурра-5,0% ва бо таҳсилоти 63% ҷалб карда шудаанд.




Зимни пурсиш барои аниқ намудани дарки масъала бо мусоҳибон оид ба саволи “Шумо коррупсия гуфта чиро мефаҳмед?” муроҷиат карда шуд. Натиҷаи пурсиш нишон дод, ки барои дарки масъала назарҳо гуногунанд. Таҳлили ҷавобҳо нишон медиҳанд, ки 47,9% пурсидашавандагон зери мафҳуми коррупсия “порахӯрӣ”-ро дар назар доранд, ки он мутаносибан дар ҷавобҳои беморон ва табибон 51,5 ва 44,3%-ро ташкил медиҳад. Қисмати дигари нисбатан зиёди

мусоҳибон 18,3% мафҳуми “тамаъҷӯйӣ”-ро мефаҳманд. Рақамҳо нишон медиҳанд, ки чунин фаҳмиш миёни беморон ва табибон тафовути зиёд дошта, ҳамагӣ 12,3% беморон зери мафҳуми “коррупсия” ҷавоби “тамаҷъӯӣ”-ро интихоб намуданд. Вале аз ҳисоби табибон бошад, чунин ҷавоб 24,1%-ро ташкил медиҳад. Бояд гуфт, ки ҷавоби “Сӯиистифода аз вазифа” низ таваҷҷӯҳи бештари мусоҳибонро ҷалб намуда, дар маҷмуъ 14,2% (беморон-13,6% ва табибон-14,7%) коррупсия гуфта, ҳамин мафҳумро дар назар доранд.

| Шумо коррупсия гуфта чиро мефаҳмед? | Беморон | Табибон | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|
| Порахурӣ | 51,5 | 44,3 | 47,9 |
| Тамаъҷӯӣ | 12,3 | 24,1 | 18,3 |
| Сӯиистифода аз вазифа | 13,6 | 14,7 | 14,2 |
| Хушутаборӣ | 6,7 | 6,2 | 6,4 |
| Пуштибонӣ | 10,4 | 7,5 | 8,9 |
| Дигар | 3,9 | 3,2 | 3,5 |
| Намедонам | 1,5 | 0,0 | 0,8 |
| Ҳамагӣ | 100 | 100 | 100 |

Саволи навбатӣ идомаи мантиқии саволи аввала буда, таваҷҷуҳи мусоҳибонро ба эътирофи мавҷудияти сатҳи коррупсия дар сохторҳои гуногуни давлатӣ дар шакли муқоиса ҷалб менамояд. Арзёбии ин масъала аз ҷониби мусоҳибон нисбат ба сохторҳои давлатӣ мухталиф аст, вале ин ҷо муҳим муайян намудани мавқеи онҳо доир ба мавҷудияти коррупсия дар соҳаи тандурустӣ мебошад, ки тибқи ҷавобҳои худи табибон 8,0% ва аз назари беморон 13,1%, дар маҷмӯъ 10,6%-ро ташкил медиҳад. Ҳол он ки сатҳи коррупсия дар соҳаҳои барои мардум нисбатан “сердаромад” – мақомоти андоз ва гумрук мутаносибан 11,4 ва 7,7% нишон дода шудааст, ки чунин арзёбӣ далели мавҷудият ва эътирофи ҷой доштани унсурҳои коррупсионӣ дар муассисаҳои соҳаи тандурустӣ мебошад.

| Ба фикри Шумо дар кадом сохторҳои давлатӣ бештар ҳолатҳои коррупсионӣ ба назар мерасанд? | Беморон | Табибон | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|
| Мақомоти судӣ | 14,1 | 14,9 | 14,5 |
| Прокуратура | 16,8 | 16,7 | 16,8 |
| Мақомоти корҳои дохилӣ | 17,7 | 18,4 | 18,1 |
| Мақомоти андоз | 10,6 | 12,3 | 11,4 |
| Мақомоти гумрук | 6,8 | 8,6 | 7,7 |
| Соҳаи маориф | 11,0 | 7,8 | 9,5 |
| Соҳаи тандурустӣ | 13,1 | 8,0 | 10,6 |
| Мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ (ҷамоат ва ғайра) | 5,3 | 5,4 | 5,3 |
| Дигар | 4,5 | 5,2 | 4,8 |
| Аз ҷавоб додан худдорӣ намуданд | 0,0 | 1,1 | 0,5 |
| Дар ҳама соҳаҳо | 0,0 | 1,7 | 0,8 |
| Ҳамагӣ | 100 | 100 | 100 |

Аз ҷавобҳои табибону беморон бармеояд, ки сатҳи коррупсия дар соҳаи тандурустӣ дар муқоиса ба дигар сохторҳои давлатӣ дар сатҳи баланд ҷой дорад.

Албатта, мавҷудияти коррупсия дар сохторҳои худи соҳаи тандурустӣ низ як хел набуда, аз ҷавобҳо бармеояд, ки дар мавридҳои гуногун муносибатҳо низ аз якдигар фарқ доранд. Аз ин рӯ, ба мусоҳибон ба саволи “Ба фикри Шумо дар кадом сохторҳои соҳаи тандурустӣ бештар ҳолатҳои коррупсионӣ ба назар мерасанд?” муроҷиат карда шуд. Тибқи ҷавобҳои беморон сатҳи коррупсия дар муассисаҳои тандурустӣ, аз ҷумла бунгоҳҳои тиббӣ 8,0%, марказҳои саломатӣ 17,1%, беморхонаҳои шаҳрӣ ва ноҳиявӣ 28,0%, беморхонаҳои вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ 23,7% ва раёсатҳои тандурустӣ 11,8%-ро ташкил медиҳанд.

Бояд зикр намуд, ки айнан доир ба чунин савол ба кормандони соҳаи тиб низ муроҷиат карда шуда, тавре ки аз ҷавобҳо бармеояд, аз нигоҳи кормандони соҳаи тиб дар соҳа сатҳи аз ҳама баланди коррупсия дар таваллудхонаҳо 17,3%, баъд аз он дар Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ 14,5% ва дар Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ 13,3%-ро ташкил медиҳад. Ҳамчунин, кормандони соҳаи тиб сатҳи коррупсияро дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии тобеи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ намуданд, ки ин нишондод дар Донишгоҳҳои давлатии тиббии Тоҷикистон 11,0% ва дар коллеҷҳои тиббӣ – 10,2%-ро ташкил медиҳад.

| Ба фикри Шумо дар кадом сохторҳои соҳаи тандурустӣ бештар ҳолатҳои коррупсионӣ ба назар мерасанд? | Беморон | Табибон | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|
| Бунгоҳҳои тиббӣ | 8,0 | 0,0 | 3,6 |
| Марказҳои саломатӣ | 17,1 | 0,0 | 7,8 |
| Беморхонаҳои ноҳиявӣ, шаҳрӣ | 28,0 | 0,0 | 12,7 |
| Беморхонаҳои вилоятӣё чумхуриявӣ | 23,7 | 0,0 | 10,8 |
| Раёсатҳои тандурустӣ | 11,8 | 0,0 | 5,4 |
| Дигар | 9,8 | 4,8 | 7,1 |
| аз чавоб додан худдорӣ намуданд | 1,6 | 1,1 | 1,3 |
| Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ (дастгоҳи марказӣ) | 0,0 | 5,1 | 2,8 |
| Хадамоти назорати давлатию санитарии эпидемиологӣ | 0,0 | 14,5 | 7,9 |
| Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | 0,0 | 13,3 | 7,2 |
| Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | 0,0 | 1,9 | 1,0 |
| Раёсати тандурустии вилоят, шаҳру ноҳияҳо | 0,0 | 4,4 | 2,4 |
| Маркази тиббии ҷумҳуриявӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ | 0,0 | 3,6 | 2,0 |
| Таваллудхонаҳо | 0,0 | 17,3 | 9,5 |
| Донишгоҳи тиббӣ | 0,0 | 11,0 | 6,0 |
| Коллеҷи тиббӣ | 0,0 | 10,2 | 5,5 |
| Дар ҳама соҳаҳо | 0,0 | 0,2 | 0,1 |
| Ҳамагӣ | 100 | 100 | 100 |

Аз ҷавобҳои дар боло зикргардида доир ба мавҷудият ва сатҳи коррупсия дар муассисаҳои соҳаи тандурустӣ маълумоти муайян ҳосил шуд. Барои муайян

намудани сатҳи муқоисавии коррупсия дар муассисаҳои тандурустии шаҳру деҳот ба мусоҳибон саволи зайл дода шуд: - “Ба фикри Шумо сатҳи коррупсия дар куҷо баланд аст?”.

Тавре ки аз ҷавобҳо бармеояд, 47,8% мусоҳибон сатҳи коррупсияро дар ҳама ҷо як хел арзёбӣ намудаанд ва мавҷудияти ин зуҳуротро 46,1% дар шаҳр ва 5,9% дар деҳот нишон додаанд.




Муайян намудани сабабҳои чунин зуҳурот, яъне коррупсия дар соҳаи тандурустӣ ҳадафи асосии тадкиқоти мазкур маҳсуб мешавад. Бояд зикр намуд, ки ҷавобҳои табибон ва беморон дар ин самт бо ҳам хеле наздиканд. Масалан, ба саволи “Ба фикри Шумо дар соҳаи тандурустӣ сабаби асосии паҳн гардидани ҳолатҳои коррупсионӣ дар чист?” дар маҷмуъ 38,8% мусоҳибон, аз ҷумла мутаносибан 35,1% беморон ва 42,7% табибон сабаби асосиро дар “Сатҳи пасти музди меҳнат ё шароити зиндагӣ” арзёбӣ намуда, онро ба шароити иҷтимоӣ вобаста менамоянд. Дар баробари ин теъдоди зиёди пурсидашудагон ҷой доштани зуҳуроти мазкурро ба сатҳи пасти маънавиёти кормандони соҳа рабт дода, 17,3% умумии пурсидашудагон (19,4% беморон ва 14,9% табибон) сабаби дар соҳаи мазкур ҷой доштани коррупсияро дар “Кӯшиши ба даст овардани даромади иловагӣ” аз ҷониби баъзе табибон ва 11,7% дигар (12,8% беморон ва 10,5% табибон) дар “Бемасъулиятӣ ва бевиҷдонӣ аз тарафи мутахассисони соҳа” меҳисобанд.

| Ба фикри Шумо дар соҳаи тандурустӣ сабаби асосии паҳн гардидани ҳолатҳои коррупсионӣ дар чист? | Беморон | Табибон | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|
| Сатҳи пасти музди меҳнат ё шароити зиндагӣ | 35,1 | 42,7 | 38,8 |
| Кӯшиши ба даст овардани даромади иловагӣ | 19,4 | 14,9 | 17,3 |
| Номукаммал будани қонунгузории соҳа | 8,9 | 5,1 | 7,1 |
| Бемасъулиятӣ ва бевиҷдонӣ аз тарафи мутахассисони соҳа | 12,8 | 10,5 | 11,7 |
| Бемасъулиятӣ ё бетарафӣ аз тарафи аҳолӣ | 9,1 | 4,8 | 7,0 |
| Риоя накардани одоби касбӣ аз ҷониби кормандони соҳа | 7,4 | 12,1 | 3,8 |
| Ғайрикасбият ё паст будании савияи дониши кормандони соҳа | 5,0 | 4,2 | 8,4 |
| Дигар | 2,3 | 5,3 | 3,2 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Аз ҷавоб додан худдорӣ намуданд | 0,0 | 0,0 | 2,6 |
| Ҳамагӣ | 100 | 100 | 100 |

Ба хотири муайян намудани шаклҳои хизматрасониҳо, ки аз ҷониби табибон бештар маблағ талаб карда мешавад, ба мусоҳибон ба саволи “Ба фикри Шумо бештар дар кадом намуди хизматрасониҳои тиббӣ ҳолатҳои коррупсионӣ ба назар мерасанд?” муроҷиат карда шуд, ки онҳо ҷавобҳои зеринро интихоб намуданд: “Дар вақти бистаринамоӣ дар беморхонаҳо” - 14,7%, “Дар вақти харидани маводи тиббӣ (доруворӣ ва ғайра)” - 13,8%, “Ҳангоми ҷарроҳӣ гузаронидан” - 15,5%, “Ҳангоми гирифтани маълумотномаи тиббӣ (шакли 038)” - 11,7% ва ғайра.

| Ба фикри Шумо бештар дар кадом намуди хизматрасониҳои тиббӣ ҳолатҳои коррупсионӣ ба назар мерасанд? | Беморон | Табибон | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|
| Дар вақти бистаринамоӣ дар беморхонаҳо | 16,5 | 12,6 | 14,7 |
| Дар вақти харидани маводи тиббӣ (доруворӣ ва ғайра) | 13,4 | 14,3 | 13,8 |
| Ҳангоми ҷарроҳӣ гузаронидан | 14,9 | 16,2 | 15,5 |
| Дар вақти ташхис гузаштан | 11,1 | 6,9 | 9,2 |
| Ҳангоми машварати тиббӣ пурсидан | 5,4 | 3,8 | 4,7 |
| Ҳангоми  гирифтани маълумотномаи тиббӣ (шакли 038) | 12,5 | 10,7 | 11,7 |
| Ҳангоми гирифтани дафтарчаи санитарӣ | 7,9 | 11,6 | 9,7 |
| Ҳангоми пеш аз муҳлат ҷавоб додани бемор аз беморхона | 5,4 | 6,5 | 6,0 |
| Ҳангоми пинҳон кардани омилҳои тиббӣ (ҷароҳати ҷисмонӣ ва ғ.) | 5,7 | 9,8 | 7,6 |
| Дигар | 6,0 | 5,2 | 5,6 |
| Аз ҷавоб додан худдорӣ намуданд | 1,1 | 1,6 | 1,3 |
| Дар ҳамааш | 0,0 | 0,5 | 0,2 |
| Паст будани маош | 0,0 | 0,1 | 0,1 |
| Ҳамагӣ | 100,0 | 100,0 | 100,0 |

Тавре ки медонем дар байни табибону беморон ҳолатҳои мухталифе вуҷуд доранд, ки барои пардохти маблағи иловагӣ мусоидат мекунанд. Барои муайян намудани чунин ҳолатҳо ба мусоҳибон саволи “Ба фикри Шумо дар байни кормандони соҳаи тиб кадом шакли ҳолатҳои коррупсионӣ паҳн гардидаанд?” пешниҳод карда шуд, ки таҳлили он метавонад ба паҳлуҳои гуногуни масъала равшанӣ андозад. Дар ҷавобҳо аз ҷониби табибон ва беморон шаклҳои зоҳиршавии ҳолатҳои коррупсия нишон дода шудаанд, ки муҳимтаринашон инҳо мебошанд: “Барои хизматрасониашон гирифтани туҳфа” - 20,1%, “Хизматрасониҳои тиббии ройгонро бо баҳонаи ба сифати хуб расонидан маблағ талаб кардан” – 16,3%, “Тавсия додани харидории маводҳои доруворӣ аз ширкатҳои ватанӣ” - 14,7%.

Қобили қайд аст, ки фикри кулли мусоҳибон, яъне ҳам табибон ва ҳам беморон дар ин масъала бо ҳам хеле наздиканд, ки ин ҷавобҳоро боварибахш ва боътимод шуморидан мумкин аст.




Дар хусуси он ки “Оё дар муассисаҳои тандурустии минтақаи Шумо ҳолатҳои коррупсионӣ ба мушоҳида мерасанд?” беморон - 30,2%, табибон - 31,5% ва дар маҷмӯъ 30,8% мусоҳибон ҷавоби “Ҳа, баъзан”-ро интихоб намуда, ҳолатро якхела дарҷ намуданд. Ҷавоби сеюм, ки калидӣ маҳсуб мешавад, байни беморон ва табибон тафовути зиёдро нишон медиҳад. Масалан, ба ин савол 18,0% беморон ҷавоби “Ҳа, доим”-ро интихоб карда, зимнан табибон 4,5% чунин ҷавобро тасдиқ намуданд.




Паҳлуи дигари масъала аз он иборат аст, ки худи беморон то чӣ андоза ба ин масъала мусоидат мекунанд. Бо ин мақсад дар анкета чунин савол ворид карда шуд: “Оё Шумо барои ҳалли мушкилотатон дар ин самт (тандурустӣ) боре шудааст, ки ба ягон нафар маблағ ё тухфа пешниҳод намудед?” Рақамҳо нишон доданд, ки дар ин маврид мавқеи табибон ва беморон куллан якхела буда, ҷавобҳои “Ҳа” ва “Не” мутаносибан 28,3 ва 71,7%-ро ташкил медиҳанд. Ин ҷо хулосае пайдо мешавад, ки агар 28,3% худи табибон барои ҳалли мушкилоташон дар соҳаи тандурустӣ маблағ ё тухфа пешниҳод кунанд, пас ин далели мавҷудияти низоми қавии коррупсия дар соҳаи мазкур мебошад.




Доир ба идомаи саволи мазкур "Агар Ҳа, пас барои чӣ?" мавқеи табибону беморон гуногун буда, ҳар кас ба саволҳои дахлдор ҷавоб додааст. Бояд гуфт, ки аксари беморон – 50,7% ҷавоби "Барои саривақт ва босифат нигоҳубин намудани бемор" ва қисмати дигари он – 33,1% ҷавоби "Барои гирифтани маълумотномаи тиббӣ"-ро интихоб намуданд.

Дар ҷавобҳои табибон бошад, "Барои санҷишгарон"-38%, "План месупорам"-13,6%, "Барои ба вазифа қабул кардан" ва "Барои камбудиамро рӯйпӯш кардан"-10,9%-ро ташкил додааст.

| Агар Ҳа, пас барои чӣ? | Беморон | Табибон | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|
| Барои гирифтани маълумотномаи тиббӣ | 33,1 | 0,0 | 16,6 |
| Барои саривақт ва босифат нигоҳубин намудани бемор | 50,7 | 0,0 | 25,4 |
| Дигар | 16,2 | 15,6 | 15,9 |
| Барои ба вазифа қабул кардан | 0,0 | 10,9 | 5,4 |
| Барои санҷишгарон | 0,0 | 38,8 | 19,3 |
| Барои камбудиамро рӯйпӯш кардан | 0,0 | 10,9 | 5,4 |
| "План" месупорам | 0,0 | 13,6 | 6,8 |
| Аз ҷавоб додан худдорӣ намуданд | 0,0 | 10,2 | 5,1 |
| Ҳамагӣ | 100 | 100 | 100 |

Ҳамзамон ба саволи "Агар Не, пас барои чӣ?" теъдоди нисбатан зиёд-24,2% ҷавобҳои "Аз порадиҳӣ метарсам", 22,0% "Мушкилотамро метавонам бо дигар роҳ ҳал намоям", 19,2% "Аз рӯйи принсип" ва 19% дигар "Имконияти молиявӣ надорам"-ро интихоб намудаанд.

| Агар Не, пас барои чӣ? | Беморон | Табибон | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|
| Аз рӯйи принсип | 16,3 | 22,0 | 19,2 |
| Мушкилотамро метавонам бо дигар роҳ ҳал намоям | 22,3 | 21,7 | 22,0 |
| Имконияти молиявӣ надорам | 18,3 | 19,7 | 19,0 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Аз порадиҳӣ метарсам | 23,0 | 25,3 | 24,2 |
| Дигар | 12,3 | 7,6 | 9,9 |
| Аз ҷавоб додан худдорӣ намуданд | 7,7 | 3,0 | 5,3 |
| Дучор нашудаам | 0,0 | 0,7 | 0,3 |
| Ҳамагӣ | 100 | 100 | 100 |

Масъалаи дигаре, ки имрӯз дар соҳаи тандурустӣ боиси нигаронии беморон ва ҳам кормандони соҳаи мазкур гардидааст, ин ҷой доштани ҷамъоварии маблағҳо барои ҳалли мушкилоти дохилии муассисаҳои тиббӣ мебошад. Ин аст, ки ба саволи "Оё беморхонае, ки Шумо бистарӣ шудед ё маркази саломатии ҷойи истиқомат барои таъмир, харидани мизу курсӣ, маводи консельярӣ, доруворӣ ва ғайра маблағ ё кӯмак талаб намудааст?" дар маҷмуъ 28% табибону беморон баъзан ҷой доштан ва 9,7% ба таври мунтазам мавҷудияти ин амалро тасдиқ намудаанд.




Саволи навбатӣ "Агар Ҳа, пас барои чӣ?" ба он нафароне (9,7%) дахл дорад, ки мавҷудияти зуҳуроти дар боло зикргардидаро тасдиқ намуданд ва сабаби онро нишон диҳанд. Дар натиҷа самтҳои асосӣ ин таъмири муассиса – 25,9%, хизматрасонии тиббӣ – 31,3% ва барои гузаронидани чорабиниҳо-16,9%-ро ташкил медиҳад, ки инро ҳам табибон ва ҳам беморон тасдиқ намудаанд.




Бояд гуфт, ки барои муайян намудани ҳаҷми маблағ ё тухфаҳо ба мусоҳибон чунин савол “Маблағ ё туҳфае, ки Шумо барои як маротиба харочот мекунед, чанд сомониро ташкил медиҳад?” дода шуд. Аз ҷавоби аксари онҳо – 64,8% маълум гардид, ки ҳачми маблағ ё тухфаҳо аз 50 то 100 сомонӣ ва 9,2% аз 100 то 200 сомониро ташкил медиҳад.

| Маблағ ё туҳфае, ки Шумо барои як маротиба харочот мекунед, чанд сомониро ташкил медиҳад? | Беморон | Табибон | Ҳамаг ӣ |
|---|---|---|---|
| То 50 сомонӣ | 36,3 | 44,8 | 40,5 |
| Аз 50 то 100 сомонӣ | 23,3 | 25,2 | 24,3 |
| Аз 100 то 200 сомонӣ | 8,6 | 9,9 | 9,2 |
| Аз 200 то 500 сомонӣ | 6,1 | 6,2 | 6,2 |
| Аз 500 сомонӣ зиёд | 2,2 | 2,5 | 2,3 |
| Аз ҷавоб додан худдорӣ намуданд | 23,3 | 11,1 | 17,2 |
| Намедиҳам | 0,2 | 0,2 | 0,2 |
| Ҳамагӣ | 100 | 100 | 100 |

Пахлуи дигари масъала аз он иборат аст, ки пешниҳоди туҳфаҳо дар асоси майлу хоҳиш ё ин ки аз рӯи зарурат сурат гирифтааст. Дар ин замина ба мусоҳибон бо саволи “Маблағ ё туҳфае, ки Шумо пешниҳод намудед, хоҳиши худатон буд ё ба Шумо ишора карда гуфтанд?” мурочиат карда, тибқи ҷавобҳо маълум гардид, ки 46,0% беморон аз рӯи иродаи худ амал намуда, 11,4% бо талаб ва 17% бо ишораи ҷониби дигар иҷро намуданд.




Таҷриба ва мушоҳидаҳо собит месозанд, ки аз ҷониби беморон пешниҳод намудани маблағи муайян ва ё туҳфае ба табибон барои хизматҳояшон ба як анъанаи муқаррарӣ табдил ёфтааст. Вале ҳолатҳое мешаванд, ки чунин муносибат хусусияти маҷбурӣ мегирад, ки ин на барои ҳама қобили қабул аст. Бинобар ин, ба мусоҳибон ба чунин савол муроҷиат карда шуд: “Ба фикри Шумо дигар беморон, табибон ба чунин ҳолат, яъне ҷамъ намудани маблағ ё пешниҳоди туҳфа ба нафари дигар чӣ хел муносибат доранд?”.

Бояд зикр намуд, ки 31,6% беморон ҷавобҳои “Аксарияти онҳо чунин ҳолатро қабул доранд”, 36% “Аксарияти онҳо розӣ нестанд, аммо илоҷ надоранд” ва 13,4% “Аксарияти онҳо шикоят мекунанд”-ро интихоб намуданд. Хулоса, барои аксари зиёди беморон ин амал қобили қабул нест.

| Ба фикри Шумо дигар беморон ба чунин ҳолат, яъне ҷамъ намудани маблағ ё пешниҳоди тухфа ба нафари дигар чӣ хел муносибат доранд? | Беморон | Табибон | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|
| Аксарияти онҳо чунин ҳолатро қабул доранд | 31,6 | 29,3 | 30,5 |
| Аксарияти онҳо розӣ нестанд, аммо илоҷ надоранд | 36,0 | 41,4 | 38,7 |
| Аксарияти онҳо шикоят мекунанд | 13,4 | 6,4 | 9,9 |
| Дигар | 17,8 | 16,3 | 17,0 |
| Аз ҷавоб додан худдорӣ намуданд | 1,2 | 6,7 | 3,9 |
| Ҳамагӣ | 100 | 100 | 100 |

Натиҷаи ҷавобҳо ба саволи “Шумо аз кадом сарчашмаҳо оиди ҳолатҳои коррупсионӣ дар соҳаи тандурустӣ ахбор мегиред?” собит намуд, ки 38,8% аз

тариқи ахбори омма, 21,0% аз дӯстону наздикон, 23,5% аз шабакаҳои интернетӣ ва 14,4% аз таҷрибаи шахсӣ огаҳӣ пайдо мекунанд.

| Шумо аз кадом сарчашмаҳо оиди ҳолатҳои коррупсионӣ дар соҳаи тандурустӣ ахбор мегиред? | Беморон | Табибон | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|
| Аз васоити ахбори омма (телевизион, радио, газета) | 36,4 | 40,9 | 38,8 |
| Аз беморон, дӯстон ва хешу табор | 23,8 | 18,3 | 21,0 |
| Аз шабакаҳои интернетӣ | 20,2 | 26,6 | 23,5 |
| Аз таҷрибаи худам | 16,8 | 12,2 | 14,4 |
| Дигар | 2,8 | 1,3 | 2,0 |
| Аз ҷавоб додан худдорӣ намуданд | 0,0 | 0,7 | 0,3 |
| Ҳамагӣ | 100 | 100 | 100 |

Масъалаи дигаре, ки мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифт, ин муайян намудани назари табибон ба гирифтани пора мебошад. Ба мусоҳибон чунин савол пешниҳод гардид: “Ба фикри Шумо, агар ба ҳар нафаре аз кормандони соҳаи тиб пора пешниҳод гардад, ӯ ба гирифтани он розӣ мешавад?”.

Таҳлили натиҷаи ҷавобҳо собит сохт, ки оид ба ин масъала мавқеи табибон ва беморон тафовути зиёд дорад. Аз ҷумла, агар зимни пурсиш 23,4% беморон ҷавоби “Ҳа”-ро интихоб карда бошанд, худи табибон ҳамагӣ 12,5% ин ҷавобро дастгирӣ намудаанд. Ҳамзамон 32,2% беморон ва 40,8% табибон ба ин савол ҷавоби манфӣ додаанд.




Зимни тадқиқот донистани назари мардум дар хусуси он ки мавҷудияти коррупсияро чӣ гуна арзёбӣ мекунанд, аҳамияти муҳим дорад. Ба ин хотир ба мусоҳибон бо саволи “Ба андешаи Шумо коррупсия ҳолати муқаррарии ҳаёти ҳаррӯзаи мо аст ё ҳолате, ки кам ба назар мерасад?” муроҷиат карда шуд. Дар маҷмуъ 42,0% мусоҳибон коррупсияро чун “ҳолати муқаррарии ҳаёти ҳаррӯза” ва 40,6% чун “ҳолате, ки кам ба назар мерасад” арзёбӣ намуда, 12,7% дигар мавҷудияти онро инкор мекунанд.




Масоили дигари барои тадкикот мухим, ин муайян намудани сатҳи огаҳии мардум ва шуури ҳуқуқии онҳо зимни ба миён омадани ҳолатҳои коррупсионӣ мебошад. Ба саволи "Оё Шумо медонед, ки дар ҳолати ба миён омадани ҳолатҳои коррупсионӣ ба куҷо муроҷиат намоед?" – 62,9% мусоҳибон оид ба чунин ҳолатҳо огаҳӣ доштанд, вале 37,1% боқимонда қайд намуданд, ки дар чунин ҳолатҳо ба куҷо муроҷиат карданашонро намедонанд.




Нафароне, ки доир ба ин масъала огаҳӣ доштани худро тасдиқ намуда буданд, ба саволи "Агар Ҳа, пас ба куҷо муроҷиат кардан зарур аст?" 67,1% ҷавобҳои "Ба Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон", 16,0% "Ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ" ва 13,6% "Ба роҳбари муассисаҳои тандурустӣ"-ро интихоб намуданд. Аз ин бармеояд, ки теъдоди зиёди шаҳрвандон аз мавҷудият ва фаъолияти сохтори махсуси давлатӣ, ки бар зидди коррупсия мубориза мебарад, маълумот доранд.

| Агар Ҳа, пас ба куҷо муроҷиат кардан зарур аст? | Беморон | Табибон | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|

| | | | |
|---|---|---|---|
| Ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ | 18,1 | 14,3 | 16,0 |
| Ба Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ | 65,9 | 68,1 | 67,1 |
| Ба роҳбари муассисаҳои тандурустӣ | 11,6 | 15,2 | 13,6 |
| Дигар | 4,3 | 2,4 | 3,3 |
| Ҳамагӣ | 100 | 100 | 100 |

Ба саволи “Оё боре шудааст, ки Шумо оиди ҳолатҳои коррупсионӣ ба ягон мақомот ё роҳбари муассисаҳои тандурустӣ расман муроҷиат карда бошед?” ҳамагӣ 4,9% мусоҳибон, аз ҷумла 8,0% беморон ва 1,8% табибон ҷавоби мусбӣ дода, дар маҷмуъ 95,1% тасдиқ намудаанд, ки вобаста ба ин ҳолат муроҷиат накардаанд.




Идомаи мантиқии ин савол аз он иборат аст, ки барои чӣ шаҳрвандон зимни рух додани ҳолатҳои коррупсионӣ ба мақомоти дахлдор муроҷиат намекунанд. Бинобар ин, бо чунин савол ба мусоҳибон муроҷиат намудем, ки “Агар Не, пас барои чӣ?” Бояд гуфт, ки ҷавобҳо хеле нигаронкунанда буда, нобоварии шаҳрвандон нисбат ба мақомотҳои давлатиро нишон медиҳад. Тавре аз ҷавобҳо бармеояд, дар умум 18,5% изҳор намуданд, ки ба мақомоти давлатӣ бовар надорам, 27,8% изҳор намуданд, ки муроҷиат намудан бефоида аст, 24,9% изҳор намуданд, ки масъулони муассисаҳои тандурустӣ аз амалҳои коррупсионии кормандонашон дарак доранд, вале чора намеандешанд.

| Агар Не, пас барои чӣ? | Беморон | Табибон | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|
| Ба мақомотҳо бовар надорам | 23,1 | 13,9 | 18,5 |
| Аз муроҷиат ба мақомотҳои дахлдор хаста шудам | 4,0 | 1,6 | 2,8 |
| Муроҷиат кардан фоида надорад | 17,5 | 38,1 | 27,8 |
| Роҳбарияти муассисаҳои тандурустӣ аз амалҳои коррупсионии кормандонашон дарак доранд, вале чора намеандешанд. | 16,4 | 33,3 | 24,9 |
| Дигар | 26,8 | 9,9 | 18,4 |
| Аз ҷавоб додан худдорӣ намуданд | 12,2 | 3,2 | 7,7 |
| Ҳамагӣ | 100 | 100 | 100 |

Дар саволи навбатӣ “Ба фикри Шумо дар се соли охир сатҳи ба ҳолатҳои коррупсионӣ даст задани аҳолӣ чи гуна тағйир ёфтааст?” аз ҷониби мусоҳибон, ки

дар шакли ҷавобҳои озод пешниҳод гардид, андешаҳои мухталифу зиёд баён карда шуданд. Дар бораи чӣ гуна тағйир ёфтани ҳолатҳои ба коррупсия даст задани аҳолӣ дар ҷавобҳо ду лаҳзаи муҳим аст: “Ба назар намерасад ё кам шудааст”-21,0%; “Зиёд шудааст” -22,8%. Теъдоди дигари мусоҳибон – 4,4% зикр “Кам ба назар мерасад.” Ин ҷо ҷавобҳои беморон ва табибон мавриди муқоиса қарор мегирад, ки байни онҳо тафовути зиёд вуҷуд дорад. Масалан, камшавии ҳолатҳои коррупсионӣ аз ҷониби беморон 15,2% ва аз ҷониби табибон 26,8% арзёбӣ шудааст. Аз ин бармеояд, ки беморон дар ҳаёти ҳаррӯзаашон нисбати ба табибон ба ҳолатҳои коррупсионӣ бештар дучор мешаванд.

Зимни тадқиқот бо мақсади бартараф намудани мушкилоти дар ин самт ҷойдошта ба мусоҳибон бо чунин савол мурочиат карда шуд: “Ба фикри Шумо барои бартараф намудани ҳолатҳои коррупсионӣ дар соҳаи тандурустӣ чӣ кор бояд кард?” Дар натиҷа барои бартараф намудани ин зуҳурот дар соҳаи тандурустӣ дар умум 39,1% ҷавобҳои “Беҳтар намудани шароити зиндагӣ, баланд бардоштани музди меҳнат” ва 16,1% мусоҳибо “Баланд бардоштани фаҳмиши аҳолӣ оиди мубориза бар зидди коррупсия”-ро интихоб намуданд.

| Ба фикри Шумо барои бартараф намудани ҳолатҳои коррупсионӣ дар соҳаи тандурустӣ чӣ кор бояд кард? | Беморон | Табибон | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|
| Беҳтар намудани шароити зиндагӣ, баланд бардоштани музди меҳнат | 35,9 | 42,4 | 39,1 |
| Мукаммал намудани қонунгузории соҳа | 8,7 | 8,6 | 8,7 |
| Фаҳмиши аҳолиро оиди мубориза бар зидди коррупсия баланд бардоштан | 15,4 | 16,8 | 16,1 |
| Ба ҷавобгарӣ кашидани шахсоне, ки ба ин ҳолат даст мезананд | 5,5 | 7,6 | 6,5 |
| Назоратро пурзӯр кардан | 8,1 | 8,7 | 8,4 |
| Коррупсияро аввал дар сатҳи мақомоти болоӣ нест кардан лозим | 9,3 | 14,9 | 12,1 |
| Ҳамкорӣ намудани мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ бо аҳолӣ | 5,6 | 0,0 | 2,8 |
| Иттилоотонии аҳолӣ аз оқибатҳои зараровари коррупсия тариқи васоитаи ахбори омма ва шабакаҳои интернетӣ | 9,2 | 0,0 | 4,7 |
| Дигар | 1,2 | 1,0 | 1,1 |
| Аз ҷавоб додан худдорӣ намуданд | 1,2 | 0,0 | 0,6 |
| Ҳамагӣ | 100 | 100 | 100 |

Ба саволи “Оё Шумо суроға, рақами телефони боварӣ ё почтаи электронии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро медонед?” ҳамагӣ 26,5% ҷавоби тасдиққунанда дода, 73,5% ҷавоби манфӣ пешниҳод карданд




Саволи ҷамъбастӣ ба мусоҳибон “Шумо дар соҳаи тандурустӣ чӣ гуна тағйиротҳои мусбиро мушоҳида менамоед?” саволи озод буда, хусусиятҳои гуногун доранд, вале ҷавоби дахлдор – “Беҳтару хубтар шуда истодааст”- 19,4% ва “Бад шудааст”-0,4%-ро ташкил медиҳад. Яъне сари ин масъала ҷавобҳои дақиқу мантиқӣ пешниҳод нашудаанд.

Дар рафти баргузории тадқиқот дар баробари саволҳои мушаххаси дар анкета воридшуда саволҳо ва пурсишҳое буданд, ки ҷавобҳои инфиродӣ ва муфассалро талаб мекарданд. Табибон ва роҳбарони муассисаҳои тандурустӣ дар суҳбатҳо ҷой доштани маблағситониро инкор накарданд. Вале шарҳ доданд, ки дар бештари мавридҳо ин амал бо дастури мақомоти болоӣ рух медиҳад. Барои баргузории чорабиниҳо, қабули меҳмонон, санҷишгарон аз вазорати тандурустӣ ва сохторҳои гуногуни он ҳатман ҷамъоварии маблағи муайян зарур мешавад, ки ҳамаи ин дар маҷмуъ аз ҳисоби беморон ва дар ҳолатҳои зиёд аз маоши кормандони муассисаҳои тиббӣ пардохта мешаванд. Аз ин рӯ, аксари табибон ва ҳатто роҳбарони муассисаҳои тиббӣ аз кор даст мекашанд. Зеро на ҳамаи духтурон имконияти ҷамъоварии маблағро доранд. Ҳамаи ин омилҳо табибонро дилмонда ва рӯҳафтода намуда, боиси тарки соҳа ё муҳоҷиратро интихоб намудани онҳо мегардад.

Ҳамчунин бояд зикр намуд, ки зимни суҳбатҳои инфиродӣ бо кормандони соҳаи тиб, хусусан, сардухтуру мудирони шуъбаҳои беморхонаҳо ва дигар муассисаҳои соҳаи тандурустӣ доир ба санҷишҳои бемаврид ва ғаразнок аз ҷониби Хадамоти назорати давлатию санитарии эпидемиологӣ, ки ҳатман бо ситонидани маблаги муайян анҷом меёбанд, изҳори нигаронӣ намуданд. Аз суҳбати табибон бармеояд, ки дар фаъолияти ин сохтор ҳамеша амалҳои коррупсионӣ мушоҳида мешаванд.

Хулоса, таҳлил ва арзёбии назарсанҷӣ доир ба масъалаи муайян намудани сатҳи коррупсия дар соҳаи маориф ва тандурустӣ нишон дод, ки дар соҳаҳои номбурда ҳолатҳои коррупсионӣ воқеан дар сатҳи муайян ҷой доранд. Ҳамчунин омӯзиши афкори умум доир ба ин самти ҳаёти иҷтимоии мардум собит намуд, ки

коррупсия чун зуҳуроте, ки дар рушди бомароми кишвар, аз ҷумла рӯзгори мардум зарари ҷиддӣ ва моддию маънавӣ мерасонад, бояд пешгирӣ карда шавад. Илова бар ин маълум гардид, ки шаҳрвандон сарфи назар аз нигарониҳояшон нисбат ба ин падидаи номатлуб чандон фаъол нестанд. Аз ҷумла, васоити ахбори омма низ дар ин самт фаъолияти назаррас надорад. Тавре ки натиҷаи пурсишҳо нишон дод, теъдоди ками мардум доир ба ҳолатҳои коррупсионӣ аз васоити ахбори омма иттилоъ пайдо мекунанд.

Бинобар ин, барои таҳкими ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон, вусъат бахшидани мубориза бо ҳолатҳои коррупсионӣ, ҳамчунин тақвияти боварии мардум ба мақомоти расмии давлатӣ дар мубориза бар зидди коррупсия, хусусан дар соҳаи маориф ва тандурустӣ бояд тадбирҳои зарурӣ ва саривақтӣ амалӣ карда шаванд.

Мубориза бо коррупсия набояд танҳо ҳамчун вазифаи мақомоти расмии давлатӣ, балки ҳамчун фаъолияти дастҷамъонаи мақомот ва аҳли ҷомеа арзёбӣ ва фаҳмида шавад. Ҳамкории мутақобилаи мақомоти давлатӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ шароит фароҳам меоварад, ки эътимоди мардум ба сохторҳои давлатӣ зиёд гардад. Пурсиш нишон дод, ки теъдоди муайяни мардум ба мақомот боварӣ надоранд ва бо ин сабаб аз ҳамкорӣ ва ҳатто мурочиат ба он худдорӣ мекунанд.

Аз ин рӯ, масъулини соҳа ва дигар мақомоти давлатиро зарур аст, ки бо мардум ҳамкории зич дошта, нисбат ба арзу шикоят ва дигар шаклҳои муроҷиати онҳо сари вақт чораҷӯӣ намуда, муносибати воқеъбинона дошта бошанд.

Барои таҳкими фаъолияти босамари мубориза бо коррупсия ҳамкории мақомоти расмии давлатӣ бо васоити ахбори давлатию ғайридавлатӣ зарур аст. Тавре ки пурсиш нишон дод, теъдоди муайяни мардум доир ба ҷой доштани ҳолатҳои коррупсионӣ аз зиндагии шахсии худашон маълумот пайдо мекунанд. Яъне ҳангоми рӯ ба рӯ шудан бо коррупсия аз мавҷудияти он огаҳӣ меёбанд. Истифода набурдан аз ин аслиҳаи тавоно – васоити ахбори омма далели гуфтаҳост.

Ҳамчунин тадқиқот нишон дод, ки аксари мусоҳибон доир ба фаъолияти мақомоти расмии давлатӣ дар мубориза бо коррупсия маълумоти саҳеҳ ва пурра надошта, бештари вақт ба кӣ ва ба куҷо муроҷиат карданашонро намедонанд.

Аз ин лиҳоз, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри пешгирии содиршавии амалҳои коррупсионӣ ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҳамбастагӣ бо Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ширкатҳои мобилии кишвар иқдоми ҳамешагиро идома дода, дар соли 2023 ирсоли паёмакҳоро ба шаҳрвандон бо мазмуни “Агар бо ҳолатҳои коррупсионӣ рӯ ба рӯ шудед, бо телефонҳои: 224-23-23, 880006377 (Whatsapp baViber) ё почтаи «info@anticorruption.tj» ба мақомоти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намоед” ба нақша гирифтааст.

Дар банди 70 нақшаи стратегия “Мониторинги иҷрои Стратегия ва баррасии натиҷаҳои он дар ҷаласаҳои Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсия” пешбинӣ карда шудааст.

Вобаста ба иҷрои ин банд мониторинги ҳолати иҷрои Стратегия аз ҷониби Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 гузаронида шуд, ки натиҷаи он чунин арзёбӣ мегардад.

# М А Ъ Л У М О Т

оид ба иҷрои бандҳои Нақшаи чорабиниҳои амалисозии “Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, мухлати иҷро ва иҷрокунандагони асосӣ

| Бандҳои нақшаи Стратегия | Иҷрокунандагони асосӣ | Мухлати иҷро | Қайд оиди иҷро |
|---|---|---|---|
| Банди 1 | Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар, новобаста аз шакли моликият | Соли 2021 | иҷро |
| Банди 2 | Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар, новобаста аз шакли моликият | Соли 2021 | иҷро |
| Банди 3 | Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсия | Мунтазам | иҷро |
| Банди 4 | Вазорати молия | Мунтазам | иҷро |
| Банди 5 | Агентии хизмати давлатӣ | Мунтазам | иҷро |
| Банди 6 | Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, Бонки миллӣ, мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот, ташкилоту муассисаҳои дигари давлатӣ | Мунтазам | қисман иҷро |
| Банди 7 | Агентии хизмати давлатӣ | Солҳои 2021-2024 | қисман иҷро |
| Банди 8 | Прокуратураи генералӣ | Солҳои 2021-2025 | қисман иҷро |
| Банди 9 | Агентии хизмати давлатӣ | Солҳои 2021-2025 | иҷро |
| Банди 10 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия | Мунтазам | қисман иҷро |
| Банди 11 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ | Солҳои 2021-2022 | қисман иҷро |
| Банди 12 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ | Солҳои 2021-2025 | иҷро |
| Банди 13 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ | Солҳои 2021-2025 | қисман иҷро |
| Банди 14 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ | Солҳои 2021-2025 | қисман иҷро |
| Банди 15 | Хадамоти зиддиинҳисорӣ | Мунтазам | қисман иҷро |
| Банди 16 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ | Солҳои 2021-2023 | қисман иҷро |
| Банди 17 | Мақомоти судӣ | Солҳои 2021-2025 | қисман иҷро |
| Банди 18 | Мақомоти судӣ | Мунтазам | қисман иҷро |
| Банди 19 | Суди Олӣ | Солҳои 2021-2023 | қисман иҷро |
| Банди 20 | Академияи идоракунии давлатӣ | Солҳои 2021- | иҷро |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | 2023 | |
| Банди 21 | Вазорати маориф ва илм | Солҳои 2022-2024 | ноиҷро |
| Банди 22 | Вазорати маориф ва илм | Мунтазам | қисман иҷро |
| Банди 23 | Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар, новобаста аз шакли моликият | Солҳои 2021-2025 | қисман иҷро |
| Банди 24 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ | Солҳои 2021-2023 | иҷро |
| Банди 25 | Вазорати корҳои дохилӣ | Солҳои 2021-2025 | ноиҷро |
| Банди 26 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | Солҳои 2021-2022 | қисман иҷро |
| Банди 27 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | Солҳои 2021-2025 | қисман иҷро |
| Банди 28 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | Мунтазам | қисман иҷро |
| Банди 29 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | Мунтазам | иҷро |
| Банди 30 | Кумитаи андоз | Мунтазам | иҷро |
| Банди 31 | Вазорати молия | Мунтазам | қисман иҷро |
| Банди 32 | Кумитаи андоз | Солҳои 2021-2023 | қисман иҷро |
| Банди 33 | Кумитаи андоз | Солҳои 2021-2023 | иҷро |
| Банди 34 | Кумитаи андоз | Солҳои 2021-2022 | иҷро |
| Банди 35 | Хадамоти гумрук | Солҳои 2021-2025 | қисман иҷро |
| Банди 36 | Хадамоти гумрук | Солҳои 2021-2022 | иҷро |
| Банди 37 | Хадамоти гумрук | Мунтазам | ноиҷро |
| Банди 38 | Хадамотҳои гумрук | Мунтазам | ноиҷро |
| Банди 39 | Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ | Мунтазам | қисман иҷро |
| Банди 40 | Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ | Мунтазам | қисман иҷро |
| Банди 41 | Вазорати адлия | Мунтазам | қисман иҷро |
| Банди 42 | Вазорати адлия | Солҳои 2021-2023 | қисман иҷро |
| Банди 43 | Вазорати адлия | Мунтазам | иҷро |
| Банди 44 | Бонки миллӣ | Солҳои 2021-2023 | қисман иҷро |
| Банди 45 | Бонки миллӣ | Солҳои 2021-2023 | қисман иҷро |
| Банди 46 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ | Солҳои 2021-2023 | иҷро |
| Банди 47 | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти | Мунтазам | иҷро |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | давлатӣ | | |
| Банди 48 | Кумитаи телевизион ва радио | Мунтазам | иҷро |
| Банди 49 | Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар, новобаста аз шакли моликият | Мунтазам | қисман иҷро |
| Банди 50 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия | Солҳои 2021-2022 | қисман иҷро |
| Банди 51 | Вазорати молия | То соли 2025 | қисман иҷро |
| Банди 52 | Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар новобаста аз шакли моликият | Мунтазам | қисман иҷро |
| Банди 53 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия | Мунтазам | қисман иҷро |
| Банди 54 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия | Мунтазам | қисман иҷро |
| Банди 55 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия | Мунтазам | иҷро |
| Банди 56 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия | То соли 2025 | қисман иҷро |
| Банди 57 | Бонки миллӣ | Мунтазам | қисман иҷро |
| Банди 58 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия | Солҳои 2021-2025 | қисман иҷро |
| Банди 59 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия | Солҳои 2021-2025 | қисман иҷро |
| Банди 60 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия | Солҳои 2021-2023 | қисман иҷро |
| Банди 61 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия | Солҳои 2021-2022 | қисман иҷро |
| Банди 62 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия | Солҳои 2021-2022 | иҷро |
| Банди 63 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия | То соли 2025 | қисман иҷро |
| Банди 64 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия | Мунтазам | иҷро |
| Банди 65 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия | Мунтазам | иҷро |
| Банди 66 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия | Мунтазам | иҷро |
| Банди 67 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия | Солҳои 2021-2025 | қисман иҷро |
| Банди 68 | Вазорати корҳои хориҷӣ | Солҳои 2021-2025 | ноиҷро |
| Банди 69 | Маркази тадқиқоти стратегӣ | Солҳои 2021-2025 | иҷро |
| Банди 70 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия | Солҳои 2021-2025 | иҷро |

Муҳлати иҷрои 9 банди Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегия барои марҳилаи якум (солҳои 2021-2025) дар солҳои 2021 ва 2022 пешбинӣ гардида, аз ин ҳисоб 5 банд (1, 2, 34, 36, 62) иҷро ва 4 банди дигар (11, 26, 50, 61) қисман амалӣ карда шудааст.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки дар муҳлати муқарраршуда таъмин нагаштани чорабиниҳое, ки аз талаботи бандҳои 11, 26, 50, 61 нақшаи стратегия бармеоянд ва иҷрокунандагони асосии онҳо Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон махсуб меёбанд, бинобар дар баррасӣ қарор доштани лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии таҳиянамуда, мавқуф гузошта шудани такмили қонунгузорӣ дар баъзе самтҳо ва дарёфти манбаи маблағгузорӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, натиҷаи мониторинги ҳолати иҷрои Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 нишон дод, ки аз 70 банди нақшаи стратегия иҷрои 25 банд ё ин ки 35,7% пурра таъмин карда шуда, 40 банд ё худ 57,2% қисман ва 5 банди он, ки 7,1%-ро ташкил медиҳанд ба иҷро расонида нашудааст.

Сабаби ноиҷро ё қисман иҷрогардида баҳогузорӣ намудани чорабиниҳои нақшаи стратегия аз он бармеояд, ки дар аксар мавридҳо маълумоти пешниҳоднамудаи вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тамоми бандҳои дахлдори нақшаро фарогир набуда, мухтасар ё нопурра таҳия гардидааст.

Асоси дигар бошад, риоя нагардидани муқаррароте, ки дар эзоҳи Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегия барои марҳилаи якум (солҳои 2021-2025) оварда шудааст, мебошад. Яъне иҷрокунандагони якум дар таъмини иҷрои бандҳои нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия масъул буда, дар мавридҳои зарурӣ гурӯҳҳои кории байниидоравӣ таъсис медиҳанд ва вобаста ба бандҳое, ки дар онҳо иҷрокунандаи асосӣ махсуб меёбанд, иттилоотро бо маълумоти ҳамиҷрокунандагон ва иҷрокунандагони умумӣ омода ва пешниҳод менамоянд. Вазорату идораҳо ва ташкилотҳои дигаре, ки дар таъмини иҷрои бандҳои хусусияти умумидошта ба ҳайси вазорату идораҳои дахлдор масъуланд, маълумотро бевосита ба Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур менамоянд.

Мониторинги гузаронида собит намуд, ки масъулини иҷро дар мавриди татбиқи чорабиниҳои стратегия ба кашолкорӣ роҳ дода, маълумоти дахлдорро ба иҷрокунандаи якуми бандҳои нақша ё ҷамъоварандаи мавод (Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) ирсол намекунанд. Ҳамзамон аз ҷониби масъулони асосӣ иттилооти зарурӣ сари вақт ҷамъоварӣ карда намешавад.

Ҳолатҳои болозикр барои гузаронидани мониторинги босифат, баҳодиҳии воқеии татбиқи чорабиниҳои нақшаи стратегия, инчунин арзёбии самарабахши онҳо монеа эҷод менамояд.

Дар маҷмӯъ дар соли 2022 дар вазорату идораҳо, муассисаҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят, шаҳр ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ 205 санҷишу таҳлили ҳолати иҷрои Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 гузаронида шуда, ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои дар ин самт ошкоргардида унвонии вазорату муассисаҳои санҷидашуда 123 пешниҳод ва 384 дастури хаттӣ таҳия ва ирсол гардида, барои иҷро накардани чорабиниҳои барномаи давлатии зиддикоррупсионӣ 353 нафар масъулини ин ниҳодҳо тибқи моддаи 663[1] Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуданд.

Маврид ба зикр аст, ки самтҳои асосии “Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи мазкур барои марҳилаи якум (солҳои 2021-2025)” баҳри мукаммалгардонии қонунгузории миллӣ ба талаботи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, таҳлили мунтазами вазъи содиршавии ҷиноятҳои ба коррупсия алоқаманд, тақвият бахшидани пешгирии коррупсия дар соҳаҳои хизмати давлатӣ, маорифу тандурустӣ, андозу гумрук, хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ ва дигар соҳаҳое, ки фаъолияташон аз нигоҳи коррупсия осебпазир маҳсуб меёбанд, иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ ва васоити ахбори омма дар раванди муқовимат ба коррупсия ва баланд бардоштани сатҳи маърифати зиддикоррупсионии аҳолӣ, мукаммалгардонӣ ва ислоҳоти низоми идоракунии назорати давлатии молиявӣ, ҷорӣ намудани ҳукумати электронӣ ҷиҳати бартараф намудани омилҳои инсонӣ, муқовимат ба коррупсия тавассути татбиқи чораҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ, маъмурӣ ва интизомӣ, экспертизаи давлатии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои онҳо, тақвият бахшидани таҳлили хавфҳои коррупсионӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ дар раванди пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия равона гардида, татбиқи саривақтии он ҷиҳати коҳиш ва бартараф намудани коррупсия ва расидан ба ҳадафҳои дар ин самт пешгирифтаи Ҳукумати кишвар нақши калидӣ дорад.

Аз ин рӯ, амали ин барномаи давлатии зиддикоррупсионӣ ҳадафҳои дурнамо ва нишондодҳои асосии сиёсати зиддикоррупсионии давлат дар ҳалли вазифаҳо афзалиятнок маҳсуб ёфта, фарогири ноил гардидан ба дастовардҳои мушаххас дар заминаи истифодаи оқилонаи иқтидорҳо дар самти муқовимат ба коррупсия мебошад.

Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза
бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон